Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

*Ба ҳукми дастнавис*

УДК: 159. 9 (575. 3)
ББК: 88. 6 (2 Т)
Ғ: - 94

**ҒУЛОМЗОДА САБЗАЛИ ЭМОМАЛИ**

# ХУСУСИЯТҲОИ ЗОҲИРШАВИИ АГРЕССИЯ ДАР РАФТОРИ НАВРАСОН ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ КАРДАНИ ОНҲО

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ

Роҳбари илмӣ: дотсент Раҷабзода Н.М.

Душанбе – 2025

## МУНДАРИҶА

**ИХТИСОРАҲО** ............................................................................ 3

**МУҚАДДИМА**............................................................................................ 4

**БОБИ I. ОМӮЗИШИ ПАДИДАИ АГРЕССИЯ ДАР ПСИХОЛОГИЯ ВА ИЛМҲОИ БА ОН АЛОҚАМАНД**................ 15

1.1. Назарияҳои олимон оид ба агрессия – омилҳои ирсӣ ва иҷтимоии рафтори агрессивӣ ........................................................ 15

1.2. Агрессия ва муайян кардани ҳудуди рафтори агрессивӣ дар наврасон.................................................................................................. 24

1.3. Хусусиятҳои иҷтимоӣ - психологии зоҳиршавии агрессия дар наврасон ................................................................................................ 36

1.4. Роҳҳои пешгирию ва ислоҳнамои рафторҳои агрессивӣ дар наврасон.................................................................................................. 56

Хулосаи боби аввал................................................................................... 70

**БОБИ 2. ТАҲҚИҚИ АМАЛИИ ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ НАВРАСОНИ МАЙЛ БА РАФТОРИ АГРЕССИВИДОШТА**........................................................ 73

2.1. Тавсифи методҳои таҳқиқӣ ва хусусиятҳои психологии наврасони майл ба рафтори агрессивидошта.................................. 73

2.2. Коркарди натиҷаҳои ташхиси хусусиятҳои наврасони майл ба рафтори агрессивидошта ............................................................... 85

Хулосаи боби дуюм.................................................................................... 143

Хулосаи умумӣ............................................................................................ 147

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ................. 150

**МАЗМУН ВА МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ЁФТАНД:** ........ 152

Руйхати адабиёт ........................................................................ 153

## ИХТИСОРАҲО

**МТМУ-**Мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ

**МДТ-** Муассисаи давлатии таълимӣ

**ВАО-**Васоити ахбори омма

**ВКД-** Вазорати корҳои дохилӣ

# Муқаддима

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дигаргуншавии тезутунди вазъи сиёсиву иқтисодӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, бархӯрдҳои хунину харобиовар дар нуқтаҳои гуногуни сайёра, кам гаштани сатҳи таҳаммулпазирӣ миёни намояндагони қавму фарҳангҳо ва динҳои мухталиф, зиёд гаштани миқдори қонунвайронкуниҳо аз ҷониби наврасону ҷавонон – ин маҷмуи нотамоми масълаву муаммоҳои сарбастаи инсоният дар давраи кунунии таърихӣ маҳсуб меёбад.

Тоҷикистони соҳибистиқлол чун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таъсири мушкилотҳои солҳои охир дар канора буда наметавонад. Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ки Тоҷикистон як ҷузъи таркибии он буд, шикасти арзишҳои сунаттӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он ба мафкураи насли наврас бетаъсир намонд. Зуҳуроти номатлуби "сарварӣ" дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муноқишаҳои наврасони муассисаҳои таълимии гуногун миёни ҳам, ки баъзан ҳатто ба ҷароҳат бардоштан ва марги иштирокчиёни он анҷом мепазирад, зиёд гардидани сафи наврасони ҷиноятпеша – аз муаммоҳои ҳалталаб мебошанд, ки назди ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистони тозаистиқлол қарор доранд.

Дар қаринаи муаммоҳои мазкур таҳқиқу омӯзиши сарчашмаҳои хушунату зӯроварӣ дар инсон, омӯзиши дақиқ ва ошкор сохтани қонуниятҳои ташаккулу рушди зуҳуроти мазкур мубрамияти хоссаро касб мекунад. Ин ба мо имкон медиҳад, то саривақт эътино намуда, ин зуҳуроти номатлубро пешгирӣ намоем.

**Сатҳи пажӯҳиши мавзуъ.** Яке аз зуҳуроти муҳимми психологӣ, ки метавонад омили бавуҷудоӣ ва шаклгирии амалҳои зуроварона ва рафтори девиантӣ дар кӯдакону наврасон бошад, агрессия маҳсуб меёбад. Дар илми психология агрессия гуфта, хусусияти шахсро дар назар доранд, ки дар истифодаи зӯровариҳои психологию ҷисмонӣ баҳри расидан ба мақсад ифода меёбад [5, с.54].

Таҳқиқоти доир ба масъалаи агрессия анҷомёфта маъмулан ба

ҷанбаҳои зерин бахшида шудаанд: коркарди консепсияи агрессия ва агрессивнокӣ; муайян кардани вазифаҳои агрессия, детерминантҳои биологӣ ва иҷтимоии агрессия, шароитҳое, ки зуҳуроти агрессияро муайян мекунанд; муайян намудани хусусиятҳои фардӣ ва ҷинсиву синнусолии рафтори агрессивӣ ва роҳҳои пешгирии он П.В. Агапов [116]., А. Адлер [3], З. Фрейд [95], Э. Фромм [99], В.Г Ананев [6], С. Қодиров [36], Н.М. Раҷабов [123], Б.Х. Саидзода [126], З.Р. Сафарова [127], М.Д. Комилова [38], Н.Ф. Абдурашитов [115]. ва диг.).

То имрӯз дар психология заминаи ғании таҳқиқотӣ ҷамъ оварда шудааст, ки дар он нақши оила, муносибатҳои кӯдак ва волидон дар ташаккули агрессия, нақши таъсири тарбиявӣ, пеш аз ҳама, ҷазо дар рушди агрессия дар кӯдак таҳлил карда шудааст. Баҳо дода шудааст, ки хусусиятҳои агрессияи наврасон, ки одатан метавонанд, аксуламалҳои вобаста ба синну сол бошанд ва умуман муносибатро бо дигарон халалдор накунанд А.А. Булгаков [16], Э.Г. Вагенес [117], Г. Зубова [33], Н.И., Корытченкова [120], В.С. Мухина [63], Д.Я. Райгородский [72], Е.М. Рахковская [124], Р.Скиннер [85], Л.М. Семенюк [84], И. А. Фурманов [101],[102].

Таҳлили назариявии таҳқиқоти ба масъалаи мавриди назар бахшидашуда нишон дод, ки дар адабиёти хоириҷӣ мавзуи агрессия ва агрессивнокӣ васеъ муҳокима мегардад: микдори зиёди консепсияҳои назариявӣ офарида шудаанд, таҳқиқоти сершумори озмоишӣ гузаронида шуда, ки ба ошкор намудани сабабҳо ва омилҳои мусоидаткунандаи рушди рафтори агрессивии кӯдакону наврасон равона гардидаанд. Масъалаҳои алоқамандӣ миёни муносибати волидон ба амалҳои агрессивии фарзандони худ ва рафтори агрессивона аз ҷониби фарзандон ва инчунин алоқамандии байниҳамӣ миёни хушунат ва рафтори девиантӣ ба хубӣ аз ҷониби олимон Бандура А., Уолтерс Р. таҳқиқ гардидаанд [8]. Самти дигари муҳим, ки мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст, ин алоқамандии байниҳамии рафтори агрессивии кӯдакон бо инкишофи

зеҳнӣ ва инчунин фарқиятҳои ҷинсӣ дар намуд ва дараҷаҳои агрессияи кӯдакону наврасон мебошад [40].

Анъанаи аз нуқтаи назари генетикӣ ё иҷтимоӣ шарҳ додани зуҳуроти психологӣ ба таҳқиқи масъалаи агрессия низ таъсир гузошт. Аз рӯи ин маҳак назарияҳои мавҷударо дар мавриди агрессия ва агрессивнокӣ шартан ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: гурӯҳ якум назарияҳоеро фаро мегирад, ки дар онҳо агрессивнокӣ ҳамчун хосияти модарзодӣ, ғаризавии фард маънидод карда мешавад Ч.Дарвин [22], Ч.Ломброзо [51], К.С. Лебединская [45], З. Фрейд [98]. Гурӯҳи дуюмро консепсияҳое ташкил медиҳанд, ки агрессияро ҳамчун хусусияти бадастовардашудаи рафтор баррасӣ мекунанд (Л. Берковитс [12], И.А Фурманов [101].)

Тайи солҳои охир ҷанбаҳои зерини масъалаи агрессивнокии кӯдакона ва наврасӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд: омӯзиши сабабҳои биологии агрессивнокӣ ва инчунин нақши оила ва муносибатҳои оилавӣ дар ташаккули рафтори агрессивӣ Н. Ф.Абдурашитов [115]., З. Р. Сафарова [127]., А.И. Захаров [30], А.М. Прихожан [67] ҷустуҷӯи роҳҳои ислоҳи тамоюлҳои эмотсионалӣ, душвориҳо дар рафтор, аз он ҷумла, рафтори агрессивӣ (С. Қодиров [36]., Н.М. Раҷабов [123]., Б.Х. Саидзода [126]. Н. Абдурашитов [115], А.И. Захаров [30]; хусусияти рафтори агрессивии хонандагони гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ ва ҷинсӣ (Реан А. Семенюк Л.М.[75]); [76]; [78]; омӯзиши хусусиятҳои психологии наврасоне, ки даст ба ҳуқуқвайронкунӣ мезананд (Н.Ф. Абдурашитов[115], Н.М. Раҷабов [123], Л.Н. Собчик [88], Д.И. Фельдштейн [91],[92],[94]; таъсири ВАО ба рушди рафтори агрессивии кӯдакону наврасон (С. Н. Ениколопов [24]., С. Л. Колосова [37]); таҳқиқи хусусиятҳои рафтори агрессивӣ дар МТМУ (О.Н. Истратова [34]., С. Л. Колосова [37).

Ҳамин тариқ, таҳлили назариявии адабиёти марбута нишон дод, ки дар самти муайян намудани хусусиятҳои зоҳиргардии агрессия дар

рафтори кӯдакону наврасон ва роҳҳои пешгирии он дар кишвар таҳқиқоти мукаммалу ҳадафмандона мавҷуд нест ва дар ин масъала **мухолифатҳои** зерин мавҷуданд:

• *дар сатҳи иҷтимоӣ-психологӣ* – миёни талаботи ҷомеа ба кӯдакону наврасони аз лиҳози психологӣ солиму устувор ва мавҷудияти тамоюл ба агрессивнок гардидани онҳо;

• *дар сатҳи илмӣ* – миёни зарурият ба мавҷудияти асосҳои илман собитгардидаи кор бо наврасони агрессивнок ва мавҷуд набудани таҳқиқоти системанок дар самти мазкур.

Кӯшиши ҳал намудани зиддиятҳои мазкур масъалаи таҳқиқотии моро муайян намуд, ки дар ошкор сохтани хусусиятҳои зоҳиргардии агрессия дар наврасон ва ҷустуҷӯйи роҳҳои пешгирии он ифода меёбад. Вобаста ба мушкилот ва зиддиятҳо, дар навбати худ мавзуи таҳқиқотӣ низ муайян карда шуд: "Хусусиятҳои зоҳиргардии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгиринамоии он".

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ..** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои психологии рушди ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025 равона шудаанд, таҳия ва иҷро гардид.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсад таҳқиқот.** Муайян намудани хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгиринамоии он.

**Вазифаҳои таҳқиқот.**

1. омӯзиш ва таҳлили мавзӯи таҳқиқотӣ аз адабиёти психологӣ,иҷтимоӣ, педагогӣ ва дигар соҳаҳои ба ин масъала марбутбуда;
2. муайян ва ошкор кардани хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон;

3. таҳқиқи вазъи кунунии омӯзиши хусусиятхои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгиринамоии онҳо дар муассисаҳои таълимӣ;
4. муайян намудани хусусиятҳои ҷинсии зоҳиргардии агрессия дар рафтори наврасон;
5. таҳқиқ ва ошкор кардани алоқамандии агрессия бо дигар хусусиятҳои психологӣ (экстроверсия, нейротизм, дурӯғгӯии ва ростгӯӣ);
6. коркард ва истифодаи тавсияҳои илмӣ барои омӯзгорон ва волидон ҷиҳати роҳҳои пешгирӣ намудани рафтори агресивӣ дар наврасон.

**Объекти таҳқиқот.** Зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон.

**Предмети таҳқиқот** – баэътибогирии хусусиятхои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгиринамоии онҳо.

**Фарзияҳои таҳқиқот.**

1. Рафтори агрессивӣ дар наврасон хусусиятҳои ҷинсӣ дошта, дараҷаи зохиршавии он дар писарон нисбат ба духтарон балантар аст.
2. Миёни агрессия ва экстроверсия робитаи аз лиҳози оморӣ муҳим вуҷуд дорад.
3. Миёни агрессия ва нейротизм робитаи аз лиҳози оморӣ муҳим вуҷуд дорад.
4. Миёни агрессия ва дуруғгӯю ростгӯӣ робита вуҷуд дорад.
5. Зоҳиршавии агрессия аз махсусияти муассисаи таълимӣ вобаста аст.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти мо аз се марҳила иборат аст:

**Марҳилави аввал** (солҳои 2020-2021) марҳилаи омӯзишӣ буда, дар он зимни таҳлилу баррасии адабиёти марбута масъалаҳо, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, ҳамчунин, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот муайян карда шуданд.

**Марҳилаи дувум** (солҳои 2021-2023) марҳилаи озмоишӣ буда, дар он муассисаҳои озмоишӣ ва гурӯҳҳои озмоишӣ муайян карда шуда, методикаҳои

таҳқиқотӣ интихоб ва гузаронида шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқот гирдоварӣ гардиданд.

**Марҳилаи саввум** (2023-2024) марҳилаи ҷамъбастӣ маҳсуб ёфта, дар он тавассути методҳои коркарди оморӣ иттилооти бадастомада таҳлилу коркард гардида, натиҷаҳои мушаххас ба даст омаданд. Дар ин марҳила, инчунин, таҳлили психологии натиҷаҳои бадастомада, санҷиши фарзияҳои таҳқиқот, таҳияи хулоса ва тавсияҳо амалӣ карда шуданд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро -** маҷмуи методҳои умуми илмӣ ва соҳавӣ, инчунин, принсипҳои таҳлили системавии зуҳуроти психикӣ, роҳёфти байнифаннӣ дар доираи илмҳои инсоншиносӣ ва роҳёфти омӯзиши комплексии зуҳуроти психикӣ ташкил медиҳанд. Қисми амалии таҳқиқот дар принсипи ташхиси комплексии хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ, сифатҳои психофизиологӣ ва хусусиятҳои фардии наврасон асос меёбад. Дар таҳқиқот методҳои умуминазариявӣ (таҳлили адабиёт, омӯзиши маҳсули фаъолият), эмпирикӣ (мушоҳида, таҳлили ҳуҷҷатҳо, суҳбат), ташхисӣ (тестгузаронӣ) истифода бурда мешаванд, ки ягонагии ташхиси психологиро таъмин менамоянд. Дар рафти таҳқиқот методикаҳои бисёромилаи ташхиси шахсият ва методҳои ташхиси хусусиятҳои психофизиологӣ истифода гардиданд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот.** Сарчашмаҳои асосиро барои анҷом додани ин таҳқиқоти илмӣ таълимоти муҳаққиқони маъруфи русӣ-шӯравӣ ба монанди Б.Г. Ананев [6]., С.А. Беличева [11]., А.В. Гордиева [21]., А.В. Мудрик [60].,З.А.Раевская [122].,Н.Н. Савина [83].,Д.И. Фелдштейн [94]. ва муҳақиқони ватанӣ аз қабили А.Х. Кучкаров [44]., С.О. Юсупова [107]., Ю.А. Курбанов [10]., М.Л. Лутфуллоев [53]. ва диг. ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Қисми озмоишии таҳқиқоти илмӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 35, №42, №6, №92 ва МДТ литсейи №4, № 5, № 2, гимназияи №4 ба роҳ монда шуд. Шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таълимии мазкур зиёда аз 10000

нафарро ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот ба таври умум 400 нафар наврасон иштирок намуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбад:

- бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташхис, таҳлили психологӣ ва баҳодиҳии сабабҳо ва омилҳои иҷтимоию психологии рафтори агресивии наврасон анҷом дода шуд;
- моҳияти «рафторҳои агрессивии наврасон» ошкор ва хусусиятҳои хоси он дар ҷомеаи муосири тоҷик муайян карда шуд;
- омилҳои асосии зоҳиршавии агрессияи наврасон дар ҷомеаи муосири тоҷик муайян карда шуд;
- тасниф ва тафриқаи рафтори агресивии наврасон гузаронида шуда, сабабҳо ва хусусиятҳои зуҳуроти онҳо дар Тоҷикистон ва роҳҳои пешгирӣ намудани онҳо муайян карда шуданд;
- тарзу усулҳои назариявию амалии пешгирӣ намудани рафтори агрессивӣ дар байни ҷавонону наврасон коркард гардиданд;
- робитаи агрессия бо чунин хусусиятҳои психологӣ (экстроверсия, нейротизм, дурӯғгӯии, ва ростгӯйӣ) ошкор карда шуд;
- хусусиятҳои ҷинсии рафтори агрессивӣ аз лиҳози оморӣ асоснок карда шуд;
- робитаи аз лиҳози оморӣ муҳим миёни агрессия ва шакли муассисаи таълимӣ собит гардид.

**Мӯҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда.**

1. Агрессия рафторест, ки мақсади он расонидани зарар ба ягон объект буда, ба меъёрҳо ва қоидаҳои дар ҷомеа қабулгаштаи рафтор мухолифанд.
2. Кори ислоҳнамоӣ бо кӯдакони агрессивнок бояд аз рӯйи тартиби дақиқ амалӣ гардида, унсурҳои зеринро фаро гиранд: алоқа бо кӯдак ва дар ӯ ба вуҷуд овардани эҳсоси боварӣ ба мутахассис; эътинонамоии эмотсионалии агрессия ва оромнамоӣ; бартарафнамоии стререотипҳои потологии эътинонамоӣ ва қабул

намудани худ; коркард ва таҳкими малакаҳои рафтори мутобиқшавандагӣ.

3. Агрессияи кӯдакон ва наврасони хусусияти ҷинсӣ дошта, дар намояндагони ҷинсҳои гуногун ба таври мухталиф зоҳир мегардад: дар писарон дараҷаи агрессивнокӣ назар ба духтарон баландтар аст.
4. Миёни зоҳиргардии рафтори агрессивӣ дар наврасон ва шакли ташкили таълим ва муассисаи таълимӣ робитаи аз лиҳози оморӣ фарқкунанда мавҷуд аст: дараҷаи агрессивнокӣ байни наврасон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба литсею гимназияҳо баландтар аст.
5. Миёни агрессия ва экстроверсия робитаи аз лиҳози омори фарқкунанда мавҷуд аст: ҳар қадар сатҳи экстроверсия боло бошад, рафтори агрессивӣ низ бештар ба назар мерасад.
6. Миёни агрессия ва нейротизм робитаи аз лиҳози оморӣ фарқкунанда мавҷуд аст: ба ҳар андоза нейротизм камтар бошад сатҳи агрессия коҳиш меёбад.
7. Миёни агрессия ва чунин зуҳуроте ба монанди дурӯғгӯӣ ва ростгӯӣ робитаи аз лиҳози оморӣ фарқкунанда мавҷуд аст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки масъалаи муайян намудани хусусиятҳои ҳозиршавии агрессия дар рафтори наврасон дар шароити муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал мавриди омӯзиш ва таҳқиқи қарор мегирад. Ин имконият медиҳад, минбаъд омӯзгорон ва волидон доир ба рафторҳои агрессивӣ ва роҳҳои пешгири намудани онҳо дар наврасон тасавурот маълумоти муҳаххас бадаст оваранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро бошад ҳангоми коркарди курсҳои таълимӣ ва навиштани дастуру китобҳои дарсӣ оид ба масъалаи мазкур, ҳангоми омода кардани лексияҳо ва курсҳои махсус доир ба масъалаи тадқиқот, дар вақти тадриси фанҳои психологӣ ва ғайра истифода кард.

**Дарачаи эътимоднокии натичаҳои таҳқиқотро** риояи принсипҳои методологии гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, асоснокии мавқеъҳои заминавии назариявӣ, таҳлили дастовардҳои муосири илми психологияи аз рӯйи мавзуи мавриди назар, интихоби методҳои боэътимоти таҳқиқотӣ ва истифодаи методҳои таҳлил ва коркарди омории натичаҳои бадастомада таъмин менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи ичтимоӣ, аз чумла: ба *банди* 2 – қонуниятҳои муошират ва баҳамтаъсиррасонии одамон; тарафи иртиботии муошират (хусусиятҳои хоси робитаҳои байни одамон; намудҳои иртибот; воситаҳо: иртиботи шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ; самаранокии раванди иртиботӣ; хусусиятҳои иртиботи оммавӣ); тавсифдиҳандаҳои ичтимоӣ-психологии низоъҳои ичтимоӣ ва байнишахсӣ; *банди* 3 – Психологияи ичтимоии гурӯҳҳо: гурӯҳ ҳамчун предмети таҳқиқоти психологияи ичтимоӣ; таснифоти гурӯҳҳо; психологияи муносибатҳои байнигурӯҳӣ (механизмҳои идроки байнигурӯҳӣ; самаранокии фаворитизми дохилигурӯҳӣ ва табъизи байнигурӯҳӣ); *банди* 4 – Психологияи ичтимоии шахс: хусусиятҳои раҳёфти ичтимоӣ-психологӣ ба фаҳмиши шахс; таносуби шахс ва гурӯҳ дар психологияи ичтимоӣ; Ман-консепсия ҳамчун натичаи рушди ичтимоии шахс; ҳувияти ичтимоӣ ва шахсиятӣ ва худмуайянкунии ҳаётӣ; раванди ичтимоишавӣ дар шароитҳои тағйирёбии чаҳон; *банди* 5- Воситаҳои амалии психологияи ичтимоӣ: соҳаи муносибатҳои оилавӣ ва тарбия; хусусиятҳои таҳқиқот ва корҳои амалии ичтимоӣ-психологӣ дар шароитҳои тағйироти ичтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии диссертанти дарачаи илмӣ**. Саҳми шахсии диссертант аз он иборат аст, ки мақсад, вазифаҳо, объект ва масъалаи таҳқиқотро муайян намуда, масъалаҳои мубрами таҳқиқотро матраҳ сохта, иттилооти ба даст овардаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Таҳлили назариявию

методологӣ, таҳқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи гузошташуда, коркарди пешниҳод ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро фаро мегирад, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи диссертант маҳсуб мегарданд. Инчунин, хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онхо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешниҳод карда мешаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар таърихи 27-уми феврали соли 2025 протоколи таҳти №7/1 муҳокима гардида, он пас аз ислоҳи эродҳои ҷойдошта ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**.Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок ва суханронӣ намудааст, аз ҷумла:

1. Ғуломзода С.Э. “Тафовутҳои гендерӣ дар агрессия ва муносибати он бо экстраверсия ва невротизм дар хонандагонӣ синфи 9” [Матн] / С.Э. Ғуломзода // Маводи конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мазуи “Актуальныые проблемы яыкознания и литературоведения в современном времени” (ш. Душанбе 23-24 декабри 2022). – Душанбе, 2022. – С. 380-383.
2. Ғуломзода С.Э. “Муайян кардани хусусиятҳои агрессивӣ дар байни хонандагонӣ синфи 9” [Матн] / С.Э. Ғуломзода // Маводи конфренсияи ҷумҳуривии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир” (ш. Душанбе 31 марти 2023). – Душанбе, 2023. – С. 232-238.
3. Ғуломзода С.Э. Проблема повышения эффективности личностного и профессионального совершенствования будущего учителя. Маводи конференсияи илмӣ-амалии умумидонишгоҳии “Масъалаи рушди илми психология дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон” (Хуҷанд-2018).

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсия аз бахши муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, ноигуйи адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии рисолаи илмӣ аз 167 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, 13 ҷадвал ва 90 диаграммаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 129 номгӯйро фаро мегирад.

# БОБИ I. ОМӮЗИШИ ПАДИДАИ АГРЕССИЯ ДАР ПСИХОЛОГИЯ ВА ИЛМҲОИ БА ОН АЛОҚАМАНД

## 1.2. Назарияҳои олимон оид ба агрессия – омилҳои ирсӣ ва иҷтимоии рафтори агрессивӣ

Мафҳуми агрессия таърифҳои гуногун ва инчунин назарияҳои гуногуни пайдоиши худро дорад. Агрессия дар ҳаёти инсон нақши муҳим дорад ва ӯро дар тули ҳаёт ҳамроҳӣ мекунад. Аз ин рӯ, мо дар дисертатсия кӯшиш намудем, ки оид ба самтҳои асосии омӯзиши агрессия дар одамон назарияҳои олимони дар ин ҷода кор карда ва нуқтаи назари худро пешниҳод намоем. Таҳқиқоти рафтори агрессивӣ ба воситаи нуқтаҳои назарҳои гуногун дар психология ва биология таҳлил мегардад. Мутахассисон сабабҳо ва механизми ин рафторро аз ҷиҳатҳои мухталиф арзёбӣ мекунанд: гурӯҳе онро ба хусусиятҳои биологӣ ва ангезаҳои табиӣ марбут медонад, дигараш онро посухи бевоситаи шахс ба стресс ва фишорҳои равонӣ мешуморад, ва гурӯҳи сеюм рафтори агрессивиро натиҷаи таъсири муҳити иҷтимоӣ ва омӯхтани рафторҳои иҷтимоӣ мешиносад. Ҳар як равиш дорои таҳаввулот ва шохаҳои мухталиф аст. Бо вуҷуди он ки баъзе назарияҳо ҳамдигарро истисно мекунанд ё рақобат мекунанд, натиҷаҳои таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки ҳар як равиш дар фаҳмиши комили феномени агрессия нақши муайян дорад.

Дар ибтидо ба таҳлили ҷанбаҳои омӯхтани рафтори агрессивӣ назар мекунем ва се гурӯҳи омилеро, ки ин рафторро муайян мекунанд, фарқ менамоем: 1) хусусиятҳои генетикӣ ва ирсӣ ҳамчун ҷузъи биологӣ; 2) шароити иҷтимоӣ ва муҳити атроф; 3) ҳолати равонӣ ва хусусиятҳои дохилии шахс.

Яке аз назарияҳои аввалин ва машҳуртарини таҳлилкунандаи рафтори агрессивӣ назарияи Чарлз Дарвин мебошад, ки онро асосан ҳамчун рафтори инстинктивӣ меомӯзад. Ба гуфтаи ӯ, агрессия ҳамчун хусусияти модарзодӣ ва барномарезишуда дар шахс вуҷуд дорад.

Ҷонибдорони ин равиш асосан ба ғаризаҳои инсон такя мекунанд, ки Дарвин онҳоро дар асари «Пайдоиши намудҳо» тавсиф намудааст. Дар консепсияи Дарвин ғариза ҳамчун қувваи ҳавасмандкунанда ё ҷалбе фаҳмида мешавад, ки ҷону ҳайвонро ба самти ҳадафҳои муайян равона мекунад. Ғаризаҳо, ба таъбири ӯ, «қувваи одии ирсӣ» мебошанд, ки шахсро ба пайравӣ аз ҳадафҳое водор месозанд, ки ҳамеша ба ҷустуҷӯи лаззат ё худдорӣ аз дард рабт надоранд. Аз ин нуқтаи назар, агрессия ҳамчун як тамоюли модарзод ва устувори шахсият тавсиф мешавад. Бо вуҷуди ин, имрӯз чунин назарияҳо бештар кӯҳна ҳисобида мешаванд; бинобар ин, дар таҳлили мавзуъ мо бештар равишҳои намояндагони асосии ин назарияро баррасӣ хоҳем кард.

*Равиши психоаналитикӣ.* Масъалаи табиати агрессия, омилҳои пайдоиши он дар доираи ҷараёнҳои гуногуни назарияи психоаналитикӣ мавриди таъқиқу омӯзиш қарор гирифтаанд (З. Фрейд, А. Адлер, К. Хорни, Э. Фром ва ғ.). Ба монанди Ч. Дарвин, ва З. Фрейд, асосгузори психоанализ, бар ин назар аст, ки дар шахс ангезаҳои дохилӣ мавҷуданд, ки ӯро ба сӯи ҳадафҳои муайян раҳнамун мекунанд, на танҳо бо ҷустуҷӯи лаззат ё қонеъ кардани эҳтиёҷоти биологии ҳаётӣ. З. Фрейд дар ин бора чунин менависад: "Дар инсон ду ғаризаи асосӣ вуҷуд дорад: ғаризаи зиндагӣ (libido) ва ғаризаи марг (thanatos). Ғаризаи зиндагӣ ҳамчун саъю кӯшишҳои марбут ба тамоюлҳои эҷодӣ ва таҳкими ҳаёт дар рафтори инсон таҳлил мешавад, ки ба ишк, ғамхорӣ, наздикӣ, такрористеҳсолкунӣ ва талаботи зинда мондан алоқаманданд. Ғаризаи марг эҷод кардани энергияи харобшавиро дар бар мегирад ва вазифаи он, ҳама чизҳои органикиро ба ҳолати беҷонӣ овардан мебошад" [96, с. 375].

Назарияи асосии ангезаи инсонии З. Фрейд ибтидо танҳо ба «ғаризаҳои зиндагӣ» марбут буд, яъне ангезаҳои худро ҳифзкунанда ва нигаҳдорӣкунанда, ки ба давом додани ҳаёт ва барқароршавии он хизмат мекунанд. Аммо пас аз шоҳиди фоҷиаҳои Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ, Фрейд идеяи мавҷудияти «инстинкти марг»-ро пешниҳод намуд. Ӯ ҷалб

шудани ҳар як шахс ба сӯи нестӣ ва бартарафсозии стрессро ҳамчун хосияти умумии ҳамаи организмҳои зинда шарҳ медиҳад: ҳар мавҷудоти зинда мекӯшад, то фишори дохилиро ба ҳадди ақал расонад, ва дар ин контекст марг ҳамчун роҳе барои раҳоӣ аз ин фишор амал мекунад. Хоҳиши сулҳ (ё инстинкти марг) дар рафтори инсон дар муқобили ғаризаи зиндагӣ қарор мегирад. Аз назари Фрейд, рафтори инсон натиҷаи ҳамоҳангии мутақобилаи инстинкти зиндагӣ ва инстинкти марг аст. Чунки байни нигаҳдории ҳаёт ва ҷиҳати нобудшавӣ зиддияти доимӣ вуҷуд дорад, механизмҳои гуногун фаъол мешаванд, то энергияи танатос ба берун равона гардад ва ё ба сӯи «Ман» равона карда шавад.

Аз ин нуқтаи назар, танатос метавонад ба таври ғайримустақим ба равиши агрессивӣ ва равона шудани он ба сӯи дигарон таъсир расонад. Дар ҳолате, ки энергияи танатос ба берун равона карда нашавад, он метавонад ба хатаре барои шахс – ҳатто нобудшавӣ – оварда расонад. Фрейд таъкид мекунад, ки роҳҳои назорат ва ихроҷи ин нерӯи хаибкор метавонанд тавассути эҳсосоти манфӣ ва амалҳои экспрессивӣ, ки бо харобкорӣ ҳамроҳ нестанд, амалӣ шаванд ва аз рӯйдодҳои хатарнок пешгирӣ кунанд. Бисёре аз психологон, ба назари Фрейд, рафтори агрессивиро ҳамчун яке аз шаклҳои асосии рафтори инсон мешуморанд.

Бо вуҷуди ин, дар марҳилаҳои баъдӣ, бисёре аз психоаналитикҳо ҷанбаи иҷтимоии агрессияро низ ба назар гирифтанд ва аз шаклҳои қатъии консепсияи Фрейд фарқ намуданд. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба таҳқиқоти А. Адлер дахл дорад [2], [3], [4]. Ба ақидаи Адлер, агрессия ҷузъи таркибии шуур мебошад ва фаъолияти шууриро ташкил медиҳад. Адлер бар он аст, ки агрессияро метавон дар доираи муқоиса ва шиддати принсипҳои ба ҳам зид — ҳаёт ва марг, субъект ва объект, ишқ ва ҷанг — таҳлил кард [4]. Ӯ омили асосии муайянкунандаи инкишофи шахсиятро мақсади асосии зиндагӣ медонист ва таъкид мекард, ки хусусияти умумиҷаҳонии мавҷудияти зинда ҳамеша бо рақобат, талош барои бартарӣ ва саъю кӯшиши зинда мондан алоқаманд аст. Эрих Фромм [99],

[100] ду шакли асосии агрессияро ҷудо мекунад: шакли «конструктивӣ», ки бо табиат ва биологияи инсон мутобиқ мешавад, ва шакли «деструктивӣ», ки бо талаботи биологӣ ҳамоҳанг нест. Агрессияи конструктивӣ одатан ҳамчун посух ба таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳим ва муҳофизати ҳаёти шахс амал мекунад. Ин намуди рафтор дар филогенез ба вуҷуд омадааст ва ҳам ба ҳайвонот ва ҳам ба инсон хос мебошад; вақте таҳдид бартараф мегардад, рафтори агрессивӣ низ худ ба худ хомӯш мешавад. Дар айни замон, таҳдид ба худдӯстӣ ва арзишҳои шахсӣ метавонад ҳамчун манбаи муҳими агрессияи муҳофизатӣ амал кунад. Фромм инчунин таъкид мекунад, ки нартсиссизми гурӯҳӣ — эҳсоси олии иртибот бо гурӯҳи худ — яке аз манбаъҳои муҳимтарини рафтори агрессивии инсон мебошад.

Агрессияи «деструктивӣ» шакли харобкорона ва бераҳмона дорад, ки махсус ба инсон хос буда, таъсири омилҳои равонӣ ва иҷтимоиро нишон медиҳад. Э. Фромм таъкид мекунад, ки «асоси агрессияи деструктивӣ на инстинкт, балки имконияҳои муайяни инсон аст, ки дар шароити рушду инкишофи ӯ пайдо мешаванд»[100]. Дар заминаи чунин рафтори харобкорона, ки дар хислати шахс реша дорад, Э. Фромм падидаи садизмро шарҳ медиҳад. Маҳз дар садизм ташнагии қудрат ва назорати номаҳдуд бар дигар мавҷудот таҷассум меёбад. Дар бисёр ҳолатҳо, садизм ҳамчун як роҳи худшиносии шахс амал мекунад, ки дар асл табдили заъфи ботинӣ ба қудрати хаёлӣ мебошад. Ба ақидаи Э. Фромм, агрессияро метавон ҳамчун вокуниш ба зиддиятҳои экзистенсиалӣ ва зиндагигӣ фаҳмид, ва шакли деструктивии он — ҳамчун механизмҳои «гузариш аз озодии мусбат» — робитаи воқеӣ бо муҳити атроф тавассути муҳаббат ва фаъолият ифода меёбад[100].

Равиши эволютсионии Конрад Лоренс ба назарияи Чарлз Дарвин асос ёфта, исбот менамояд, ки ғаризаи агрессия дар раванди эволютсия нақши муҳим дошта, ба нигоҳдорӣ ва мутобиқшавии инсон ба муҳити ҳаёт хизмат мекунад. Гарчанде ки байни К. Лоренс ва З.Фрейд

шабоҳатҳои муайяне дар нуқтаи назар оид ба пайдоиши агрессия вуҷуд дорад, фарқияти асосӣ дар он аст, ки Лоренц асоси ин рафторро комилан «инстинктивӣ» меҳисобад. Ба ақидаи Лоренс, “... зуҳуроти агрессия, ки аксар вақт бо ғаризаи марг алоқаманданд, ба монанди дигар ғаризаҳо яксон буда, дар муҳити табиӣ барои нигоҳ доштани ҳаёт хизмат мекунанд” [52, с. 6].

Дар ҳамин ҳол, Лоренц агрессияи дохилиро ҳамчун «хатари ҷиддитарин барои инсоният» арзёбӣ мекунад.Назарияи В. Макдугалро низ махсус қайд кардан мумкин аст, ки кӯшиш кардааст, ки ҳамаи шаклҳои рафтори инсонро ба майлҳои ангезандаи ғариза (моилӣ, майл) монанд кунад. В. Макдугал агрессияро чунин тавсиф кардааст: “Моилӣ ба хашм. Хашму ғазаб ва зӯран бартараф кардани ҳар як монеа ё монеае, ки ба амалӣ гардондани ҳар гуна майли дигар халал мерасонад” [130, с. 43].

Ин таъриф, ки яке аз инстинктҳои асосиро, ки рафтори инсонро таҳрик медиҳад, баён мекунад, заминаи омӯзиши минбаъдаи агрессияро дар доираи назарияи фрустратсионӣ фароҳам меорад, ки онро мо дар бахши баъдӣ ба таҳлил мегирем.

Яке аз назарияҳои маъмул – ин таъсири ирсият ба рафтори агрессивӣ мебошад. Ҷолиб аст, ки ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XIX, криминалист Ч. Ломброзо таҳти таъсири ақидаҳои дарвинистӣ таҳлили шахсиятҳои ҷинояткорро оғоз намуд ва мафҳуми «ҷинояткори модарзод»-ро пешниҳод кард [60]. Ба фикри ӯ, сохти конститутсияи ҷисмонии ин шахсон онҳоро ба рафтори агрессивӣ, ғайриқонунӣ ва ифротгароёна майлдор месозад. Ч.Ломброзо бар ин назараш таъкид мекард, ки дар чеҳраи чунин шахсон «тамғаҳои ҷиноятии модарзодӣ» – аломатҳое, ки аз ҷиҳати генетикӣ пешакӣ муайян шудаанд – мушоҳида мешавад. Маводи таҳқиқоти ӯ асосан хусусиятҳои ҷисмонии объектҳо буданд, аз қабили косахонаи сар, бинӣ, гӯш, ранги мӯй, хатти пешонӣ ва ҳассосияти пӯст. Дар натиҷа тақрибан 37 хусусияти «ҷинояткори

модарзод» муайян гардид, ки аз ҷумлаи маъмултарини онҳо метавон пешонии нишеб, ҷоғи поёни намоён, бинии ҳамвор, риши камёфт ва гӯшҳои часпидаро номбар кард.

Ҳарчанд назарияи Ч. Ломброзо имрӯз асосан таърихӣ ва бесоҳиб ҳисобида мешавад, вай инчунин ба нақши муҳити номусоид дар ташаккули рафтори ҷинояткорона таъкид мекард. Яке аз усулҳои омӯзиши таъсири омилҳои биологӣ ба рафтор ин таҳлили он аст, ки шахсон бо хусусиятҳои генетикӣ монанд чӣ гуна рафтор мекунанд: агар онҳо хислатҳои мушаххасро ба таври шабеҳ нишон диҳанд, метавон чунин рафторро ба омилҳои ирсӣ нисбат дод. Барои муайян кардани дараҷаи ирсӣ будани хислатҳои муайян, аксар вақт дугоникҳо ҳамчун намуна истифода мешаванд, зеро ирсият дар байни хешовандони наздик бештар аён мегардад.

Дар ин маври Р. Бэрон қайд мекунад: “... Ин муносибат ба омӯзиши асосҳои биологии агрессия, мувофиқат намекунад, дар ин ҷо камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доранд. Дугоникҳои аз як тухумҳуҷайра пайдошуда аз ҷиҳати биологӣ ба ҳам монанд бошанд ҳам, вале онҳо метавонанд шароити зиндагии шабеҳ дошта бошанд. Яъне агар ду нафар намуди зоҳирии қариб якхела дошта бошанд (мисли дугоникҳои аз як тухумҳуҷайра пайдошуда), пас одамон эҳтимолан ба онҳо тақрибан яксон муносибат мекунанд. Илова бар ин, дугоникҳои якхела метавонанд муносибатҳои наздиктар дошта бошанд ва майл ба рафтори якхела, аз ҷумла рафторҳои агрессивнокӣ ва зидди иҷтимоӣ дошта бошанд” [14, с. 228].

Мувофиқи бархе аз назарияҳо агрессия метавонад натиҷаи аномалияҳои хромосомӣ бошад. Ин назария аз ҷониби психологи рус Т.Г. Румянтсева мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст [74] [75] [76] [77] [78]. Тадқиқотҳои мазкур нишон медиҳанд, ки фарқиятҳои ҷинсӣ метавонанд дар шаклгирии рафтори агрессивӣ нақши муҳим дошта бошанд. Бархе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки ин фарқиятҳо бо хусусиятҳои хромосомавии мардон ва занон алоқаманд мебошанд. Дар

ҳуҷайраҳои инсон одатан 46 хромосома мавҷуд аст, ки аз онҳо ду хромосома — X ва Y — барои муайян кардани ҷинс аҳамияти калидӣ доранд. Писарон як нусхаи X ва як нусхаи Y доранд (XY), дар ҳоле ки духтарон ду нусхаи X доранд (XX). Ин фарқиятҳои биологӣ метавонанд сабаби муайяни тағйирот дар рафтори агрессивӣ миёни мардон ва занон бошанд.

Ду намуд фарзия дар бораи таъсири аномалияҳои хромосомӣ ба рафтори агрессивӣ мавҷуданд:

1. Дар мавриди фарзияи якум П. Ҷекобс, ки дар яке аз зиндонҳои Шотландия таҳқиқот гузаронидааст, чунин мегуяд: “... Мавҷудияти "иловагии" Y-хромосома дар мардон метавонад ба зуҳуроти бештари рафтори агрессивӣ оварда расонад. Муносибати ин гуна аномалия ба майли ҷиноятӣ марбут аст. Комбинатсияи XYY дар одамоне, ки ҷиноят содир накардаанд, нисбат ба ҷинояткорон хеле камтар маъмул аст” [82, с. 89-133].

2. Тахмини фарзия оид ба хромосомаи иловагии X нишон медиҳад, ки мавҷуд будани ин хромосома дар занон метавонад ба паст шудани сатҳи рафтори агрессивӣ мусоидат намояд. Дар асл, ҳар қадар нусхаҳои X зиёд бошанд, имкони камтар баён шудани агрессия ҳам зиёдтар мешавад. Баръакс, афзоиши миқдори Y-хромосома боиси баланд шудани эҳтимолияти зоҳир шудани рафтори агрессивӣ мегардад. Ин тамоюлҳо нишон медиҳанд, ки фарқиятҳои генетикӣ метавонанд таъсири назаррас ба шаклгирии рафтори агрессивӣ дар ҷинсҳои гуногун дошта бошанд.

Дар адабиётҳои илмӣ омадааст, ки “... ба дараҷаи агрессивнокӣ мизоҷ низ таъсир мерасонад. Маълум аст, ки фардияти аз ҷиҳати генетикӣ пешакӣ муайяншудаи мизоҷ тақрибан аз синни 9 - моҳагӣ зоҳир мешавад. Хориқаи "синдроми мизоҷи душвор" мавҷуд аст, ки аломатхои онҳо қувваи паст, бартарӣ доштани кайфияти манфӣ, шиддатнокии

баланди аксуламалҳои эмотсионалӣ, аксуламали сусти наздикшавӣ ва дур рафтан дар ҷавоби ангезанда, сусти мутобиқшавӣ мебошад” [3, с. 77].

Пас аз таҳлилҳои васеи тадқиқотӣ, олимон ба хулоса расиданд, ки «синдроми мизоҷи душвор» на ҳамчун тамоюли мустақими агрессивӣ, балки ҳамчун маҷмӯи хислатҳои шахсӣ арзёбӣ мешавад, ки эҳтимолияти зоҳир шудани рафтори агрессивиро зиёд мекунанд. Ба чунин хислатҳо метавон импулсивият, майли ҳукмронӣ, қобилияти сарварӣ ва дигар хусусиятҳои шахсӣ дохил намуд.

Яке аз самтҳои муҳим дар омӯзиши таъсири омилҳои биологӣ ба рафтори агрессивӣ таҳлили нақши гормонҳо ва таъсири онҳо ба тамоюлҳои агрессивӣ мебошад. Дар ин самт, диққати махсус ба тестостерон равона шудааст, ки ҳамчун гормони калидӣ барои омӯзиши робитаи байни сатҳи он ва рафтори агрессивӣ ба ҳисоб меравад. Бо таваҷҷӯҳ ба нақши муҳимаш дар ташаккули хислатҳои мардонагӣ, олимон пешниҳод мекунанд, ки тестостерон метавонад сатҳи рафтори агрессивиро афзоиш диҳад. Масалан, таҳқиқоти Д. Даббс ва Р. Моррис, ки таҷрибаи шахсони ветерани ҷангро баррасӣ мекард, нишон дод, ки сатҳи баландтари тестостерон бо афзоиши рафторҳои зиддиҷамъиятӣ ва агрессивӣ робитаи мустақим дорад. Ин шахсон одатан дар муносибат бо мақомот ва ҳамкорон мушкилоти бештар пайдо мекунанд ва нисбат ба ҳамсолони худ рафтори агрессивтар нишон медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки тестостерон дар ҳарду ҷинс – мардон ва занон – истеҳсол мешавад ва метавонад ба рафтори ҳарду таъсир расонад. Бо вуҷуди ин, сатҳи он дар мардон тақрибан ҳафт маротиба аз занон баландтар мебошад. Таҳқиқоти қаблӣ оид ба ирсият ва таъсири он ба рафтори агрессивӣ нишон доданд, ки робитаи мустақим байни хромосомаҳо ва сатҳи агрессия мушоҳида намешавад. Тестостерон бештар ҳамчун омиле амал мекунад, ки рафтори агрессивиро ба таври миёнаравӣ таҳрик медиҳад, ва боиси зоҳир шудани хусусиятҳои инфиродӣ мегардад, аз қабили импулсивият, ҳассосият, хоҳиши

бартарият ва намоишкорӣ, ки дар шароити муайяни иҷтимоӣ метавонад ба рафтори агрессивӣ оварда расонад.

Дар идома, мо ду ҷанбаи асосии таҳқиқи рафтори агрессивии инсонро баррасӣ мекунем:

- аввалиан, агрессия ҳамчун вокуниш ба таъсири омилҳои иҷтимоӣ;
- дуюм, агрессия ҳамчун натиҷаи омӯзиши иҷтимоӣ, ки тавассути мушоҳида ва такрори намунаҳои рафтори агрессивӣ шакл мегирад.

Яке аз назарияҳои маъруфи таҳлили заминаи иҷтимоии агрессия назарияи фрустратсионӣ мебошад. Асосгузорони ин равиш Ҷ. Доллард ва Н. Миллер ҳастанд. Ба фикри онҳо, агрессия на ҳамчун қувваҳои ҷисмонии дар бадан вуҷуддошта, балки ҳамчун посух ба ҳолатҳои ноумедӣ ва монеаҳои иҷтимоӣ таҷассум меёбад. Ин рафтор кӯшиши бартараф сохтани маҳдудиятҳо, қонеъ кардани ниёзҳо, ба даст овардани лаззат ва нигоҳ доштани мувозинати эмотсионалӣ мебошад. Ҳолатҳои ноумедӣ ҳамчун такони психологии асосӣ амал карда, шахсро ба вокунишҳои агрессивӣ нисбат ба манбаъҳои ноумедӣ водор мекунанд. Модели асосии назарияи фрустратсионӣ дар чаҳорчӯбаи соддаи динамикаи рафтор, масалан дар раванди ҳавасмандсозии шахс, ҷойгир мешавад. Ба ибораи дигар, "агрессия ҳамеша натиҷаи ноумедӣ аст" [105, с.59]. Ин модел маънои онро дорад, ки агар касе агрессивона рафтор кунад, пас ӯ қаблан таҳти таъсири руҳафтодагӣ қарор дошт ва агар шахс дар ҳолати руҳафтодагӣ қарор дошта бошад, пас аз ӯ ҳатман як амали агрессивиро интизор шудан лозим аст.

Яке аз ғояҳои назарияи фрустратсионии агрессия ин эффекти катарсис (нуқтаи баланди ҳасосият), ки аз психоанализ гирифта шудааст. Х. Хекхаузен дар ин маврид чунин ибрози назар мекунад: “ Катарсис (холишавӣ аз ҳиссиёт) раванди раҳо кардани ҳаяҷон ё энергияи ҷамъшуда мебошад, ки боиси паст шудани сатҳи шиддат мегардад. Ифодаи қувваи чисмонӣ ё эмотсионалии майлҳои хашмгинона боиси сабукии муваққатӣ ё доимӣ мегардад, ки дар натиҷаи он мувозинати

равонӣ ба даст оварда шуда, тайёрӣ ба агрессия суст мегардад. Бо вуҷуди ин, маълумотҳои таҷрибавӣ ба мо имкон намедиҳад, ки самаранокии катарсис баҳо дода шавад: муайян карда шудааст, ки дар баъзе ҳолатҳо рафтори агрессивӣ зуҳуроти минбаъдаи шахси агрессивнокро коҳиш медиҳад ва дар баъзе мавридҳо, баръакс, зиёд мешавад” [103, с. 509].

## 1.2. Агрессия ва муайян кардани ҳудуди рафтори агрессивӣ дар наврасон

Синни наврасӣ хонандагони синфҳои 5–8-ро фаро мегирад, ки мувофиқи тақсимоти синнусолӣ ба гурӯҳи кӯдакони 11–12 то 14–15 сола мансубанд. Дар адабиёти равоншиносӣ ин марҳала ҳамчун «давраи гузариш» ё «марҳалаи устуворшавии ҳаёти инсон» тавсиф мешавад. Бо вуҷуди он ки дар ин синну сол наврасон аз ҷиҳати зоҳирӣ ба калонсолон шабоҳат пайдо мекунанд, миёни онҳо ва шахсони баркамол фарқияти амиқ мушоҳида мешавад. Аз як тараф, онҳо дигар кӯдакони хурдсол нестанд, аммо аз ҷониби дигар ҳанӯз ба шахсиятҳои пурра баркамол табдил наёфтаанд. Наврасӣ зинаи гузариш буда, дар он тағйироти назарраси анатомӣ, физиологӣ, равонӣ ва биологӣ ба амал меояд. Маҳз ҳамин тағйирот душвории асосии ин давраро ташкил дода, бештар дар соҳаи имкониятҳои маънавӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва шаклҳои нави муоширати наврасон бо ҳамсолон, волидайн, омӯзгорон ва дигар калонсолон ифода меёбад. Аз ҷиҳати психологӣ ин давраи синнусоли нисбатан пурихтилоф аст, вай ба дараҷаи баланди номутаносиби ва суръати тараққиёт тавсиф дода мешавад.

Хусусияти асосии ин марҳила ҳисси калонсолист. Хусусан дар ҳамин замина дар наврасон ихтилофҳои типикию синнусолӣ бо волидайн, омӯзгорон ва ҳамсолон ба амал меояд. Дар давраи наврасӣ қаду қомат бошиддат сабзида, организм бисёр тез инкишоф меёбад. Номувофиқии инкишофи ҷисмӣ, махсусан, номутаносибии инкишофи скелет, боиси як қатор хусусиятҳо мегардад: лавандӣ, дағалӣ, гум

кардани мувозинат ва ғайра.

Тағйироти пурқувват дар тамоми соҳаҳои ҳаёти наврасон ба амал меояд, ки ин синнусолро аз кӯдакӣ ба камолот «давраи гузариш» номидан тасодуфӣ нест. Дар ин марҳала шаклҳои нисбатан устувори рафтор, хусусиятҳои шахсият ва тарзҳои вокуниши эмотсионӣ ташаккул меёбанд, ки минбаъд ба ҳаёти калонсолӣ, инчунин ба саломатии ҷисмонӣ ва равонии инсон таъсири ҳалкунанда мерасонанд.Давраи наврасӣ на танҳо аз худ кардани таҷрибаи ҳаёти калонсолон, балки давраи бой шудани ҷаҳонбинии кӯдак, тарзи ҳаёти бепарвоӣ, давраи шубҳаҳои дарднок ба худ ва имкониятҳои худ, ҷустуҷӯйи ҳақиқат дар худ ва дигарон мебошад.

Раванди гузариш аз як зинаи синнусолӣ ба зинаи дигар аз як тараф бо мураккабшавии муносибат бо калонсолон ва атрофиён, аз тарафи дигар бо васеъшавии имкониятҳои ҷисмию равонӣ алоқамананданд. Негативизм, якравӣ, худсарӣ, инҷиқӣ, ҷангарагӣ, зоҳир намудани бадхашмӣ дар рафтор, ва дигар сифатҳои буҳрони синнусолӣ, зуҳуротҳои манфии рафтор, дар ҳолати аз тарафи калонсолон пешниҳод намудани талаботҳои нав ба вуҷуд меоянд ва баръакс ин ҳолат метавонад ҳангоми тарбияи дуруст ислоҳ шаванд. Дар ин зинаи синну сол дар рафтори аксарияти наврасон агрессияро мушоҳида намудан мумкин аст. Чи хеле ки қаблан қайд кардем наврасони дар давраи гузариш қарордошта нисбат ба ангезандаҳои беруна бениҳоят ҳасосанд, ки ин боиси баландшавии дараҷаи изтиробнокӣ мегардад. Ин ҳолат ба ташаккулёбии дигар хусусиятҳо замина мешавад. Масалан, баландшавии изтиробнокӣ боиси он мегардад, ки наврасон бештар тундмиҷозу агрессивнок шаванд.

Аз назари психологӣ, ин марҳалаи синнусолӣ яке аз давраҳои пурихтилоф ба шумор рафта, бо дараҷаи баландтари номутаносибӣ ва суръати тезтари рушд тавсиф мешавад, ки худ метавонад заминаи пайдошавии рафтори агрессивӣ гардад. Барои ҷудо намудани

хусусиятҳои агрессия дар наврасон роҳу усулҳои пешгирӣ ва зуҳуроти бартараф намудани агрессия зарурати он пеш меояд, ки мазмуни психологии фаҳмиши мафҳуми – «агрессия» ва «агрессивнокӣ» - ро дида бароем.

Рафтори агрессивии наврасон яке аз масъалаҳои ҷиддии ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Марҳалаи наврасӣ ба давраи хоси буҳронии онтогенез тааллуқ дошта, бо рушди босуръати психофизиологӣ, ноустувории эмотсионалӣ, импулсивӣ, ҳассосияти баланд ва осебпазирии махсус нисбат ба таъсири муҳити иҷтимоӣ тавсиф мегардад. Истифодаи мафҳуми «буҳрон» нисбат ба давраи наврасӣ на танҳо шиддатнокӣ ва душвории гузариш аз кӯдакӣ ба камолотро ифода мекунад, балки барои шарҳи хусусиятҳои рафтори агрессивии наврасон низ аҳамият дорад. Бо дарназардошти он ки дар равоншиносӣ барои падидаи мазкур таърифи ягонае, ки аз ҷониби ҳамаи муҳаққиқон қабул гардида бошад, вуҷуд надорад, пеш аз ҳама зарур аст мафҳуми «агрессия» ва ҳудудҳои он равшан карда шаванд. Калимаи *агрессия* (аз лотинӣ *aggredior* – «ҳамла кардан») аз решаи *aggredi* баромада, чанд маънои асосиро дарбар мегирад: 1) ба самти чизе ҳаракат кардан («пеш рафтан, наздик шудан»); 2) ба муқобили чизе амал намудан («мухолиф рафтан, дур шудан»); 3) бо нияти зарар расондан амал кардан.

Агрессия бештар бо эҳсосоти манфӣ (хашм), муносибати душманона, маромҳо, ҳолати ботинӣ ва инчунин хусусиятҳои шахсиятӣ (рафтори агрессивӣ) тавсиф мегардад. Гарчанде ки ин омилҳо воқеан дар зуҳури рафтори агрессивии шахс нақши муайян доранд, онҳо танҳо ҷараёни агрессияро ҳамроҳӣ мекунанд ва вуҷуди онҳо на ҳамеша шарти ҳатмии амалҳои агрессивӣ мебошад.

*Ғазаб.* Агрессия ҳатман бо эҳсоси хашм баробар нест. Амалиёти агрессивӣ метавонад ҳам дар ҳолати ҳаяҷони шадиди эҳсосӣ ва ҳам дар шароити оромии нисбӣ сурат гирад. Гарчанде хашм одатан бо агрессия ҳамроҳӣ менамояд ва метавонад ба дараҷаи шиддати он таъсир расонад,

ин ҳолат танҳо дар сурате воқеӣ мегардад, ки худи амал аз роҳи рафтори агрессивӣ инкишоф ёбад.

*Душманӣ.* Агрессия ҳатман маънои онро надорад, ки шахси агрессивӣ нисбат ба қурбонии худ муносибати манфӣ дошта бошад. Бэрон Р. ва Ричардсон Д. истилоҳи душманиро чунин тавсиф мекунанд: «муносибати манфӣ ба шахси дигар ё гурӯҳи одамон, ки дар арзёбии шадидан номусоид нисбат ба объекти худ – қурбонӣ ифода меёбад»[17, с.27]. Қпйд кардан бомарид аст, ки душманӣ метавонад на танҳо нисбат ба дигарон, балки нисбат ба шахсияти худи инсон низ равона гардад.

Душманӣ на ҳамеша дар шакли рафтори агрессивӣ зуҳур мекунад, зеро танҳо мавҷуд будани ҳисси нафрат ё муносибати манфӣ нисбат ба касе шарти кофии амалҳои агрессивӣ нест. Баръакс, шахси дорои рафтори агрессивӣ ҳатман қурбонии худро душман намешуморад: «Бисёре аз одамон боиси озору ранҷи дигарон мешаванд, ҳарчанд нисбат ба онҳо муносибати мусбӣ ва ҳатто дӯстона доранд» [17, с. 29].

Агрессивнокӣ  як ҷузъи рафтори муқаррарӣ мебошад, ки дар робита бо ангезаҳои гуногун ва дар шаклҳои гуногун барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳаётан муҳим ва рафъ ё бартараф кардани ҳама гуна монеа дар зӯроварии ҷисмонӣ ва  ё равонӣ, ки ба нигоҳдории худ ва нигоҳдории намуд мусоидат мекунад, баровarda мешавад. Дар адабиётҳои  илмӣ, аксар вақт психоаналитикӣ метавон истифодаи агрессия ва агрессивнокиро ҳамчун мафҳумҳои ивазшаванда пайдо кард, зеро масъалаи фарқияти асосии байни онҳо мавриди баҳсу мунозира боқӣ мемонад [46, с.15-16]. Аммо ба назар мерасад, ки ин падидаҳоро ҳамчун мафҳумҳои алоқаманд, вале ҷудогона ва гуногун ҳисоб кунем: «Мафҳумҳои «агрессия» ва «агрессивнокӣ» ҳаммаъно нестанд. Агрессивнокӣ бояд ҳамчун як хислати шахсият фаҳмида шавад, ки дар омодагӣ зидди касе ифода меёбад.

Масъалаи агрессия ва агрессивнокӣ дар корҳои илмӣ таҳқиқотии психологи рус А.А. Реан ба хубӣ таҳқиқ гаштааст [74][75][76][77]. Ӯ аз

ҷумла чунин қайд мекунад: “Агрессивнокӣ ҷузъи иҷтимоӣ-психологӣ, ки аз омодагӣ (моилӣ) ба дарк кардан ва тафсири рафтори «дигар»-ро чун душманӣ иборат аст, фаҳмида мешавад. Мо метавонем дар бораи дарки эҳтимолии агрессия ва тафсири эҳтимолии агрессия ҳамчун хусусиятҳои устувори дарки ҷаҳон ва ҷаҳонбинии баъзе одамон сухан гӯем. Мо инчунин қайд мекунем, ки муносибати байни агрессия ва агрессивнокӣ (мисли байни хоҳишҳои аффективӣ ва агрессия) сахт нест, зеро омодагии шахс ба ҳамла метавонад, масалан, бо омилҳои вазъият баробар карда шавад” [77, с.37].

Ҳамин тариқ, дар психологияи муосир ба таври умум эътироф шудааст, ки агрессия пеш аз ҳама як шакли муайяни рафтори инсон мебошад. Истилоҳи «рафтор» барои ифодаи намуд ва дараҷаи фаъолияти инсон васеъ истифода мешавад. Дар доираи рафтори берунии шахс ҳама гуна зуҳуроти намоён, аз ҷумла ҳаракатҳо, амалҳо, изҳорот ва реаксияҳои физиологӣ фаҳмида мешавад. Ҷузъҳои дохилии рафторро ҳавасмандкунӣ ва муайян намудани ҳадафҳо, равандҳои маърифатӣ, аксуламалҳои эмотсионалӣ ва равандҳои худтанзимкунӣ ташкил медиҳанд. Яке аз хусусиятҳои муҳими рафтори инсон ин аст, ки он иҷтимоӣ мебошад – рафтор дар муҳити ҷомеа ташаккул меёбад ва амалӣ мешавад.

Дар луғати бухронӣ тавсифи зерини рафторро дучор мегардем: “Дар сатҳи фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимой муайяншудаи инсон истилоҳи «рафтор» инчунин амали инсонро нисбат ба ҷамъият, одамони дигар ва олами объективӣ ифода мекунад, ки аз ҷиҳати танзими онҳо бо меъёрҳои ҷамъиятии ахлоқ ва ҳуқуқ ба назар гирифта мешавад. Ба ин маънӣ, масалан, дар бораи рафтори баланди ахлокӣ, ҷиноятӣ ва сабукфикрона гуфта мешавад. Воҳидҳои рафтор амалҳое мебошанд, ки дар онҳо мавқеи шахс, эътиқоди ахлоқии ӯ ташаккул ёфта, дар айни замон ифода меёбад” [56, с. 388 ].

Дар таҳқиқи мо  ба анъанаҳои хоси равоншиносӣ ва педагогикаи миллати тоҷик такя мекунем. Тибқи ин равиш, амали агрессивӣ, ба мисли ҳар як амал, бояд ҳатман шакли берунии намоён дошта бошад. Ҳар гуна тахаюлот, ҳисси хашм, банақшагирии амали агрессивӣ ва дигар аксуламалҳои хашмгинонаи дохилӣ, то даме ки дар рафтори берунӣ ифода наёбанд, ҳамчун агрессия ба ҳисоб намераванд.

Мо, мисли бисёре аз муҳаққиқони дигар, агресияро ҳамчун падидаи мушоҳидашаванда мешиносем, ки таҳлил ва арзёбии объективӣ ба он имкон медиҳад. Барои он ки рафори шахсро ҳамчун рафтори агрессивӣ муайян намоем, зарур аст ба се хусусияти асосӣ, ки ҷузъи хашмгинонаи рафторро ташкил медиҳанд, эътибор диҳем:

1. ***Расонидани зарар*** – амал бояд боиси осеб ё зарар ба дигарон гардад.
2. ***Ангезаи расонидани зарар*** – ирода ва мақсад бояд ба анҷоми амали хашмгинона нигаронида шуда бошад.
3. ***Объекти агрессия*** – субъект ё объекти амали хашмгинона бояд муайян ва дақиқ бошад.

**1. Расонидани зарар.** Бо тамоми таърифҳои агрессия, ки дар психология мавҷуданд, чизи умумӣ барои онҳо ин аст, ки агрессия боиси хисорот мегардад. Д. Силман дар ин маврид чунин меояд: “Фаҳмиши агрессия танҳо бо кӯшиши расонидани зарари ҷисмонӣ ба дигарон маҳдуд нест. Ин таъриф маънои агрессия донистани таҳқир ва расонидани зарари равониро надорад. Азбаски зуҳуроти агрессия дар одамон беохир ва гуногунанд, дар илми психология чунин оварда шудааст, ки «амалҳои агрессивӣ дар асоси се миқёс баромад мекунанд: бевосита – ғайримустақим; ҷисмонӣ – шифоҳӣ; фаъол – ғайрифаъол. Масалан, амалҳои, аз қабили тирпарронӣ, корд задан ё латукӯб, ки дар он як нафар нисбати дигараш зӯроварии ҷисмонӣ мекунад, метавонанд, фаъол ва мустақим тасниф карда шаванд. Аз сӯйи дигар, паҳн кардани

овозаҳо ва ё ҳарфҳои бадномкунанда дар бораи шахсе, ки аз паси онҳост, ҳамчун лафзӣ, фаъол ва ғайримустақим арзёбӣ мешавад” [17, с. 29].

Ба ибораи дигар, амали агрессивӣ асосан тавассути зӯроварии ҷисмонӣ ва шифоҳӣ ифода меёбад ва маълум аст, ки ҳангоми тағйир ёфтани шароити муҳити атроф шакли он низ тағйир меёбад [47],[48]. Ҳатто сатҳи мустақим ё ғайримустақими амали шахси агрессивӣ ба вазъи муайян ва шароити атроф вобаста аст. Аз ин нуқтаи назар, расонидани зарар на танҳо маҳдуд ба осеби ҷисмонӣ мебошад, балки ҳар гуна оқибатҳои манфие, ки натиҷаи амали агрессивӣ ба вуҷуд меоранд, низ дар ин меъёр дохил мешаванд.

2. Машҳуртарин тамсилаи «агрессия бе маромнокӣ», ки онро А. Басс пешниҳод кардааст [110], агрессияро ҳамчун ҳар гуна рафторе, ки ба дигарон таҳдид мекунад ё зарар мерасонад, тавсиф менамояд. Аммо аксари муҳаққиқон баъдан аз ин таъриф даст кашиданд, зеро тибқи он ҳатто зарари тасодуфӣ низ ҳамчун агрессия арзёбӣ мегардид. Ин фаҳмиш барои таҳлил ва баррасии равандҳои агрессивӣ хеле баҳснок мебошад.

Масъалаҳои мушаххасе низ пайдо мешаванд, аз ҷумла:

- Чӣ гуна бояд рафтори шахсеро, ки тасодуфан бо ҳаракати пояш ба шумо осеб расонидааст, муайян кард?
- Оё иштирокчиёни садамаи нақлиётӣ, ки ба якдигар осеби ҷисмонӣ расониданд, метавонанд ҳамчун агрессор тасниф шаванд?

Ин саволҳо нишон медиҳанд, ки барои муайян кардани рафори агрессивӣ на танҳо оқибатҳо, балки ангезаи расонидани зарар низ аҳамияти асосӣ дорад.

Л. Берковитс дар ин маврид чунин мегуяд: “Барои ҷавоб додан ба ин саволҳо ба таърифи агрессия як ҷузъи ҳавасмандиро ворид кардан лозим аст. Мақсадҳои шахсони агрессивнок ҳамчун қувваи ҳавасмандкунандаи амал баромад мекунанд. Ба ақидаи у яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши рафтори агрессивонаи инсон ин муайян намудани мақсадҳое мебошад, ки «шахсони агрессивнок ҳангоми ба

одамони дигар зарар расондан» мақсадҳоро пешакӣ ба нақша мегиранд" [12, с.28].

Дар психология гунами тафсили гуногуни агрессия бар асоси мақсад ва ангезаи он мавҷуд аст. Аз ин нуқтаи назар, агрессияро ба ду навъ ҷудо мекунанд: инструменталӣ (ҳадафмандона) ва эмотсионалӣ (аффективӣ, душманона).

Агрессияи инструменталӣ ба он амалиётҳое дахл дорад, ки асосан барои ноил шудан ба ҳадафҳои дигар, ки аз расонидани зарар муҳимтар ҳисоб мешаванд, анҷом дода мешаванд. Дар амал, чунин амалиёт метавонад барои бартараф кардани ҳисси хашм, маҷбурсозӣ, ҳифзи бартарӣ, идора кардани таассурот, ба даст овардани мукофотҳои моддӣ ё иҷтимоӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳим барои шахс, оила ё аъзои гурӯҳ равона карда шавад [13].

Масъалаи мавриди назар дар таҳқиқоти А. Бандура муфассал баррасӣ гардидааст [8],[9],[10]. А. Бандура [9] бештар ба парадигмаи инструменталии агрессия таваҷҷуҳ намуда, чунин назарҳоро пешниҳод мекунад:

- Ҳангоми хашм эҳсоси ҳавасмандкунанда ба вуҷуд намеояд, аммо он метавонад ҳамроҳ бо агрессия амал кунад ва ба шиддати рафтори агрессивӣ таъсир расонад, ба шарте ки худи амал хашмгинона бошад;
- Гарчанде агрессия аксар вақт бо ҳисси хашм ҳамроҳӣ мекунад, рафтори агрессивӣ асосан барои ҳалли мушкилоти мушаххас равона шудааст ва аз ин рӯ ҷудо кардани ангезаи хашм барои таҳлили он аҳамияти калони илмӣ надорад.

Муҳаққиқ Д. Зилман ба интиқоди А. Бандура посух дода, пешниҳод кард, ки агрессия "аз ҷониби як шахси агрессивнок" ба инобат гирифта шавад, вақте ки барои рафъи вазъияти ногувор андешида мешавад, яъне барои фоида ва агрессия "бо ангеза" – он амалҳое, ки ба ноил шудан ба таъсири беруна нигаронида шудаанд, баррасӣ карда шавад [103]. К. Доҷ ва Д. Койи агрессияи инструменталӣ ва

эмотсионалиро бо агрессияҳои фаъол ва реактивӣ иваз карданд. Дар он ҷое, ки агрессияи реактивӣ вокуниш ба таҳдиди даркшударо дар бар мегирад, агрессияи пешгирикунанда бошад барои ба даст овардани натиҷаи мусбӣ нигаронида шудааст. Таҳқиқотҳои гузаронидаи онҳо нишон дод, ки наврасоне, ки ба агрессияи реактивӣ майл доранд, душманий ҳамсинфони худро муболиға карда, ба таҳдиди даркшуда бо амалҳои хашмгин посух медиҳанд. Дар ин ҳоле наврасоне, ки агрессияи фаъол нишон доданд, ба чунин хатогӣ роҳ надоданд. Сарфи назар аз он, ки натиҷаҳои бадастомада фарқияти ҷиддии байни навъҳои ҷудошудаи агрессияро нишон доданд, муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки истилоҳҳои пайдошуда нисбат ба агрессия бо воситаи предметҳои гуногун ва нисбати агрессияи эмотсионалӣ муваффақтаранд. Принсипи асосие, ки ду намуди агрессияро аз ҳам ҷудо мекунад, ба он асос ёфтааст, ки наврасони агрессивнок аз ҷиҳати эмотсионалӣ нигаронидашуда дар зери таъсири бедоршавии шадид бидуни дарки оқибати амали агрессия зарар меоранд, дар ҳоле ки наврасони агрессивноке, ки ба воситаи предметҳои гуногун агрессияашон нигаронида шудааст, барои амали худ ҳадафи мушаххас ё мукофотро пайгирӣ мекунанд [104, с.488]. Бо вуҷуди ин, мо қайд мекунем, ки ин таснифот якхела нест: "Аксар вақт, агрессия, ки ҳамчун воситаи расидан ба мақсад равона карда мешавад, ҷузъҳои душманиро ба даст меорад, дар ҳолате ки агар ҷабрдида муқовимат нишон диҳад". Нияти расонидани зарар ҳамчун қувваи ангезандаи агрессия баромад мекунад.

Масалан, Х. Хекхаузен агрессияро ҳамчун зарари қасдан ба каси дигар мефаҳмад: «Ҳамин тариқ, вайрон кардани якпорчагии бадан дар ҳолати ҷарроҳӣ агрессияро ташкил намедиҳад, балки ин агрессия ҳангоми ҳуҷум бо корд дар даст аст. Фарқ кардани шаклҳои зиёди рафтор танҳо он вақт ба ҳадафи худ мерасад, ки оқибатҳое, ки субъект ҷустуҷӯ мекунад, метавонад ба як махраҷ – расонидани зарари қасдан ба шахси дигар кам карда шавад. Л. Берковитс низ ба зарурати меъёрии

қасдан расонидани зарар таъкид намуда, чунин таъриф медиҳад: «Агрессия ин шакли рафтори ҷисмонӣ ё рамзӣ мебошад, ки бо қасди расонидани зарар ба каси дигар равона карда мешавад» [13, с. 432]. Д.Тедеши ва Р.Фелсон бар ин назаранд, ки «барои он ки рафтори шахс ҳамчун агрессивнок муайян карда шавад, он бояд бо мақсади ба вуҷуд овардани оқибатҳои манфӣ барои объекти агрессия амалӣ карда шавад, ки ин дар навбати худ интизори он аст, ки амал ба натиҷаи муайян оварда мерасонад» [42, с17-18].

Дар илми психология нақшаҳои пинҳонӣ баъзан ҳамчун "шахси пинҳон, ба нақшаҳои мушоҳидаи мустақим дастнорас" фаҳмида мешавад. Чунон ки пештар қайд карда будем, ин «нақшаҳо» бо ангезае, ки аз мақсади ниҳоии амал бармеояд, зич алоқамандананд. Ин фаҳмиши нақшаҳои пинҳонӣ баъзе нофаҳмиҳоро пеш меорад ва истифодаи меъёрҳои дар боло номбаршударо дар таърифи агрессия зери суол мебарад.

Дар психологияи ватанӣ мақсад ҳамчун «нияти бошуурона, фаҳмида мешавад, ки вазифаи ташвиқ ва банақшагирии рафтор ё фаъолияти шахсро иҷро мекунад. Мақсадҳои инсон ташаккулёбандаанд:

- ҳангоми дур будани иҷрои фаъолият ба таъхир афтодани он ва кӯшиши ноил шудан ба он;
- вақте ки қонеъгардонии эҳтиёҷотро бевосита ба даст овардан мумкин нест, вале ноил шудан ба мақсадҳои дар пеш гузошташударо талаб мекунад, ки қувваи ҳавасмандкунандаи худро надоранд. Бояд қайд кард, ки “маромҳое, ки аз нияти қабулшуда бармеоянд, ҳамон хосиятҳои динамикӣ (қувват, шиддат ва ғ.) доранд” [56, с. 323].

Ҳадафи расонидани зарар ҳамеша бо иродаи шахси агрессивӣ мувофиқат намекунад ва дар бисёр ҳолат субъектро водор мекунад, ки бар зидди хоҳиши аввалия амал намояд. Масалан, дар шароити набард сарбоз метавонад дар ҳолати шадиди эҳсосӣ, ба мисли тарс, кӯшиш кунад, ки бо гурехтан ҷони худро наҷот диҳад, аммо дар ниҳоят қарор

қабул мекунад, ки дар майдони ҷанг боқӣ монад ва муборизаро идома диҳад. Дар ин ҳолат мақсад бо ҳисси вазифа алоқаманд аст. Нияти кабулшуда оид ба расонидани зарар ба худ ва дигарон маънои онро дорад, ки сарбоз дар шароити ба амаломада оқибати амалро бошуурона интихоб кардааст.

Бархе муҳаққиқон бар он назаранд, ки агрессия набояд танҳо ҳамчун натиҷаи мутақобилаи мавҷудоти зинда фаҳмида шавад. Масалан, Э. Фромм агрессияро ҳамчун амалҳое муайян мекунад, ки ба шахсони дигар, ҳайвонот ё ашёи беҷон зарар мерасонанд [99, с.162–173]. Аз ин нуқтаи назар бармеояд, ки ҳар гуна амалҳои харобиовар, ки ба назар мерасад, метавонанд ҳамчун амалҳои агрессивӣ ҳисоб шаванд. Аммо дар амал чунин ҳолатҳо ҳамеша ба агрессия марбут нестанд. Масалан, одамон дар ҳолати хашм ё норозигӣ метавонанд ашёҳои бенаво ва беҷонро вайрон кунанд — мисли шикастани ашё дар оташи ҷанҷол. Гарчанде ки чунин рафтор бо аксуламалҳои соматикӣ ва эҳсосӣ ҳамроҳӣ мекунад ва ба шабоҳати психологӣ наздик аст, онро на ҳамеша метавон ҳамчун намуди агрессия тасниф намуд.

Дар психологияи муосир таърифи эътирофшуда ва маъмултарини агрессия ба Р. Берон тааллуқ дорад: «Агрессия ҳама гуна рафторест, ки ба таҳқир ё расонидани зарари дигар мавҷудоти зинда нигаронида шудааст, ки чунин муносибатро намехоҳад» [17, с. 23].

Аммо далелҳои зикршуда нишон медиҳанд, ки дар шарҳи омилҳои ангезанда на ҳамеша метавон бо муаллифон мувофиқат кард, ҳам дар мавриди амали агрессивӣ ва ҳам дар муносибати қурбонӣ. Мушкилоти асосии татбиқи таърифи Р. Берон дар он аст, ки марзи байни мафҳумҳои «агрессия» ва «зӯроварӣ» равшан набуда, шабеҳиятҳои онҳо ҳамеша якхела нест. Дар доираи рисолаи диссертатсионӣ мо агрессияро ҳамчун ҳама гуна рафтор (амал ё кирдор) муайян мекунем, ки бо нияти расонидани зарар тавассути амалиёти ҷисмонӣ ё шифоҳӣ ба ҳама мавҷудоти зинда, аз ҷумла амалҳои зидди худ, равона шудааст.

Таҳлили моҳият ва механизми зоҳиршавии рафори агрессивӣ нишон медиҳад, ки барои баррасии амиқ ва дақиқи ин падида зарур аст, ки типологияи он муайян карда шавад. Тафовути сохтории рафори агрессивӣ аз ҷиҳати сифат ва сатҳ хусусиятҳои хосро муайян мекунад, ки дар стратегияҳои устувори рафторӣ — яъне типҳои рафори агрессивӣ — таҷассум меёбад. Бар асоси ин типология, муаллифон зоҳиршавӣ, самт, вазнинӣ, дараҷаи идоракунии амалиёти агрессивӣ ва дигар хусусиятҳои он ба таҳлил фаро гирифта мешаванд. Масалан, Дэвис Майерс агрессияро ҳамчун рафтори ҷисмонӣ ё лафзие меомӯзад, ки ба мақсади расонидани зарар ба шахси дигар нигаронида шудааст [54, с.531].

Рӯз то рӯз миқдори наврасони рафтори агрессивӣ дошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шуда истодааст, ки натиҷаи онро дар вайрон кардани меъёрҳои аз ҷониби ҷомеа муайян кардашуда, оворагардӣ ва бадахлоқии онҳо мо дида истодаем. Л. Берковитс оид ба хусусиятҳои агрессия чунин мегуяд: «Дар психология агрессия ин:

- гиперфаъолӣ, кӯшиши худсобиткунӣ, душманӣ, вайроншавии психикӣ;
- кӯшиши расонидани зарар ба шахсият ё ҷомеа;
- бераҳмона ба дигарон расонидани зарбаи ҷисмонӣ ё руҳӣ;
- аксуламале, ки дар натиҷа шахси дигар эҳсоси дардро пайдо мекунад;
- агрессия ин рафтори фардӣ ё гурӯҳие мебошад, ки ба расонидани зарари ҷисмонӣ ё психикӣ равона шудааст» [12, с. 117].

Агрессия калимаи юнонӣ буда, маънояш «gradus» - қадам ва «ad» - ба мебошад. Дар солҳои пешин мафҳуми «агрессивӣ будан» маънои бе тарсу шубҳа ҳаракат кардан барои ба мақсад расиданро дошт.

Муҳити ҷуғрофии Тоҷикистон ба сабзиши физиологии наврасон таъсири назаррас бахшида, дар тараққиёти ҷисмонию психикии онҳо душвориҳои муайянро низ ба вуҷуд меоварад. Ҳангоми ташкили кори тарбиявӣ бояд махсусиятҳои гурӯҳҳои наврасонро ба назар гирифт.

С. Қодиров дар мавриди гурӯҳбандии наврасони душвортарбия чунин мегуяд: “Шартан наврасонро ба се гурӯҳи зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1. Наврасоне, ки ба гурӯҳҳои якум дохил мешаванд, бо бепарвоӣ ва беташаббуси нисбати фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ тавсиф дода мешаванд, ҳеҷ гуна оянда надоранд. Бетартиб, маккор ва оворагард буданд.
2. Наврасони гурӯҳи дуюм бо кӯтоҳандешию саҳлангорӣ фарқ мекарданд, онҳо оид ба кори карда ва фикри гуфта андеша намекунанд. Нисбати кори фармуда беиродагӣ ва бемасъулиятӣ зоҳир менамуданд.
3. Ба гурӯҳи сеюм наврасони меҳнатдӯст, аз ҷиҳати ақлӣ ва ҷисмонӣ инкишофёфта дохил мешаванд. Онҳо кори фармударо эҳтиёткорона ва саривақт иҷро мекунанд ва ба эродҳои рафиқону калосолон дуруст эътибор медиҳанд. Онҳо кӯшиши ҷудо намудани худро дар байни рафиқон намекарданд ва худро нигоҳ дошта метавонистанд” [36, с. 54].

Таснифоти мазкур барои ташкили кори пешгиринамоӣ ва ислоҳнамоӣ бо кӯдакони агрессивнок мувофиқи мақсад аст.

## 1.3 Хусусиятҳои иҷтимоӣ- психологии зоҳиршавии агрессия дар наврасон

Муайянсозии раҳёфтҳои гуногуни шарҳи мафҳуми агрессия, таҳлили ҷузъҳои сохтории он ва барраси намудани намуду шаклҳои зуҳури ин падида имкон фароҳам меорад, ки рафтори агрессивӣ дар марҳилаи наврасӣ ҳамаҷониба омӯхта шуда, паҳлӯҳои иҷтимоии он равшан гарданд ва нақши он дар ташаккули шахсияти наврасон ба ҳисоб гирифта шавад. Таҳқиқи хусусиятҳои зуҳури рафтори агрессивӣ дар ин синну сол, дар навбати худ, заминаи дарк ва арзёбии муносибатҳои байнишахсӣ миёни наврасонро фароҳам месозад. Натиҷаҳои таҳлили

адабиёти равоншиносию педагогӣ шаҳодат медиҳанд, ки хосиятҳои рафтори наврасон, аз ҷумла тамоюл ба рафтори агрессивӣ ва зуҳури буҳронҳои синнусолӣ дар рушди равонӣ, ба хусусият ва сифатҳои муносибатҳои онҳо бо атрофиён вобастагии амиқ доранд.

Ба таъкиди Л.И. Божович, сатҳи некӯаҳволии равонӣ ва дараҷаи шиддатнокии бӯҳрони наврасӣ то андозае аз хусусият ва мазмуни муносибати наврас бо атрофиён, бахусус бо калонсолон вобаста аст. Ӯ бар он назар аст, ки муошират бо калонсолон танҳо дар сурате аҳамияти мусбат пайдо мекунад, ки тавонад ниёзҳои наврасро ба мақоми «калонсолӣ» қонеъ намуда, шароит барои аз байн бурдани монеаҳои беруна ва дохилӣ фароҳам оварад. Маҳз ин монеаҳо аксаран наврасро аз расидан ба ҳадафҳои шахсӣ ва татбиқи моделҳои интихобкардаи зиндагӣ бозмедоранд [15, с. 43].

Дар ҳолате ки муносибат бо муҳити иҷтимоӣ талаботи равонии наврасро пурра таъмин намекунад, эҳсоси беадолатӣ дар ӯ шакл мегирад. Чунин таҷрибаҳо боиси пайдоиши кина, эҳсоси қурбонӣ шудан ва майли ҳимояи худ тавассути вокунишҳои хашмолуд мегарданд. Дар ин замина, рафтори агрессивӣ метавонад ҳамчун шакли муайяни муҳофизати равонӣ ва воситаи исботи арзишмандии шахсият ба миён ояд.

Ба андешаи мо, сарчашмаи аслии чунин зуҳурот норозигии наврас аз қонеъ нагардидани эҳтиёҷоти асосӣ ва афзоиши талаботи шахсӣ мебошад. Агар муҳити иҷтимоӣ имкони ифодаи мақсадҳо, манфиатҳо ва мавқеи шахсии наврасро маҳдуд созад, эҳтимоли афзоиши рафтори агрессивӣ зиёд мегардад. Аз ин рӯ, омӯхтани механизми таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ ба рафтори агрессивӣ на танҳо барои фаҳмиши равандҳои рушд дар давраи наврасӣ, балки барои ташкили муошироти солими педагогӣ ва оилавӣ низ дорои аҳамияти назаррас мебошад.

Дар ҳолатҳое ки наврас аз қонеъсозии эҳтиёҷоти муҳими равонӣ ва иҷтимоӣ маҳрум мегардад ва эҳтимолияти бароварда шудани ин ниёзҳо

дар арзёбии шахсӣ паст менамояд, ҳолати равонӣ бо зуҳуроти манфӣ ба вуҷуд меояд. Ин ҳолат бо таҷрибаҳои кина, ноумедӣ, изтироб ва ғазаб тавсиф мешавад, ки дар равоншиносӣ бо мафҳуми умумии «фрустратсия» ифода меёбад. Посухи маъмулӣ ва хоси наврас ба чунин ноумедиҳо рафтори агрессивӣ мебошад.

Дар солҳои охир дар миқёси олам, зиёдшавии амалҳои зӯроварӣ хело зиёд мушоҳида мегардад. Ин зуҳуротҳои хатарноки иҷтимоӣ, одатан, бо мафҳумҳои агрессия ва агресивнокӣ алоқаманд аст, ки ташвишу тараддуди сахтро ба вуҷуд меоваранд. Махсусан, айни замон зиёдшавии ҷиноятсодиркунӣ аз тарафи наврасон ва рафторҳои ғайриичтимоии онҳо, аз ҷумлаи мушкилиҳои марказии ҷомеа ба шумор меравад. Зуҳуроти агресия дар кӯдакон, яке аз проблемаҳои асосии ба ташвишоварандаи фаъолияти таълимии муаллимон ва тарбияи хонаводагӣ мебошад.

Ҳар як рафторро ҳамеша бо ягон меъёр муқоиса карда баҳо медиҳанд, мушкилии асосии рафтор ин каҷрафторӣ ва рафтори девиантӣ мебошад. Умуман, синни наврасӣ яке аз давраҳои ҳассос ба шумор меравад. Зеро аввалан мушкилиҳои дохилии давраи гузариш аз протссесҳои тағйирёбандаи психикӣ сар карда, то Ман-консепсия ба ин сабаб мешаванд. Онияи, номуайянӣ ва маҳдудии вазъи иҷтимоии наврас ва дар ниҳоят ихтилофҳо, ки азнавсозии механизмҳои назоратию иҷтимоиро ба вуҷуд меоранд, ба таври якмаром ва беолоиш рушд кардани хусусиятҳои психикии наврасро мушкил мегардонад.

Ба ақидаи Берон Р. Ва Ричардсон Д. бачаҳое, ки дараҷаи бисёр баланди изтиробнокӣ доранд, дар онҳо зоҳиршавии агрессия ҷисмонӣ мешавад, ё ба тври дигар қувваи зӯриро ба муқобили дигарон истифода мебаранд. Бачаҳои изтиробнокиашон дар меъёри муайян буда низ, метавонанд аз худ рафторҳои агресивиро нишон диҳанд. Агрессияи онҳо дар намуди одитар зоҳир мешавад (тайёранд ҳиссиётҳои манфиро ҳангоми камтар ангезишҳои ба воситаи додзанӣ, чиросзанӣ таҳдидҳои

сухан кунанд) [17].

Дар замони ҳозира «агрессия» ё «рафтори агрессивӣ» яке аз мушкилотҳои марказӣ дар назди педагогҳо ва психологҳо мебошад.

Баррасии хусусиятҳои синнусолӣ фардияти психика ва фаъолияти олии асаби кӯдаконро талаб мекунад. Дар давраи наврасӣ, пешрафти босуръати ҳамаи функсияҳои ҳаётӣ, аз ҷумла афзоиши ҷисмонӣ, тағйироти мубодилаи моддаҳо ва инкишофи соҳаҳои асаб ва психика ба назар мерасад. Аз ин рӯ, шакли асосии фаъолият бояд ба хусусиятҳои нави ин давра мутобиқ бошад. Яъне муносибатҳо байни худи наврасон ва ҳамчунин байни наврасон ва калонсолон бояд гуногунранг, таҳти назорат ва идоракунӣ ва бо мақсади умумии иҷтимоӣ ҳамоҳанг гарданд.

А. И. Ложкин қайд мекунад, ки норасоии шуур танҳо маҳдудияти техникии шахс нест, балки норасоии он аз қадамҳои муайяни иҷтимоӣ ва муносибатҳои вайроншуда ба вуҷуд меояд. Ба гуфтаи ӯ, ин норасоӣ пеш аз ҳама натиҷаи мухолифатҳо байни талаботи шахсӣ ва талаботи ҷамъият аст, ки метавонанд дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва таҷрибаи шахс таҷассум ёбанд [121].

Чи тавре ки В.М. Алфимова ва В.И. Трубников мафҳуми агрессияро шарҳ медиҳанд, мақсади асосии агрессия расонидани зарар ба ин ё он шахс мебошад. Бояд қайд кард, ки дар замони ҳозира "агрессия" ва ё "рафтори агрессивӣ" яке аз мушкилиҳои марказӣ ба шумор меравад. Аксуламалҳои агрессивиро ба чунин намудҳо ҷудо мекунанд:

- агрессияи ҷисмонӣ (ҳуҷум кардан) - истифодаи қувваи ҷисмонӣ бар зидди шахси дигар;

- агрессияи бавосита - фаъолияти ношоиста нисбати шахси дигар, ғайбат, шухиҳои барқасдона ё қаҳре ки ба ягон кас равона шудааст;

- агрессияи шифоҳӣ - зоҳир намудани ҳиссиёти манфии худ тавассути дод задан, ҷанг кардан ва ғайра;

- майл ба оташиншавӣ - ин гуна одамонро ҳатто ангезаи ночиз метавонад хашмгин созад;

- негативизм - рафтори мухолиф, одатан, ба муқобили ягон шахси обруманд ё роҳбарият равона шудааст;

- шубҳанокӣ- нобоварӣ ва эҳтиёткорӣ дар муносибат бо дигарон [5].

Таҳти мафҳуми агресивнокӣ хусусиятҳои шахсиятро фаҳмидан мумкин аст, ки ҳамчун анъанаҳои номақбул тавсиф дода мешавад. Махсусан, дар ҳудуди муносибатҳои субъект бо субъект. Ин қисмҳои номақбули фаъолии одам барои офаридани фаъолиятҳое ба монанди талаботҳои инкишофи индивидуалӣ заруранд, ки дар одамон қобилияти бартараф кардан ва нобуд сохтани монеаҳоро ҳатмӣ мегардонад.

Ҳар як рафторро ҳамеша бо ягон меъёр муқоиса карда баҳо медиҳанд, мушкилии асосии рафтор ин каҷрафторӣ ва рафтори девиантӣ мебошад. Умуман, синнӣ наврасӣ яке аз давраҳои ҳасос ба шумор меравад. Зеро аввалан мушкилиҳои дохилии давраи гузариш аз протсесҳои тағйирёбандаи психикӣ сар карда, то ман-консепсия ба ин сабаб мешаванд. Сониян, номуайянӣ ва маҳдудии вазъи иҷтимоии наврас ва дар ниҳоят ихтилофҳо, ки азнавсозии механизмҳои назоратию иҷтимоиро ба вуҷуд меоранд, ба таври якмаром ва беолоиш рушд кардани хусусиятҳои психикии наврасро мушкил мегардонад.

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чунин халалдоршавиҳо дар ҳолатҳои алоҳида чӣ хел ба вуҷуд меояд?

Рафтори агресивӣ – ин бераҳми, тезӣ ва агресивнокӣ хусусиятҳои хоси рафтори гурӯҳии наврасон мебошад.

Агресивнокии наврасӣ ин, пеш аз ҳама, натиҷаи агресивнокӣ ва беҳурматӣ нисбат ба худ мебошад, ки дар асоси аз сар гузаронидани нокомиҳои ҳаётӣ ва беадолатӣ (падараш ӯро партофтааст, дар мактаб доимо танқидаш мекунанд ва ғ.) ба вуҷуд меояд. Тезхашмӣ ва агресивнокӣ бештар дар наврасоне ба вуҷуд меояд, ки эрка калон шудаанд ва дар кӯдакиашон имконияти озоди санҷидан ва ба рафторҳои худ ҷавоб доданро надоштанд. Тезхашмӣ ва агресивнокӣ барои онҳо як намуд аслиҳаи қасосгирӣ, худсобиткунӣ ва худнишондиҳӣ ба шумор

меравад.

Агресивнокӣ метавонад ҳанӯз дар синни томактабӣ дар ҷангу ҷанҷол барои бозича ба амал ояд. Баъзе кӯдакони синни хурди мактабӣ ҳангоми дар ҷанҷол мантиқан ғолиб наомадан, аз қувваю зӯри бозу истифода мебаранд. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо баландшавии агрессия кам дида мешавад. Барои ҳамин ин амалҳо ягон хатари ҷамъиятиро намеоранд. Лекин тарбиятгар бояд ба ин роҳ надиҳад. Агресивнокӣ дар муносибат ба хурдсолон, асосан, ҳангоми ба онҳо халал расондан, даст ба гиребон шудан, баъзан гирифтани чизҳои майда-чуйда ва пул сар мезанад. Вай, асосан, нисбати кӯдаконе амалӣ карда мешавад, ки ҳимоятгари боқувват надоранд.

Агрессияи бачагони синни калони наврасӣ дар муносибат бо калонсолон аксари вақт барои муайян кардани ҳудуди рафторҳои ба онҳо иҷозатдода сурат мегирад. Вай дар натиҷаи қасдан халал расонидан ба хомӯшӣ қаҳр кардани калонсолон ва ғ. ба амал меоянд. Дар ин ҳолат ҷавонон рафтори калонсолонро мушоҳида карда, зуд ба онҳо таъсир мерасонанд. Вазъияти нисбатан пуршиддат вақте ба амал меояд, ки ба қаҳру ғазаб аз авбошон тартибот талаб мекунанд. Дар ин ҳолат ҷавонон ҷазои сазовор гирифтанашонро ҳамчун муносибати ноҳақ идрок мекунанд. Барои ҳамин наврасон дар ин ҳолат барои ҳамаи кор калонсолонро айбдор мекунанд. Агрессияи аксари наврасон дар бисёри ҳолат ба калонсолони алоҳида равона карда шудааст. Ин дар рафторҳои ҷиноятие, ки мақсади гурӯҳро ифода мекунанд, тез-тез дида мешавад. Воридшавии бевосита ба ин одатан эмотсияи пурқувватеро пайдо мекунад, ки тамоми гурӯҳро фаро мегирад.

Аммо байни онҳо наврасони аз ҷиҳати ақлӣ ва иҷтимоӣ инкишофёта низ ҳастанд, ки дар онҳо агрессия маҳсули баланд шудани обрӯ ё нишон додани мустақилият мебошад. Бисёртар чунин наврасон дар муносибат бо калонсолон дар мухолифат қарор доранд. Дар асоси суҳбат бо муаллимон, волидон, ҳамсолон ва калонсолон психологҳо чор намуди наврасони агрессивиро ҷудо намудаанд:

1. Наврасони комплекси бадахлоқона дошта талаботҳои тағйирёбанда, ки муносибатро вайрон мекунанд. Ба онҳо худпарастӣ, бепарвоӣ нисбати дигарон, улфатнопазирӣ, надоштани обрӯ, беномусӣ, дуруштӣ, тундмиҷозӣ, бадҷаҳлӣ, дағалӣ ва ҷангарагӣ хос аст. Дар рафтори онҳо агрессияи ҷисмонӣ дида мешавад.

2. Наврасонии дорои талабот ва арзишҳои тағйирёфта, ки муҳити васеътари шавқу ҳавасҳо дорад.  Онҳо хоҳиши ба даст овардани обрӯю эътибор, ғам додани кӯдаконро доранд. Онҳо қувваро истифода мебаранд на ақлро.

3. Наврасоне, ки дар онҳо байни талаботҳои тағйирёфта ва позитивӣ мебошад. Онҳо бо дуруғгӯӣ, сохтакорӣ ва дуруягиашон фарқ мекунанд. Дар рафтори онҳо агресияи бавосита ва вербалӣ дида мешавад.

4. Наврасоне, ки бо тағйирёбии сусти талаботҳояшон фарқ мекунанд, ки миқдори дӯстонашон хеле кам аст. Ба онҳо кофтани дӯстон аз байни калонсолон хос аст. Дар рафтори онҳо агрессияи вербалӣ ва негативизм дида мешавад. Дар онҳо сустиродагӣ тарсончакӣ, бадкинагӣ дида мешавад.

Намудҳои рафтори агрессивӣ, ки ба ҳама наврасон хос аст. Аммо ҳастанд, омилҳое, ки ба характери наврасон таъсир расонида, агрессияро ба вуҷуд меоранд:

- омили биологӣ: махсусан системаи асаб, тағйирёбии таркиби кимиёвии хун бо таъсири тестиронии ҳормонҳои ҷинсии мард;
- омилҳои ҷинсӣ: дар мардон бисёртар агрессияи физикӣ – ҷисмонӣ ба вуҷуд меояд;
- синну сол: агрессияи на он қадар калон дар давраи наврасӣ ва ҷавонӣ ба вуҷуд; меояд. дар 25 – 30 - солагӣ ба сатҳи миёна мерасад.
- хусусиятҳои шахсӣ: фикр дар бораи он ки атрофиён дар бораи ӯ чь фикр мекунанд;

Шахсияти наврас аз муҳити атроф хеле вобаста аст. Махсусан, нақши гурӯҳҳои хурде, ки наврасон ба онҳо вобастаанд, хеле муҳим аст.

Пеш аз ҳама, ин ба оила дахолат дорад. Сабаби агрессивнок шудани наврас аз наздикӣ байни волидон ва кӯдак муносибати байни хоҳару бародар ва намуди ҳокимияти оила хеле сахт вобастагӣ дорад. Наврасоне, ки дар оила ба зӯроварӣ дучор мешаванд ва худашон ҷабрдида бошанд, бисёртарашон ба ҳолати агрессия гирифторанд. Психологҳо намудҳои гуногуни оилаҳои номусоидро ҷудо намудааст, ки дар онҳо наврасони агрессивӣ ва рафтори қафомонда дошта дида мешаванд:

1. Муҳити аз ҷиҳати эмотсионалӣ нопурра, ки дар он волидайн ба фарзандон на фақат беаҳамиятӣ зоҳир мекунанд, инчунин, нисбати онҳо бадқаҳру беҳурматанд;

2. Оилае, ки дар он алоқаи эмотсионалӣ байни аъзои оила вуҷуд надорад. Барои ҳамин наврас алоқаи эмотсионалиро берун аз оила меёбад.

3. Муҳити аз ҷиҳати ахлоқӣ носолим, кӯдак бо ҷомеа ҳамроҳ шудан намехоҳад. Ӯ ба образи бадахлоқӣ медароянд.

4. Оилае, ки дар он ба зиндагии дохилии кӯдакон аз ҳад зиёд аз тарафи волидон назорат карда мешавад (фикрашон, ҳиссиёташон, рафторашон).

Ҳолати номусоид будани оила аз ҷиҳати биологӣ – психикӣ ва иҷтимоӣ ба образи зиндагии наврасон таъсири худро мерасонад. Онҳо ба таъсири сахти гурӯҳҳои наврасӣ гирифтор мешаванд. Худи образи зиндагӣ доираи муносибат ба инкишофёбии каҷрафтории наврас таъсири худро мерасонад. Рафтори агрессивиро кӯдак на фақат аз оила мегирад, инчунин, ҳамсолон низ таъсири худро мерасонад. Гурӯҳи ҳамсолон, наздикон ба инкишофи шахсии наврасон таъсири худро мерасонад. Гурӯҳҳое вуҷуд доранд, ки онҳо ба қонеъ намудани талаботҳои худ ва кӯшиши масъулиятро бар души дигарон бор намудан равона шудааст. Ин гурӯҳи наврасон дар беаҳамиятӣ ба дарсгурезӣ, хоҳиш надоштани иҷро намудани корҳои хона аз дигар наврасон фарқ мекунанд. Бисёртари онҳо шавқ ба ягон машғулият надоранд. Бинобар

ин, онҳо вақти холии зиёд доранд ва онро беҳуда сарф менамоянд. Аз ҷиҳати зоҳирӣ бадхашм будани наврас – бача ва дарундорӣ ё камгапии духтарон тасвири мушкили ҷинсии синнусолӣ, дигаргунӣ дар инкишофёбии он ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тариқ, агрессияро метавон аз нуқтаҳои гуногуни таҳлил ба категорияҳои зерин ҷудо кард:

- Аз ҷиҳати шаклҳои зоҳиршавӣ: лафзӣ ва ғайрилафзӣ (ҷисмонӣ), ҳам бевосита ва ҳам бавосита;
- Аз ҷиҳати мақсад: тезҳаракат, адоватнок ва воситавӣ (боасос ва беасос);
- Аз ҷиҳати тобиши эмотсионалӣ: аффективӣ ва сард;
- Аз ҷиҳати самти аксуламали агрессивӣ: гетероагрессивӣ, автоагрессивӣ ва ҷойивазкунанда.

Новобаста аз шакл ва намуди рафтори агрессивӣ, ҳамаи онҳо як хусусияти умумӣ доранд: ин рафторҳо кӯшишҳое мебошанд барои назорат ва таъсиррасонӣ ба вазъият бо мақсади беҳтар намудани ҳолати худ ё муҳити атроф, аз ҷумла ба муносибатҳои байни шахсони наздик таъсир гузоштан.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки синни наврасӣ яке аз давраҳои бисёр тезу тунд, номунтзам, давраи ҷӯшу хурши эмотсионалӣ мебошад. Ба хусусиятҳои асосии ин зинаи синну солӣ инҳо дохил мешаванд:

1. Дар ҳоле, ки мавқеи наврас дар доираи калонсолон то ҳол пурра муайян нест, ӯ дар зинаи гузариш аз синни хурдсолӣ ба синни калонсолӣ қарор дорад.

2. Ин давра «зуҳуроти буҳронӣ» дорад. Яъне организми кӯдак бошиддат инкишоф меёбад муносибаташ бо худ ва атрофиёнаш дигар мешавад.

3. Дар алоқаманди бо «буҳронӣ» давраи гузариш рафтори кӯдак тағйир меёбад, ки аксарияти вақт аз доираи меъёрҳои муқарраршуда берун мебарояд. Олами ботинии ҳиссиётҳои кӯдак бо чунин мафҳумҳо ба

монанди «изтиробнокӣ», «зиёдшавии баҳаяҷоноӣ», ҳолати эмотсионалӣ, «муносибатҳои номуносиб» тавсиф дода мешавад.

4. Ба рафтори наврасон як қатор омилҳои берунию ботинӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- омилҳои биологӣ (фонӣ, генетикӣ, ҷароҳатҳо ва касалиҳо);
- омилҳои иҷтимоӣ (оила, ҳамсолон, расонащо, омилҳои вазъият);
- омилҳои ботинии психологӣ (изтиробнокӣ, ҳолатҳои эмотсионалӣ, ифодаёбии хусусиятҳои характер ва мизоҷ) [123].

Дар бораи синни наврасӣ сухан ронда оид ба агрессия ҳамчун тавсифдиҳандаи рафтор дар давраи синну соли додашуда гуфтан лозим аст, ки дар фаҳмишҳои зерин ифода меёбад:

- агрессия - рафтори индивидуалӣ ё гурӯҳие мебошад, ки ба расонидани зарари ҷисмонӣ ё рухӣ, ё худ ба нобуд сохтани нафари дигар ё гуруҳи одамон равона карда шудааст;
- тайёрии субъект ба рафтори агрессивӣ ҳамчун характери устувори шахсияти бадхашм дида баромада мешавад;
- дараҷаи агрессивнокӣ ҳамчун озмоиш дар раванди иҷтимоишавӣ, ҳамчун ореинтатсия ба меъёрҳои маданӣ – иҷтимоӣ муайян карда мешавад.

Ба сарчашмаи зоҳиршавии агрессия дар наврасон чунин омилҳо таъсири сахт мерасонанд:

1. Оилаи нопурра. Назорати сахт аз тарафи яке аз волидон, ки наврас бо ӯ зиндагӣ мекунад. Дар ин ҳолат мо дар баробари вазифаҳои модариаш нақши падарро низ ба ухда мегирад. Манъкуниҳо бисёр мешаванд, кӯдак дар муҳити тарсу фишор ба воя мерасад.

2.Тарбияи нодуруст. Беназоратӣ аз тарафи волидайн. Вақте ки ба кӯдак аз тарафи волидайн диққати кам зоҳир мешавад, дар ин ҳолат наврас барои худ идеалро аз филмҳо ва ё дигар намудҳои васоити ахбори омма пайдо мекунад. Бештар ӯ қаҳрамононеро интихоб мекунад, ки нақши манфиро мебозанд, ҷиддӣ менамоянд ва наврас оҳиста - оҳиста

худаш дорои ин хусусиятҳо мешавад.

Сарчашмаи агрессияи патологӣ стресси дар синни барвақти наврасон ба вуҷуд омадааст. Истифодаи ҷазои ҷисмонӣ ҳамчун як намуди тарбия хеле хатарнок аст.

Якум, волидоне, ки чунин намуди ҷазодиҳиро истифода мебаранд, худашон як намунаи агрессивӣ барои наврас мешаванд. Дар ин ҳолатҳо ҷазодиҳӣ агрессияро инкишоф медиҳад.

Дуюм, кӯдаконеро, ки ҳамеша ҷазо медиҳанд, аз волидонашон дур мешаванд ё ба онҳо муқобилият нишон медиҳанд. Дар натиҷа наврас ба ки бояд ҷазо дода шаванд ва нафақат аз тарафи волидон, инчунин аз тарафи қонун низ.

Сеюм, агар ҷазодиҳӣ таъсири сахт расонад, кӯдак фаромӯш мекунад, ки барои чи ӯро ҷазо доданд, дар вай фақат нафрат нисбати шахси ҷазодиҳанда пайдо мешаваду халос, аммо ӯ ислоҳ намешавад ва баръакс боз ҳамин корро такрор мекунад. Чунин зуҳуроти агрессия метавонанд ба воситаи истифодаи доруҳо бартараф шаванд.

Ба омилҳои дохилии агрессия вайроншавиҳои аффективӣ ва бухрони патологии шахсият дохил мешаванд. Вайроншавиҳои аффективӣ метавонанд ҳам дар давраи кӯдакӣ ва ҳам дар давраи калонсолӣ ба вуҷуд оянд, ки сабабҳояш ҷароҳати майнаи сар, таксикози ҳомиладорӣ, ҳомиладории аз муҳлаташ дер давомкунанда мебошанд. Онҳо дар намуди дипрессия, тарс, воҳима, нафрат нисбати дигарон зоҳир мешаванд. Наврас фаъолияти худро идора карда наметавонад.

Инчунин, дар зоҳиршавии агрессия дар наврасон газетаҳо, интернет, бозиҳои компютерӣ ва телевизион низ таъсири худро мерасонанд. Бисёр филмҳо, мақолаҳо, филмҳои тасвирӣ, бозиҳои компютерӣ аз мундариҷаи зӯроварӣ, криминалӣ ва куштор иборатанд.

Таҳқиқотҳои эмпирикӣ исбот кардаанд, ки яке аз сабабҳои бавуҷудоварандаи агресивнокии наврасон дараҷаи изтиробнокӣ ва ҳолати эмотсионалии наврасон аст.

Омилҳои ташаккули рафтори агрессивӣ дар мисоли рафтори девиантӣ ба таври муфассал дар китоби "Девиантология"-и муҳаққиқони ватанӣ Комилова М.Д., Расулов С.Х. ва Каримзода М.И. баррасӣ гаштаанд. Муаллифони болозикр аз ҷумла қайд мекунанд: "Зимни таҳлили андешаҳои олимон ва мухаққиқон гурӯҳи зерини омилҳоро сарчашмаи тамоюлҳои рафтор дар наврасон шумурдан мумкин аст: нуқсонҳои иҷтимоӣ – педагогӣ. Вақте, ки кӯдак аз рӯйи бетарбиягӣ, надоштани дониш, маҳорат ва малакаҳои мусбии зарурӣ рафтори нодуруст содир менамояд ва ё дар зери таъсири тарбияи нодуруст дар ӯ рафтори қолабии манфӣ шакл гирифтааст; нороҳатии амиқи равонӣ, ки дар заминаи мушкилоти муносибатҳои байниҳамӣ дар оила, муҳити манфии равонӣ дар он, нокомиҳои пайиҳам дар таълим, вайроншавии муносибатҳо бо ҳамсолон дар гурӯҳҳои таълимӣ, муносибати нодуруст (ноодилона, дағал, бераҳмона) аз ҷониби волидон, муаллимон, ҳамсинфон, ҳамсолон ва дигарон ба вуҷуд меоянд; тамоюлҳо дар ҳолати саломатӣ ва инкишофи ҷисмониву равонӣ, бuҳронҳои синнусолӣ, ба дараҷаи ифротӣ расидани характер ва дигар сабабҳои хусусияти физиологӣ ва психоневрологидошта, таъсир мегузорад; мавҷуд набудани шароити мусоиди ҳаётӣ ва рушд, зуҳури бошууронаи фаъолии берунию ботинӣ, машғул нашудан ба фаъолияти манфиатнок, набудани ҳадафу нақшаҳои мусбии иҷтимоӣ ва шахсии арзишнок таъсири манфӣ мерасонанд; беназоратӣ, таъсири манфии муҳити иҳотакарда ва номутобиқати иҷтимоӣ – психологии дар ин замина инкишофёбанда, ивазшавии арзишҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ ба арзишҳои манфии бегонапарастӣ ва ғайра; мувофиқат накардани имкониятҳои кӯдак ба меъёрҳои синнусолии инкишоф, яъне бо ҳамсолон, калонсолон муоширату муносибат барқарор карда натавонистан ва аз уҳдаи иҷрои фаъолиятҳо набаромадани онҳо ба дилхунукию руҳафтодагӣ оварда мерасонанд; маҳдуд будани доираи муошират, меҳру навозиш, дӯстдорӣ, самимияту эҳтироми калонсолон ба он вобаста аст, ки атрофиён ба кӯдак аҳамият намедиҳанд, хоҳишу дархостҳояшонро ба ҳисоб намегиранд,

қонеъ гардондани майлу рағбатро дар онҳо манъ мекунанд, ба шахсияту рафтори онҳо ҳеҷ гуна талаботи ахлоқӣ намегузоранд (дар натиҷа, кӯдак худро шахси нодаркор, танҳо, беаҳамият ҳис намуда, мехоҳад диққати атрофиёнро бо амалҳои ношоистаи худ ҷалб намояд ва мавҷудияти худро ҳамчун "шахсият" ба дигарон дарак ё намоиш диҳад); мувофиқат накардани талаботи калонсолон ба имкониятҳои синнусолию фардӣ, муносибати фармон фармоёна (авторитарӣ), истифода бурдан аз ҷазои ҷисмонӣ, эътироф ва эҳтиром накардани шахсияти онҳо, бо алфози қабеҳ дашном додани онҳо аз ҷониби ҳайати оила ва дигар хешону наздикон, доимо эрод гирифтану киноя задан ба ҳар як амалу рафтори кӯдакону наврасон, руҳбаланду ҳавасманд накардан барои амалу кирдорҳои нек ва ғайра" [38, с.39].

Дар мисоли яке аз шаклҳои агрессия – худкушӣ, ки агрессия нисбати худ маҳсуб меёбад ва мутаассифона солҳои охир шумораи чунин амали номатлуб миёни наврасон меафзояд, муҳаққиқи ватанӣ Саидзода Б.Х. оид ба омилҳои бавуҷудоварандаи он чунин мегӯяд: "Худкушӣ натиҷаи таъсири омилҳои бисёри дарду аламовар ба инсон мебошанд. Ин омилҳои иҷтимоӣ  (шароитҳои иқтисодӣ, замони ҷанг ва сулҳ, навъи машғулият, вазъи оилавӣ ва доираи муошират, муҳити шаҳр ва деҳот), омилҳои фардӣ (ҷинс, синну сол, эътиқоди динӣ, кӯшишҳои пештари худкушӣ), омили клиникӣ (вайроншавии руҳӣ, ҳолати саломатӣ, майзадагӣ, нашъамандӣ), омилҳои психологӣ (низоъ дар фаъолияти якҷоя, мутобиқшавӣ ба ҷомеаи нав, муноқишаҳои оилавӣ, сатҳи пасти маърифати психологӣ, надоштани маҳорат ва малакаҳои психологии бартарф кардани стресс) ба инсон ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳанда таъсир расонда истода, характер ва хусусиятҳои алоҳидаи рафтори худкушии шахсро муайян менамоянд" [126, с. 131].

Ҳамин тариқ, омилҳои асосие, ки ташаккули агрессияи кӯдаконро муайян мекунанд: оила, ҳамсолон, воситаҳои ахбори омма ва ғайра мебошанд. Хавф дар он аст, ки дар насли нав ин бемори метавонад

модарзодӣ ва оммавӣ шуда, аз патологияи иҷтимоӣ ба як меъёри иҷтимоӣ табдил ёбад. Қайд кардан лозим аст, ки на ҳамаи бачаҳои ба категорияи «агресивнокӣ» дохилшуда барои дараҷаи изтиробнокии баланд мебошанд. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки сабабҳои берунии психологӣ низ ҷой доранд (ин метавонад дар асоси муносибатҳои гуногун ба ин ё он типи вазъиятҳо ба вуҷуд ояд). Аксентуатсияи характер, ки сабабҳои пайдоиши ба худ хосро дорад (саломатии ҷисмонӣ, типии тарбияи оилавӣ, муҳити иҷтимоӣ) ба рафтори агрессивнокии наврасон таъсири сахт мерасонад. Аксентуатсияи характер бо сохти муносибатҳои психологии дохилиоилавӣ сахт алоқаманд аст (муҳити психологӣ, муносибати волидайн ба фарзандон баръакс). Мафҳуми «агрессия» имрӯзҳо бештар ба таври васеъ дар таҳқиқотҳои педагогӣ ва психологӣ ба назар мерасанд.

Акнун барои фаҳмидани сабабҳо ва механизми пайдоиши агрессия дар ин давраи синну сол баъзе хусусиятҳои асосии давраи наврасиро муфассалтар бояд дида бароем. Якум, мушкилоти шадиди давраи наврасӣ, тавре ки қаблан қайд кардем, азнавсозии муносибатҳо бо волидон, гузаштан аз давраи кӯдакӣ ба муносибатҳои дар асоси эҳтиром ва баробарҳуқуқӣ асосёфта мебошад. Хусусияти психологии давраи наврасӣ бо ду “нуқтаи гардиш”-и ин синну сол алоқаманд аст:

- психофизиологӣ - балоғат ва ҳама чизе, ки бо он алоқаманд аст;
- иҷтимоӣ - анҷоми давраи кӯдакӣ, ворид шудан ба ҷаҳони калонсолон.

Ҳолати агрессия дар давраи наврасӣ аз ихтилоли равонӣ сахт алоқамандӣ дорад. Ихтилолҳои равонӣ марҳилаҳои муайяни рушд доранд, ки бо гузашти онҳо ба дараҷаи шадидтарин мерасад. Ҳама гуна зуҳуроти психопатологӣ, синдромҳо зуҳуроти ибтидоӣ, марҳилаи оғозшавӣ, марҳилаи анҷомёбӣ, давраи аломатҳои боқимондаро дар бар мегиранд. Ҳангоми буҳрони наврасӣ суръати ин давраи дарднок зиёд мешавад, ки дар натиҷа яке аз марҳилаҳо метавонад хеле кӯтоҳ бошад ё

тамоман ошкор карда нашавад. Аз ин рӯ, аксар вақт рафтори хашмгинонаи наврас барои хешовандон, дӯстон, ҳамсолон ва волидон ғайричашмдошт, рӯй медиҳад ва нофаҳмо аст. Дар ин ҷо асосан ба механизми биологӣ ишора мешавад, ки нақши медиаторҳои нейрофизиологӣ ва ҳолати функсионалии сохторҳои амиқи майнаро таъкид мекунад. Ин назарияҳо, ки динамикаи рафтори хашмгинро таҳлил менамоянд, механизми асосии пайдоиши агрессияро шарҳ медиҳанд. Аксари рафторҳои хашмгинонаи наврасон, ки диққати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тафтишотро ҷалб мекунанд ва дар ҷомеа нофаҳмоиҳоро ба вуҷуд меоранд, аксаран натиҷаи буҳрони синнусолии наврасӣ буда, таҳлили дақиқи психологӣ ва иҷтимоиро талаб мекунанд.

Дар ин маврид муҳаққиқони рус А.А. Реан ва Н.Б. Трофимова чунин қайд мекунанд: “Дар давраи наврасӣ, ҳам дар писарон ва ҳам дар духтарон, давраҳои синнусолӣ бо сатҳи баланд ва пасти рафтори агрессивӣ мегузаранд. Писарон ду қуллаи зуҳури агрессияро доранд: 12 - солагӣ ва 14-15 - солагӣ. Дар духтарон низ зуҳуроти агрессия дар ду давра нишон дода шудааст: дараҷаи баландтарини рафтори агрессивӣ дар 11 - солагӣ ва дар 13 - солагӣ мушоҳида мешавад. Муқоисаи ҷиддии ҷанбаҳои гуногуни рафтори агрессивӣ дар писарону духтарон нишон дод, ки дар писарон тамоюли бевоситаи агрессияи ҷисмонӣ ва шифоҳии мустақим ва дар духтарон бошад, бештар ба амалҳои шифоҳӣ ва ғайримустақим зоҳир мешавад” [75, с. 6-7].

Ҳамин тариқ, барои писарон бештар на он қадар бартарӣ ба агрессия аз рӯйи меъёри "шифоҳӣ - ҷисмонӣ", балки ифодаи он дар шакли мустақим ва ошкоро сурат мегирад. Дар духтарон, бартарият ба агрессияи шифоҳӣ дар ҳама гуна шаклҳои он – мустақим ё ғайримустақим хос мебошанд. Дар мавриди таҳлили агрессия дар давраи наврасӣ, бояд қайд кард, ки наврасон дар оила ба воя мерасанд ва оила ҳамеша ҳамчун муҳити асосии иҷтимоишавӣ хизмат мекунад. Илова бар ин, оила метавонад манбаи аввалини намунаҳои зинда ва рафтори

агрессивӣ барои кӯдак бошад. Ташаккули рафтори агрессивӣ дар наврасон равандест мураккаб, ки таҳти таъсири омилҳои гуногун қарор мегирад. Ба ин рафтор ҳам оила, ҳам ҳамсолон ва ҳам расонаҳо метавонанд таъсири назаррас расонанд, ки дар маҷмӯъ моделҳои рафтории наврасро шакл медиҳанд.

Рафтори агресивона дар духтарон низ дар давраи навраси бештар ба мушоҳида мерасад. Бо такя ба таҳлили боло сабабҳои асосии зоҳиршавии агрессия дар наврасонро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

- ниёз ба ҷалби таваҷҷуҳи ҳамсолон;
- талош барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ;
- хоҳиши роҳбарӣ ва тасаллут;
- ҳимояи худ ва ҷустуҷӯи қасос;
- кӯшиши паст задани шаъну эътибори дигарон бо мақсади нишон додани бартарии худ.

Волидайн рафтори агрессивиро ҳам тавассути сахтгирӣ ва ҳам тавассути истифодаи амалҳои агрессивӣ, бо мақсади қатъ кардани муносибатҳои манфии байни фарзандонашон меомӯзанд. Волидайне, ки муҷозоти шадиди шадидро истифода мебаранд ва фаъолияти фарзандони худро назорат намекунанд, метавонанд дар рафтори фарзандонашон агрессивнокиро ҳама вақт мушоҳида намоянд. Таҳқиқотҳои сершумор нишон доданд, ки дар оилаҳое, ки кӯдакони агрессивнок дида мешавад, сабабаш дар муносибатҳои махсуси байни аъзои оила мебошад. Чунин тамоюлҳоро психологҳо ҳамчун “сикли зӯроварӣ” тавсиф кардаанд [54].

Наврасон майл доранд, ки навъҳои муносибатҳоеро, ки волидайн бо ҳамдигар “амалӣ” мекунанд, дубора тавлид кунанд. Наврасон усулҳои ба тартиб даровардани муносибатҳо бо бародарону хоҳарон, усули ҳалли мунокишаҳоро аз волидонашон нусхабардорӣ мекунанд. Вақте ки наврасон ба воя мерасанд ва оиладор мешаванд, онҳо аз роҳҳои

маъмули ҳалли низоъҳо истифода мебаранд ва ҳалқаро маҳкам карда, бо эҷоди як услуби хоси интизом ба фарзандонашон мегузаранд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки таҷрибаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдак дар муҳити оила на танҳо сатҳи агрессияи ӯро нисбат ба ҳамсолон афзоиш медиҳанд, балки дар инкишофи майли зӯроварӣ дар синни баркамол низ таъсири назаррас доранд. Дар натиҷа, агрессияи ҷисмонӣ метавонад ба як ҷузъи доимии тарзи ҳаёти шахсии наврас табдил ёбад [101].

Ба ташаккули рафтори агрессивӣ дараҷаи муттаҳидии оила, наздикии падару модар ва кӯдак, хусусияти муносибати бародарону хоҳарон, инчунин услуби роҳбарии оила таъсир мерасонад. Кӯдаконе, ки дар оила ихтилофи сахт доранд, волидонашон аз онҳо дуранд ва муносибати сард доранд, нисбатан бештар ба рафтори агрессивӣ майл доранд. Наврасон дар бораи агрессия низ аз муоширaт бо ҳамсолон маълумот мегиранд. Онҳо рафтори агрессивиро аз мушоҳидаи рафтори наврасони дигар (масалан, ҳамсинфон) меомӯзанд. Бо вуҷуди ин, онҳое, ки хеле агрессивнок ҳастанд, эҳтимоли зиёд аз ҷониби аксарияти ҳамсинфон рад карда мешаванд. Аз тарафи дигар, ин наврасони агрессивнок метавонанд дар байни дигар ҳамсолони агрессивнок дӯстон пайдо кунанд. Ҳамин тариқ, ҳамаи омилҳои дар боло зикршударо бояд волидайн, омӯзгорон, психологҳо ва, умуман, ҷомеа ҳангоми муомила бо наврасон ба инобат гиранд, зеро пешгирии агрессия нисбат ба баъдтар ислоҳ кардани рафтори агрессивӣ осонтар аст.

Муҳимтарин шарти иҷтимоисозии самарабахш ва пешгирии ташаккули шаклҳои рафтори агрессивӣ ин инкишоф додани ҳавасмандии вобастагӣ мебошад. Дар робита ба ин, такроран бояд гуфт, ки як шарти муҳими рушди агрессия на танҳо омӯзиши иҷтимоӣ, балки ноумедие, ки дар сурати набудани муҳаббати волидайн ва истифодаи доимии муҷозоти як ё ҳар ду волидон ба вуҷуд меояд ҳамон мебошад. Нодида гирифтани рафтори агрессивӣ ҳамчун роҳи пешгирӣ ва "рафъи" агрессия шубҳаовар ва ҳатто нигаронкунанда аст. Таҷрибаи ҳаррӯзаи психологию

педагогӣ, амалияи машваратҳои психологӣ ва баъзе таҳқиқотҳои махсус нишон медиҳанд, ки ба эътибор нагирифтани амалҳои агресивии наврасон оқибатҳои хатарнок дорад ва метавонад боиси афзоиши минбаъдаи рафтори агрессивӣ шавад ва мубаддал ба як шакли одатии рафтори наврасон гардад. Ба ҳамагон маълум аст, ки агар волидайн кирдорҳои агрессивонаи кӯдаки хурдсолро нодида бигиранд, пас аз наздик набудани доираи иҷтимоии ӯ ба оила, хабар медиҳанд. Агар волидайн ба амалҳои агрессивонаи наврас беэътиноӣ кунанд, он гоҳ он ҳатман бетағйир намемонад, зеро доираи иҷтимоии наврас дигар танҳо бо оила маҳдуд намешавад - тақвиятро аз ҷониби дигар гурӯҳҳо  пайдо кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, омилҳои асосие, ки ташаккули агрессияи кӯдаконро муайян мекунанд: оила, ҳамсолон, расонаҳо ва ғайра мебошанд. Хавф дар он аст, ки дар насли нав ин беморӣ метавонад модарзодӣ ва оммавӣ шуда, аз патологияи иҷтимоӣ ба як меъёри иҷтимоӣ табдил ёбад. Дар ҷомеаи муосир, мушкилоти идоракунии рафтори агрессивӣ ва назорати зуҳури рафтори агрессивии кӯдак, дар ҳама марҳилаҳои синну сол, диққати доираи васеи мутахассисон - психологҳо, ҷомеашиносон ва омӯзгоронро ба худ ҷалб мекунад. Рафтори агрессивӣ дар сохтори шахсияти шахс барои ташаккули шаклҳои гуногуни рафтор - конструктивӣ, аз ҷиҳати иҷтимоӣ мусбат ва ё баръакс  хизмат мекунад.

Таҳқиқотҳои илми муосир моро бовар мекунонад, ки наврасӣ агрессивнок, пеш аз ҳама, як кӯдаки одӣ аст, ки бо ирсияти муқаррарӣ хос аст. Ва дар зери таъсири саҳву хатоҳо, норасоиҳо дар кори таълиму тарбия, душвориҳои муҳит хислатҳои агрессивиро пайдо мекунад. Ба ташаккули рафтори агрессивии наврасон инчунин хусусиятҳои табиии табъи онҳо, аз ҷумла ҳаяҷонпазирӣ ва қувваи эҳсосот таъсир мерасонанд. Ин омилҳо метавонанд дар рушди хислатҳои муайяни характери шахсӣ, аз қабили рафтори агрессивӣ, асабонӣ, нокоми дар худдорӣ ва тобоварӣ

ба стресс, ҳамчунин омилҳои ба авбошӣ ё иғвоангезӣ равонашавандаро мусоидат кунанд.

Таҳқиқотҳои зиёде солҳои охир барои равшан кардани таъсири тарбия дар оила ва мактаб ба зуҳури рафтори агрессивӣ дар наврасон бахшида шудаанд. Ҳамин тариқ, (Бандура А., Уолтерс Р., 1959) дар асоси як назарсанҷӣ ва мушоҳидаҳои зиндагӣ муайян карданд, ки агар модарон нисбат ба рафтори агрессивонаи фарзандони худ сарфи назар кунанд ва ҳатто ба онҳо ғамхорӣ зоҳир кунанд, пас наврасон баръакс агрессивнок мешаванд. Дар баробари ин, таҳқиқотҳои дигар нишон медиҳад, ки наврасони ба ҷазоҳои хеле сахт гирифтор шуда, нисбат ба рафиқонашон агрессивноктаранд. Ғайр аз ин, ҷазои ҷисмонӣ барои рафтори агрессивии наврасонро зиёд мекунад.

Л.М. Зюбин дар таҳқиқоти худ се сабаберо муайян мекунад, ки боиси вайрон шудани рафтори наврасони душвортарбия мегардад:

- умуман, инкишоф наёфтан аз ҷиҳати психологӣ (вале на патология), ки ба интроспексияи дурусти рафтор ва пешгӯйии оқибатҳои он халал мерасонад;
- мустақилияти нокифояи тафаккур;
- фаъолияти пасти маърифатӣ, бенавоӣ ва ноустувории талаботи маънавӣ.

Э. Шпрангер дар консепсияи фарҳангӣ ва психологии худ дар бораи давраи наврасӣ се намуди имконпазири инкишофи шахсияти наврасонро тавсиф кардааст. Мушкилоти онро дар рушд бо ҷараёни шадид, ва бухронӣ тавсиф мекунад. Э. Шпрангер асоси мушкилии наврасонро баландшавии худбаҳодиҳии «ман», пайдоиши рефлексия, дарки наврас аз шахсияти худ медонист. Наврасон дар ин марҳила ба дарки манфӣ, бештар ҳасос мебошанд, ки онҳоро ба худҳимояи агрессивӣ ва ё меланхолияи ғайрифаъол водор мекунад. Афзоиши босуръат, қадкашии тезу тунд, тағйироти психологии доимӣ – ҳамаи ин дар ҳолатҳои функсионалии наврас – афзоиши фаъолият, афзоиши назарраси энергия, ки боиси зиёд шудани хастагӣ, кам шудани

самаранокӣ ва ҳосилнокӣ мегардад, инъикос меёбад. Дар ин давра рафтори агрессивӣ, ихтилоф байни наврасон, инчунин байни наврасону калонсолон, аз ҷумла, падару модарон зиёд мешавад, ки дар он ҷо ихтилоф нисбат ба пештара дағалонатар ва сахттар ба амал меояд. Наврасон дар ин вақт аксар вақт рафтори агрессивӣ, махсусан, нисбат ба калонсолон нишон медиҳанд.

Агар волидайн ва аъзои калонсоли оила имкониятҳои наврасро ба инобат гиранд, ба ӯ бо эҳтиром муносибат кунанд, ба наврасон барои рафъи душвориҳои дар таълим ва дигар фаъолиятҳояшон ёрӣ расонанд ва дар инкишофи шахсияти наврас, таъсири худро гузоранд, рафтори агрессивӣ дар наврасон кам мушоҳида мешавад. Ин давра ба муносибати оила ва наврас вобастагии сахт дорад. Волидайнро зарур аст, ки муносибатҳои худро аз вобастагии наврас то эҳтироми мутақобила ва баробарҳуқуқӣ барқарор кунанд, зеро дар ин давра ҳисси калонсолӣ ташаккул меёбад, ки мавқеи нави ҳаётии наврасро нисбат ба худ, ба одамон ва ҷаҳон ифода мекунад; самт ва мазмуни фаъолияти чамъиятии вай, системаи саъю кушиш ва тачрибаи навро муайян мекунад. Давраи балоғат дар он зоҳир мешавад, ки ҳамсолон ва, пеш аз ҳама, калонсолон ба ӯ ҳамчун калонсол муносибат кунанд. Алалхусус, дар муошират, мавқеи наврасон бояд баэътибор гирифта шавад.

Таҳқиқотчиён намудҳои зерини агрессияро муайян кардаанд:

- агрессияӣ стихиявӣ ин шодии зери шууриест, ки шахс ҳангоми мушоҳидаи мушкилот дар дигарон эҳсос мекунад, чунин шахс аз нишон додани хатогиҳои худ ба атрофиён лаззат мебарад;
- агрессияӣ реактивӣ ин нобоварӣ ба одамон аст, ки онҳо таҳқирро намебахшанд ва муддати тулонӣ дар ёд доранд.

Омилҳое, ки ба ташаккули рафтори девиантӣ ва агрессивӣ дар наврасон мусоидат мекунанд, инҳоянд:

- истеъмоли воситаҳои нашъадор ва спиртдор;
- рафторҳои ғайриқонунӣ;

- вайрон кардани меъёрҳои солимии психикӣ;
- омилҳои иҷтимоӣ – душвориҳои мактабӣ, ҳолатҳои осеби ҳаётӣ (оилаҳои вайроншуда, аз даст додани яке аз волидон, оилаи номувофиқ), таъсири гурӯҳ ё фарҳанги девиантӣ ва ғайра);
- омилҳои инфиродӣ-шахсӣ (дараҷаи худбаҳодиҳӣ).

Паст шудани сатҳи худбаҳодиҳӣ аксар вақт бо ҳама гуна рафтори девиантӣ – беинсофӣ, мансубият ба гурӯҳҳои ҷиноӣ, содир кардани ҷиноят, истеъмоли маводи мухаддир, машрубот, рафтори агрессивӣ, рафтори суитсидӣ ва ихтилоли гуногуни равонӣ алоқаманд аст. Наврас бо ин гуна рафтор кӯшиш мекунад, ки вазъи психологии худро дар байни ҳамсолонаш беҳтар созад, роҳҳои тасдиқи худшиносиро, ки дар оила ва мактаб надорад, пайдо кунад. Барои баъзе наврасон даст ба гиребон шудан  рафтори дуруст аст.

## 1.4. Роҳҳои пешгиринамоӣ ва ислоҳи рафтори агрессивӣ дар наврасон

Бо дарназардошти таҳлили боло масъалаи пешгиринамоӣ ва ислоҳи агрессияи кӯдакона ва наврасӣ ва шаклҳои рафтори ба он наздик аз масъалаҳои муҳимтарини мавриди таҳқиқ маҳсуб меёбанд. Дар асри охир, пажӯҳишҳои назариявӣ ва эмпирикӣ дар ҳаҷми васеъ гузаронида шуданд, ки паҳлуҳои гуногуни зоҳиршавии рафтори агрессивӣ дар кӯдакон ва наврасонро таҳқиқ менамоянд. Аз таҳлилҳои мавҷуда бармеояд, ки дар адабиёти ҷаҳонӣ мавзӯи агрессия ва сатҳи агрессивнокӣ мавриди таваҷҷуҳи васеъ қарор гирифта, шумораи зиёди моделҳо ва консепсияҳои назариявӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, таҳқиқоти озмоишии сершумор равандҳо ва омилҳои мусоидаткунандаи ташаккули рафтори агрессивии кӯдакон ва наврасонро муайян кардаанд. Омӯзиши натиҷаҳои ин таҳқиқотҳо имконият медиҳад, ки стратегияи муассири пешгирӣ ва роҳҳои ислоҳи рафтори агрессивона дар равандҳои рушд ва

иҷтимоиши наврасон таҳия гардад. Дар ин самт масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор мегиранд:

- алоқамандӣ миёни муносибати волидон ба амалҳои агрессивии фарзандони худ ва рафтори агрессивона аз ҷониби фарзандон [12];
- алоқамандии байниҳамӣ миёни хушунат ва рафтори девиантӣи [10];
- алоқамандии байниҳамии рафтории агрессивии кӯдакон бо сатҳи зеҳни [40];
- фарқиятҳои гендерӣ дар сифат ва миқдори агрессия дар кӯдакону кнаврасон [40] ва амсоли инҳо.

Агар таърихи таҳқиқоти табиати агрессия ва сатҳи агрессивнокии инсонро баррасӣ намоем, назарияҳои хориҷиро метавон ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим кард. Аввалин гурӯҳ назарияҳое мебошанд, ки агрессивнокиро ҳамчун хосияти модарзодӣ ва ғаризавии шахс арзёбӣ мекунанд [52]. Гурӯҳи дуюм назарияҳоро дарбар мегирад, ки агрессияро натиҷаи омӯзиш ва хислатҳои бадастовардашуда медонанд [13; 116]. Дар заминаи илмии русӣ-шуравӣ, пажӯҳишҳои аввалин оид ба рафтори агрессивӣ дар кӯдакон ва наврасон дар солҳои 1920–1930 гузаронида шуда, диққати асосӣ ба таъсири шароитҳои номусоиди иҷтимоӣ, аз қабили бесаробонӣ, оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва вайроншавии муҳити иҷтимоӣ равона шуда буд. Дар давраи баъдӣ, яъне солҳои 1930, таҳқиқот бештар ба омилҳои оилавӣ ва норасоии дастгирии инфиродӣ дар таълиму парвариши кӯдак равона гардид.

Дар илми психологияи русӣ-шуравӣ таҳқиқи агрессивнокии кӯдакон асосан дар самтҳои зерин амалӣ мегардид:

- таҳлили робитаи байни сатҳи агрессивнокии кӯдакон ва сохтори худшиносии онҳо [63];
- омӯзиши хусусиятҳои муошират ва равишҳои педагогӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва коллективҳои кӯдакона, ки метавонанд ба ташаккули рафтори агрессивӣ мусоидат намоянд [15; 46];

- баррасии шаклҳои зоҳиршавии агрессивнокӣ дар кӯдакон дар заминаи вайроншавиҳои эмотсионалӣ [45], ва таҳқиқоти ҳамсон дар соҳаҳои дигари таҳлилии равонӣ.

Дар даҳсолаи охир тадқиқоти рафтори агрессивии кӯдакон ва наврасон бештар ба самтҳои зерин равона гардидаанд:

- таҳлили омилҳои биологӣ, ки рушди агрессивнокиро ташаккул медиҳанд;
- баррасии нақши муҳити оилавӣ ва муносибатҳои оилавӣ дар ташаккули рафтори агрессивӣ [31; 76];
- ҷустуҷӯ ва таҳия кардани роҳҳои ислоҳи тамоюлҳои эмотсионалӣ ва мушкилоти рафторӣ, аз ҷумла рафтори агрессивӣ [31];
- таҳлили хусусиятҳои рафтори агрессивии хонандагон дар гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ ва ҷинсӣ [76; 95];
- омӯзиши хусусиятҳои психологии наврасоне, ки ҳуқуқвайронкунӣ мекунанд [88; 89];
- арзёбии таъсири расонаҳо ва муҳити иттилоотӣ ба рушди рафтори агрессивии кӯдакон ва наврасон [24; 99];
- таҳқиқи намуди рафтори агрессивӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва томактабӣ [34; 43].

Дар маҷмуъ, таҳлили адабиёти психологию педагогӣ омилҳои зеринро ошкор сохт, ки сабабгори агрессия дар давраи наврасӣ мегарданд. Нуктаҳои асосии таъсиррасон ба агрессияи наврасон ба шаклҳои зерин гурӯҳбандӣ мешаванд: хусусиятҳои шахсиятӣ, синнусолӣ, муҳити оилавӣ, вазъиятҳои осебовари иҷтимоӣ, таъсири идеологӣ ва вазъи сиёсӣ дар ҷомеа. Агрессияи наврасон, новобаста аз он ки дар шакли ботинӣ ё зоҳирӣ зуҳур мекунад, метавонад ба намуди рафторҳои ба таври ҷиддӣ манфӣ зоҳир гардад. Масалан, рафторҳои асоциативӣ ва ҷиноятӣ метавонанд ба таҳқир, осебҳои ҷисмонӣ, куштор, таҷовуз ба номус, зарар расонидан ва нобуд кардани моликият, гурехтан аз хона,

истеъмоли машрубот ва маводи нашъадор ва дигар амалҳои номатлуб ифода ёбанд.

Ғайр аз ин, шаклҳои дигари вокуниши беруна низ мушоҳида мегарданд: кӯшиши раҳоӣ аз вазъияти душвор ё аз манбаи ноумедӣ, беэътиноӣ ва камфаъолӣ, ки аксар вақт дар шакли регрессияи рафторӣ зуҳур меёбанд. Равшан аст, ки чунин таҷрибаҳои манфӣ ба ташаккули муносибатҳои солим ва мусбати байнишахсӣ мусоидат намекунанд, балки замина барои ташаккули муносибатҳои манфии устувор миёни наврасон ва муҳити иҷтимоии онҳо фароҳам меоранд.

Амалиёти ҳаррӯза нишон медиҳад, ки падару модарон ва муаллимон дар бисёр ҳолатҳо ба ҷои кӯмак расонидан ба наврасоне, ки майли кофӣ ба таҳсил надоранд, бештар ба ҷазодиҳӣ рӯ меоранд. Ин гуна муносибат, на танҳо ба коҳиши ангезаҳои таълимӣ, балки ба афзоиши норозигӣ ва рафтори зиддиҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Дар асл, наврасон аксаран на бо ҳадафи муқобилат бо калонсолон, балки бо майли баробар шудан ва пазируфта шудан дар мақоми «калонсолӣ» чунин вокуниш нишон медиҳанд. Дар раванди муошират аксар вақт падару модарон ва омӯзгорон мавқеи нави наврасро пурра эътироф намекунанд. Ин ҳолат боиси ба вуҷуд омадани монеаи равонӣ миёни калонсолон ва наврасон мегардад, ки аксари наврасон онро тавассути мурофиат ба шаклҳои гуногуни рафтори хашмолуд ва номуносиб бартараф карданӣ мешаванд. Агар андешаҳо ва мавқеи наврасон аз ҷониби калонсолон рад карда шаванд ё қобили қабул шуморида нашаванд, эҳтимоли зуҳури рафтори агрессивӣ нисбат ба онҳо зиёд мегардад.

Дар чунин вазъият наврасон метавонанд оромиро халалдор созанд, суханҳои таҳқиромез иброз намоянд ва ҳатто нисбат ба моликияти ҷамъиятӣ рафтори вайронкунанда нишон диҳанд. Аз ин рӯ, дар муносибат бо наврасон муҳим аст, ки калонсолон мавқеи дурустро интихоб намоянд. Самараноктарин усул дар ин замина истифодаи

муносибати қатъиян оромона ва ҳамзамон меҳрубонона мебошад, ки метавонад талошҳои ба ҷанҷол овардани вазъиятро пешгирӣ намояд ва заминаи муоширати солимро фароҳам орад.

Бояд таъкид намуд, ки зуҳури рафтори агрессивӣ нисбат ба як шахси мушаххас бештар хусусияти гурӯҳӣ дорад. Дар ҳолатҳои танҳоӣ наврасон хеле кам меъёрҳои рафториро вайрон мекунанд, вале агар чунин ҳолат рух диҳад, кирдорҳои онҳо хатарноктар арзёбӣ мешаванд, зеро хусусияти назоратнашаванда ва худҷӯшро соҳиб мегарданд. Баръакс, рафтори гурӯҳии агрессивӣ бештар ҳамчун шакли тақлидӣ ва вобаста ба муҳити иҷтимоӣ ба назар мерасад.

Ҳамин тавр, зуҳури рафтори агрессивӣ бештар ҳамчун натиҷаи низоми вайроншудаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва байнишахсӣ арзёбӣ мегардад, ки наврас дар он қарор дорад. Дар чунин шароит, агрессия шакли таҳрифшудаи муошират ва воситаи ифодаи муносибат бо дигарон мешавад. Он на танҳо ифодаи норозигӣ, балки бештар як механизми муҳофизати равонӣ аз таъсири манфии муносибатҳои мавҷуда миёни наврас бо калонсолон ва ҳамсолон мебошад.

Аз дидгоҳи иҷтимоӣ-психологӣ, рафтори агрессивӣ барои наврас як роҳи ғайрисамаранок ва ғайриконструктивии тасдиқи шахсият ва ҳимояи мавқеи иҷтимоии худ ба шумор меравад. Ҳарчанд он метавонад ба таври муваққатӣ эҳсоси «қудрат» ва «баробарӣ»-ро таъмин кунад, дар ниҳоят боиси ташаннуҷи муносибатҳо, афзоиши низоъ ва маҳдуд гардидани имкониятҳои рушди солими шахсият мегардад.

Ҳалли чунин мушкилот бояд ҳамзамон ҷомеаро фаро гирад, ки ин омил рағбати илмӣ ва амалӣ барои пажӯҳишгаронро бедор менамояд. Омӯзиши адабиёти марбута нишон медиҳад, ки нуқтаҳои назар оид ба сарчашмаҳои агрессия гуногунанд, ки ин масъала кори муҳаққиқонро дар таҳлил ва таснифи омилҳои таъсиррасон мураккаб месозад.

Дар доираи таҳқиқоти мазкур, рафтори агрессивӣ ҳамчун ҳаргуна рафторе муайян карда мешавад, ки мақсади он расонидани зарар ба як

объект ё субъект буда, бо меъёрҳо ва қоидаҳои қабулшудаи рафтор дар ҷомеа мухолиф мебошад. Дар наврасон, чунин рафтор одатан ҳамчун шакли муқобилият ба фаҳмида нашудан ва норозигӣ аз мавқеи худ дар муҳити иҷтимоӣ ва муносибатҳои бо калонсолон ташаккул меёбад. Ҳамзамон, рушди агрессияро дар наврасон як қатор омилҳои иҷтимоӣ ва психологӣ низ муайян мекунанд, ки ба рафтори онҳо таъсири мустақим мерасонанд [13].

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар кор бо наврасони дорои рафтори агрессивӣ якчанд самтҳои асосии ислоҳӣ ҷудо карда мешаванд: психотерапияи инфиродӣ, корҳои гурӯҳӣ, терапияи рафторӣ ва терапияи оилавӣ. Дар амалия аксар вақт ҳамаи ин самтҳо якҷоя истифода мешаванд, ки имкон медиҳад ҳадди аксар самараи мусбӣ ба даст оварда шавад.

Дар раванди ислоҳнамоии психологӣ аввалан сабабҳо ва вазифаҳои рафтори агрессивӣ, ҳамчунин динамикаи зуҳуроти он бояд равшан карда шаванд. Ба фикри Р. В. Овчарова, кори ислоҳнамоии психологӣ бояд бо дарназардошти сатҳҳои агрессия роҳандозӣ шавад. Сатҳи аввали интервенсия ба азсаргузаронии ҳолатҳои манфии эмотсионалӣ, аз ҷумла ғазаб, ҷаҳл ва асабоният равона мегардад. Дар ин сатҳ ба наврасони дорои рафтори агрессивӣ омӯхтани шаклҳои гуногуни худтанзимнамоӣ тавсия мешавад[68].

Сатҳи дуюм ба муносибати эмотсионалӣ-шахсӣ ва тағйир додани интизориҳо аз ҳамкорӣ ва муоширaт иртибот мегирад. Барои ин давра муҳокимаи мунтазам ва систематикӣ оид ба омилҳои стрессовар, омӯзиши усулҳои дурӣ гирифтан ва таҷдиди назар, ҳамчунин ташаккули шаклҳои нави дастгирии психологӣ дар вазъиятҳои буҳронӣ зарур мебошад.

Дар марҳилаи ниҳоӣ рушди зарурияти даркгаштаи дигаргунсозии услуби рафтор ба назар гирифта мешавад [3].

Т.П. Смирнова дар мавриди ислоҳнамоии рафтори агрессивӣ чунин

қайд мекунад: “Шаш паҳлуи калидии ислоҳнамоии психологии рафтори агресивӣ мавҷуд аст:

- ҳамроҳинамоии психологии бехатарии муҳити таълимии мактаб дар шароити воридсозии стандартҳои нави таълимӣ ва касбӣ;

- пастгшавии сатҳи изтиробнокии шахсӣ; ташаккули қобилияти даркнамоии эмотсияҳои худ ва ҳиссиёти дигар одамон, рушди эмпатия;

- рушди худбаҳодиҳии мусбӣ; омӯхтани ба таври мақбул бе зарар расонидан ба худ ва атрофиён эътино намудан, ифода намудани қаҳру ғазаб;

- омӯхтани техник ва воситаҳои идоранамоии қаҳру ғазаб, рушди назорат аз болои эмотсияҳои деструктивӣ;

- омӯхтани аксуламалҳои рафтории конструктивӣ ва вазъияти проблемавӣ, бартараф намудани унсурҳои деструктивӣ дар рафтор” [106, с. 64].

И.А. Фурманов раванди ташхис ва амалигардонии ислоҳи рафтори агрессивӣ дар наврасонро ба гурӯҳбандии кӯдакон мувофиқи хусусиятҳои майли агрессивӣ равона намудааст. Ӯ чор гурӯҳи асосиро фарқ мекунад: аввал, кӯдакони бо майли агрессияи ҷисмонӣ; дуюм, кӯдакони бо майли агрессияи шифоҳӣ; сеюм, кӯдакони бо тамоюли агрессияи ғайримустақим; ва чаҳорум, кӯдакони бо тамоюли негативизм [101]. Гурӯҳбандии мазкур имкон медиҳад, ки равандҳои ислоҳ ва интервенсияҳо ба хусусиятҳои инфиродӣ ва шаклҳои зоҳиршавии агрессия мувофиқ гардонида шаванд.

Ислоҳнамоии психологӣ барои тарбияи наврасони дорои рафтори агрессивӣ якчанд усули таъсирбахшро дар бар мегирад, ки ҳар кадом ба самт ва хусусияти муайяни рафтор равона карда мешавад:

1. Ислоҳи рафтори агрессивӣ тавассути ифоданамоии эҷодӣ. Ин раванд одатан бо истифода аз технологияҳои гуногуни арт-терапия амалӣ мешавад ва ба наврасон имкон медиҳад, ки энергия ва эмоцияҳои манфии худро дар шаклҳои бехатар ва эҷодӣ ифода кунанд. Масалан,

расмкашӣ, ҳайкалсозӣ, театрҳои кӯтоҳ ва дигар шаклҳои эҷодкорӣ метавонанд ҳамчун механизми азхудкунии стресс ва кам кардани агрессия истифода шаванд.

2. Ислоҳи рафтори агрессивӣ тавассути ширкат дар гурӯҳи тренингӣ. Дар ин самт ба наврасон малакаҳои рафтори мутобиқшаванда ва конструктивӣ омӯзонида мешаванд. Ин раванд метавонад тавассути тренинги малакаҳо, бозиҳои саҳнавӣ ва нақшӣ, муҳокимаҳои гурӯҳӣ ва фаъолиятҳои ҳамкорона амалӣ гардад. Ҳадаф ин аст, ки кӯдакон омӯзанд, ки чӣ гуна энергияи манфии худро дар муҳити иҷтимоӣ ба таври созанда истифода баранд ва аз рӯи қоидаҳои коллективӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ амал кунанд.
3. Ислоҳи рафори агрессивӣ тавассути тағйир додани модели рафторӣ. Ин раванд, ки онро баъзан "рафтори тағйирёбанда" меноманд, ба наврасон кӯмак мекунад, ки усулҳои нав ва муносибатҳои созандаи иҷтимоӣ ва психологиро омӯзанд. Ин усул одатан аз таҳлили рафтори воқеӣ, фикргирии критикӣ ва истифодаи стратегияҳои самаранок барои пешгирӣ аз агрессия ва барқарорсозии мувозинати эмоционалӣ иборат аст [2].

Дар маҷмӯъ, истифодаи ҳамзамони ҳамаи усулҳои номбурда имкон медиҳад, ки интервенсияҳо ба таври комплексӣ амал кунанд ва самаранокии ислоҳро ба ҳадди аксар расонанд. Ин раванд бояд бо назардошти сатҳҳои гуногуни агрессия ва хусусиятҳои инфиродӣ тарҳрезӣ шавад, то ки ҳар наврас ба таври фардикунона ва мувофиқ бо хусусияти худ дастгирӣ ва роҳнамоӣ бигирад.

Натиҷаи таҳлили таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки равандҳои ислоҳнамоӣ бо кӯдакони дорои рафтори агрессивӣ бояд дар чаҳорчӯбаи тартиби возеҳ ва систематикӣ амалӣ гарданд. Ин равандҳо бояд унсурҳои зеринро дар бар гиранд:

- *Барқарор намудани робита ва эътимод*: ба кӯдак лозим аст, ки ба мутахассис эътимод пайдо кунад, ки ин барои таъсири самараноки интервенсия ва эҷоди фазои амн ва устувор муҳим мебошад.
- *Эътинонамоӣ ба ҳолати эмоционалӣ*: раванд бояд ба назорат ва ором сохтани эмоцияҳои агрессивӣ равона карда шавад, ки кӯдак омӯхта метавонад стресс ва ноумедиро ба шаклҳои бехатар ифода намояд.
- *Бартараф кардани стереотипҳо ва қобилияти қабул*: интервенсия бояд кӯмак кунад, ки кӯдак стереотипҳои патологӣ ва фикрҳои манфиро аз худ дур кунад ва қобилияти қабули худашро тақвият диҳад.
- *Таҳкими малакаҳои рафтори мутобиқшавандагӣ*: раванд бояд ба таҳким ва такмил додани малакаҳои иҷтимоӣ, ҳамкорӣ ва рафтори конструктивӣ равона шавад, то кӯдак тавонад энергияи манфии худро ба шаклҳои созанда ва иҷтимоан қобили қабул равона кунад.

Бо амалӣ гардонидани ҳамаи унсурҳои номбурда, равандҳои ислоҳнамоӣ самаранокии баланд пайдо намуда, имконият медиҳанд, ки рафтори агрессивӣ дар кӯдак ё наврас ба шаклҳои созанда ва мутобиқшаванда табдил ёбад.

Дар таҳқиқи рафтори агрессивии наврасон, қисматҳои асосии раванди ислоҳнамоии психологӣ метавонанд чунин муайян карда шаванд: барқарорсозии алоқа бо наврас, эътинонамоӣ ба ҳолатҳои манфии эмоционалӣ ва омӯзиши худназорат, тағйир додани стереотипҳои рафтор, ташаккули худбаҳодиҳии мусбӣ ва қабули худ. Ин унсурҳо ҳам аз мантиқи системавии раванди ислоҳнамоӣ ва ҳам аз ҳадафҳои асосии он бармеоянд.

Барои самаранок амалӣ сохтани интервенсия бо наврасони дорои рафтори агрессивӣ ва баэътиборгирии хусусиятҳои инфиродии онҳо зарур аст, ки маҷмӯи васеъ ва гуногуни воситаҳо ва методҳои психологӣ истифода шаванд. Методикаи бевоситаи ислоҳнамоии психологӣ имконият медиҳад, ки потенсиали мутахассис ва муҳити иҷтимоӣ дар ҳар марҳилаи психосотсиалии рафтори агрессивии наврас истифода шавад,

ки ин ба пастгардонии назарраси сатҳи агрессивнокӣ ва ё бартараф намудани душвориҳои марбут ба рафтори агрессивӣ мусоидат мекунад.

Мундаричаи марҳилаҳои кори ислоҳнамоӣ чунин мебошад:

- *Марҳилаи аввал* асосан ба тренингҳо равона шудааст. Ҳадафи асосӣ барқарор кардани робита бо наврас ва эҷоди эҳсоси эътимод ба мутахассис мебошад. Татбиқи имконоти марҳилаи мазкур тавассути тренингҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ амалӣ мешавад. Аз вазифаҳои муҳимтарини тренинг эҷоди фазои боварӣ ва кам кардани шиддатнокии эмоционалӣ мебошад. Машқҳои гармкунанда ва риояи принсипҳо ва меъёрҳои кори гурӯҳӣ нақши калидӣ доранд.

- *Марҳилаи дуюм* ба татбиқи имконоти маҷмӯи методикаҳои психосотсиалӣ ва машғулиятҳои ислоҳнамоӣ равона карда мешавад. Ин марҳила ба эътинонамоӣ ба эмоцияҳои манфӣ ва омӯзиши худназорат ва такмили малакаҳои рафтори конструктивӣ равона карда мешавад. Он тавассути татбиқи методикаҳои зерин имконпазир мегардад: методикаҳои «Эътинонамоии чандири ғазаб”, “Эътинонамоии ғазаб тавассути ҳаракат”; машқи “Тасвири ғазаби худ” ва амсоли инҳо.

- *Марҳилаи сеюми* кори ислоҳнамоии психологӣ маҷмуи методикаҳои ислоҳнамоии психологиро дар бар мегирад, ки ба дигаргун сохтани стереотипҳои рафтор, ташаккули худбаҳодиҳӣ ва худқабулнамоӣ равона гардидаанд. Инҳо методикаҳои “Тасвири ботин ва зоҳир”, “Тасвир ба қад”, “Сандуқчаи саодат”, методика-техникаи “Масал оид ба мор”. Барои коркард ва таҳкими малакаҳо рафтори мутобиқшаванда метавон аз ислоҳнамоии психологии рафторӣ истифода намуд.

Иҷрои пайдарпайи ҳамаи марҳилаҳо ва истифодаи ҳамзамонии усулҳои гуногун ба пастгардонии рафтори агрессивии наврасон ва ташаккули малакаҳои мутобиқшавандагӣ имконият медиҳад.

Л. Берковитс дар мавриди таъсиррасонии психологӣ чунин мегуяд: “Дар умум таъсиррасонии психологӣ метавонад ба ҷанбаҳои зерин равона гардад:

- суст намудан ё бартараф намудани рафтори агрессивӣ;
- таҳким бахшидани рафтори ассертивӣ (рафтори боваринок);
- рушди қобилияти дарки ҳиссиёти худ;
- кам кардани аксуламалҳои эмотсионалие, ки рафтори агрессивиро ҳамроҳӣ менамуданд;
- ташаккули малакаҳои ифоданамоии мувофиқ ва бехатари ғазаб;
- рушди қобилияти хутсобитнамоӣ;
- рушди малакаҳои босамари иҷтимоӣ" [13, с. 73].

Ба ҳайси усулҳои иловагии ташаккули стереотипҳои рафтори мусбӣ дар наврасон метавон истифодаи роҳҳои фаъолонаи иҷтимоӣ ва эҷодӣ ном бурд. Аз ҷумла, ширкат дар чорабиниҳои муҳимми ҷамъиятӣ, ҳамкорӣ дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ, иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ ва сексияҳои варзишӣ ба рушди эмпатия, малакаҳои иртиботӣ ва қобилияти ҳамкорӣ бо атрофиён мусоидат мекунад. Ҳамчунин, мутахассисон истифодаи методикаҳои арттерапӣ ва лоиҳавиро тавсия медиҳанд, аз ҷумла эҷоди тасвирҳои гурӯҳӣ ва "Расмкашии давравӣ". Ин усулҳо барои тағйир додани вазъияти иҷтимоӣ ва шахсиятии наврас равона гардида, имконият медиҳанд, ки ӯ малака ва донишҳои ҳосилкардаро дар муҳити воқеӣ таҷриба намояд. Ислоҳнамоии рафторӣ метавонад дар шаклҳои гуногун татбиқ шавад: машваратнамоӣ, тренингҳои психологӣ, фаъолиятҳои педагогӣ – ҳам инфиродӣ ва ҳам гурӯҳӣ. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, равишҳои рафторӣ танҳо дар ҳолати якҷоя бо дигар методҳо ва самтҳои кор бо наврасон самарабахш мебошанд. Равишҳои рафторӣ, ки бе таҳлили ҳамаҷонибаи вазъият, хусусиятҳои инфиродии шахс ва коркарди мушкилоти шахсиятӣ амалӣ мешаванд, наметавонанд амиқ сабабҳои агрессияро ошкор кунанд. Ташаккули стереотипҳои нави рафтор бояд ба таври амалӣ анҷом дода шавад, то ки наврас имконият пайдо кунад дониш ва малакаҳои ҳосилкардаашро дар ҳаёти воқеӣ истифода барад. Яке аз роҳҳои самаранок – низоми назоратшудаи вазифаҳои хонагӣ мебошад, ки дар он

наврас ба тренер ё гурӯҳ оид ба иҷрои вазифаҳо ҳисобот медиҳад. Пас аз анҷоми раванди ислоҳнамоӣ, зарур аст натиҷаҳои фаъолият арзёбӣ карда шаванд. Барои ин метавон тестгузаронӣ, мушоҳида ва суҳбат бо атрофиёнро истифода бурд. Аз ин раванд зарурияти таҳлили системавии омилҳои инфиродӣ, шахсиятӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ ба миён меояд, ки сабабгори тамоюлҳои агрессивӣ мебошанд. Ин таҳлил заминаи кори тарбиявии пешгирикунанда ва роҳандозии интервенсияҳои самарабахшро таъмин менамояд.

Ю.Б. Можгинский дар мавриди пешгирии рафтори агрессивӣ қайд мекунад: "Пешгиринамоии рафтори агрессивии наврасон вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- паст намудани сатҳи изтиробнокӣ;
- ташаккули худбаҳодиҳии мувофиқ ва боварӣ ба худ;
- кумак ба наврас дар дарк намудани оқибатҳои рафтори агрессивӣ;
- ташаккули муносибати таҳаммулпазирона бо атрофиён;
- ташаккули малакаҳои фаъолияти якҷоя" [58, с. 73].

Барои самаранокии пешгиринамоӣ ва ислоҳнамоии рафтори агрессивии наврасон, равишҳо бояд маҷмуӣ ва системавӣ бошанд. Ин равишҳо бояд хусусиятҳои асосии характерологӣ ва психосоциалии наврасони дорои тамоюли агрессивӣ, ки таъсиргузор ба рафтори онҳо мебошад, ба эътибор гиранд. Аз ҷумла, муҳимтарини онҳо чунинанд:

- назорат накардан бар ҳиссиёт ва эмотсияҳои шахсӣ;
- маҳдуд будани аксуламалҳои рафторӣ дар вазъиятҳои стрессӣ ва проблемавӣ;
- набудани қобилияти эмпатия ва дарк намудани ҳиссиёти дигарон;
- сатҳи баланди изтироб ва ҳассосият ба стресс;
- худбаҳодиҳии номувофиқ ва номутавозун, ки метавонад ба рафторҳои номуносиб оварда расонад.

Саривақт ошкор накардани нишонаҳои ибтидоии рафтори агрессивӣ ва мушкилоти тарбия, ки рушди кӯдакро маҳдуд месозанд,

метавонад боиси мустаҳкамшавии тамоюлҳои номатлуб ва гардиши онҳо ба рафтори доимӣ ва вайронкунанда гардад. Бармаҳал муайян кардани ин душвориҳо, таҳлили системавии сабабҳои пайдоиши онҳо ва татбиқи чорабиниҳои тарбиявии мувофиқ имконият фароҳам меорад, ки пешгирии десоциализатсияи наврасон таъмин гардад ва рушди мувозинати шахсиятӣ ва иҷтимоии онҳо ҳифз шавад.

Натиҷаи таҳқиқоти дарозмуддат (лонгитӣ). Дар муносибатҳо миёни волидону фарзандон ба таври анъанавӣ мавқеи падар ва модарро ҷудо мекунанд, ки аз рӯйи мундариҷа, табиат ва шаклҳои зуҳурот фарқ мекунанд [4; 41; 39; 90; 95]. Ғамхории модарона ва дилбастагӣ ба фарзанд аз ҷониби модар сабабияти биологӣ дорад, падарона бошад, чуноне, ки М. Мид қайд мекунад, ин «ихтироъи иҷтимоист» [57]. Таҳқиқоти солҳои охир нишон медиҳанд, ки стереотипи мард ва падар ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтаанд, нақшҳои падарӣ ба васеъ гардидаанд. Омӯзиши системанокки таъсири шахсияти падар ба рушди психикӣ ва шахсиятии кӯдак нишон дод, ки образи падар вазифаи ҳомӣ, такягоҳ, дастгирии худэҳтиромнамоӣ, худмуайяннамоии ҷинсро иҷро мекунад, омили муҳимми беҳбудии психологӣ мебошад [41]. Р. Скиннер ба нақши падар мавқеи хоссаро қоил аст. Падар барои кӯдак "пулест" миёни модар ва олами атроф, мавҷудияти ӯ ба кӯдак кумак мекунад, то вазифаи ҷудогардӣ аз модарро ухда намояд. Ӯ ба кӯдак боввариро илқо мекунад, то ба ҷомеа ворид гардад [96]. Мушоҳидаҳои зери роҳбарии Б. И. Кочубей анҷомёфта нишон доданд, ки кӯдаконе, ки падаронашон дар соли аввали ҳаёт дар нигоҳубини ҳаррӯзаи онҳо каме ҳам бошад иштирок мекунанд, аз одамони ношинос камтар меҳаросанд, бо омодагии бештар бо кӯдакони дигар дар робита мешаванд [41]. Э. Фромм фарқияти муҳаббати падар ва модарро нисбати фарзанд таъкид мекунад. Фарқият дар он зоҳир мегардад, ки муҳаббати модар беғаразона аст, вале муҳаббати падарро мебояд "ба даст овард", ба комёбиҳо ноил бояд гашт. Ба андешаи Э. Фром, ҳар ду мавқеи волидон

ба талаботи кӯдак мувофиқанд ва аз он зинаи синнусолие вобастаанд, ки кӯдак дар он қарор дорад [99]. Таҳқиқоти Ю. В. Евсеенкова собит намуданд, ки иштироки падар дар тарбияи фарзанд шарти муҳимми рушди мукаммали шахсияти кӯдак маҳсуб меёбад. Ҳамзамон муҳим аст, ки падар маҳз вазифаҳои падарии худро анҷом диҳад, на ин ки ҷонишини модар бошад. Вазифаҳои волидон бояд дақиқ муайян гашта бошанд [23]. Ҳангоми таҳқиқи нақши падар дар вазъияти иҷтимоии рушди кӯдаки синни томактабӣ робита миёни рафтори кӯдак ва услуби тарбияи падар дақиқ муайян карда шуд. Муайян гардид, ки агар падар эътибори паст дошта бошад, ба мустақилияти фарзанд бовар надошта бошад, ба худ ҳамчун ба тарбиятгар бовар надошта бошад, фарзандро ба интизом даъват накунад ва миёни падару модар дар масъалаҳои тарбияи фарзанд гуногуннназарӣ мавҷуд бошад, ба фарзанди ӯ бештар рафтори манфӣ хос аст (ҷалби диққати калонсолон тавассути амалҳои харобиовар, агрессия дар намуди ҷанҷол, гапнодарой ё рафтори мухолифона) [33]. Дар як қатор таҳқиқот собит гардидааст, ки маҳз меҳрубонии падарӣ барои аз ҷониби фарзандон аз худ гардидани арзишҳои оилавӣ, ташаккули муносибати наврасон ба чунин масоили иҷтимоӣ аз қабили никоҳ, ҷудошавӣ, нақшҳои ҷинсӣ, дастгирии ҳамсолон, беҳбудӣ ва ҳамли наврасӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад [113]. Андеша оид ба он, ки таъсири падар бештар дар тарбияи писарҳо намоён мегардад, тағйир ёфт. Муносибати хуб бо падар чӣ барои духтар ва чӣ барои писар ба ташаккули Ман-консепсия мусоидат мекунад, ки имкон медиҳад, то  масъалаҳои рушди маърифатӣ ва муносибатҳои байнишахсиро нисбат ба кӯдакони бепадар калоншуда хубтар уҳда намоянд [14].

Ба тасдиқи гуфтаҳои боло муҳаққиқи ватанӣ Абдурашитов Н.Ф. зимни таҳқиқи масъалаи барқарорсозии муносибатҳои кӯдакон бо волидайн чун омили мутобиқгардии иҷтимоии наврасони ба ҳуқуқвайронкунӣ дастзананда аз озмоиши ташаккулдиҳанда истифода

намуда, ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Ӯ, аз ҷумла қайд мекунад: “Меъёрҳои самаранокии кор дар доираи барномаи машғулиятҳои таълимӣ инҳоянд: а) дар волидони наврасон дарки ҳаёт дар умум баланд мегардад, муносибати онҳо дар низоми “ҳамкории кӯдакона-волидона” ба сатҳи нав мебарояд, ки ба қабули ҳамдигарӣ, эҳтиром ва муҳаббат асос ёфтаанд; б) дар наврасон қобилияти татбиқи донишу маҳоратҳо ва зимни таҷрибаи бадастомада ҳангоми муносибат бо одамони атроф муваффақона амал намудан ташаккул меёбад, ки ҳамчун афзалияти муносибати мусбӣ бо ҷомеа тавсиф меёбад; в) ҳолати функсионалии психологӣ таҳким меёбад; г) раванди барқарорсозӣ образи волидонро дар назари наврасон ба маънии мусбӣ дигаргун месозад, ҳудуди имконоти психосотсиалӣ ва шахсиятии наврасро барои қабули қарорҳои мустақилонаи марбути муносибатҳои кӯдакон бо волидон фаррох месозад, сатҳи розигии волидонро аз наврасон баланд мегардонад, ки аз қаноатмандии волидон ва инчунин аз рушди муносибати заминавии волидон нисбат ба наврас ва қабули ӯ ҳамчун шахсият гувоҳӣ медиҳад” [115, с. 158].

Натиҷаи таҳлили боло гувоҳи он аст, ки пешгирии рафтори агрессивӣ дар кӯдакону наврасон масъалаест, ки танҳо дар сурати ҳамкории зичи ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ аз қабили оила, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, расонаҳо, шуъбаи кор бо ноболиғони ВКД ва умуман, ҷомеа имконпазир мегардад.

### Хулосаҳои боби аввал

1. Таҳлили адабиёти психологӣ ва педагогӣ нишон медиҳад, ки сабабҳои аслӣ ва таъсиргузори агрессия дар давраи наврасӣ бисёрҷанбаанд ва метавон онҳоро ба якчанд самт тақсим намуд: хусусиятҳои шахсиятӣ, синнусолӣ, таъсири оила, шароити осебовари иҷтимоӣ, омилҳои идеологӣ ва вазъи умумии сиёсати ҷомеа. Агрессияи наврасӣ метавонад дар шаклҳои гуногуни рафтор зоҳир гардад, аз ҷумла

дар шаклҳои асоциалӣ, ки ба рафторҳои номатлуб ва таҳқиромез, осебҳои ҷисмонӣ, ҳамлаҳои ҷиноятӣ (куштор, таҷовуз ба номус), вайрон кардани моликият, гурехтан аз хона, истеъмоли машрубот ва моводи мухаддир ва дигар рафторҳои хатарнок алоқаманданд. Аз нуқтаи назари таҳқиқоти назариявӣ, консепсияҳои сарчашмаҳои агрессивӣ метавонанд ба ду гурӯҳ ҷудо карда шаванд. Гурӯҳи якум назарияҳое мебошад, ки агрессивнокиро ҳамчун хосияти модарзодӣ ва ғаризавии инсон арзёбӣ мекунанд. Масалан, ба назарияи психоаналитикӣ ва ғаризаҳои танатос ва либидо, ки З. Фрейд пешниҳод кардааст, метавон ишора намуд, ки дар он рафтори агрессивӣ ҳамчун аксуламали инстинктҳои асосӣ таҳлил мешавад. Гурӯҳи дуюм назарияҳоеро фаро мегирад, ки агрессияро ҳамчун хусусияти бадастовардашуда ва рушди иҷтимоӣ-мадании рафтор баррасӣ мекунанд. Дар ин раванд омилҳои иҷтимоӣ, тарбия, муҳити оилавӣ ва таъсири ҳамсолон нақши асосӣ мебозанд. Ба ибораи дигар, агрессия ҳам заминаи биологӣ дорад ва ҳам натиҷаи таҷриба ва таҳсили иҷтимоӣ мебошад. Бо назардошти таҳқиқоти муосир, омилҳои шахсиятӣ ва эмотсионалии наврас, аз қабили паст будани назорати эмотсионалӣ, маҳдуд будани аксуламалҳои рафторӣ дар вазъиятҳои стрессӣ, нокифоя будани эмпатия, сатҳи баланди изтироб ва худбаҳодиҳии номувофиқ, метавонанд ба таҳкими тамоюли агрессивӣ мусоидат кунанд. Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки ин омилҳо дар ҳамкорӣ бо шароити иҷтимоӣ ва оилавӣ шакл мегиранд ва барои пешгирӣ ва ислоҳи рафтори агрессивии наврасон барномаи системавӣ ва маҷмуи тадбирҳоро тақозо мекунанд.

1. Дар кори мазкур мо рафтори агрессивиро новобаста аз он, ки дар кадом шакл зоҳир мегардад, ҳамчун рафторе муайян месозем, ки мақсади он расонидани зарар ба ягон объект буда, ба меъёрҳо ва қоидаҳои дар ҷомеа қабулгаштаи рафтор мухолифанд. Агрессия дар тавсифоти шахсиятии наврасон дар рафтори муайян, асосан, ҳамчун шакли муқобилият ба

зидди фаҳмида нашудан аз ҷониби калонсолон, аз сабаби қаноатманд набудан аз мавқеи худ дар ҷомеа, ташаккул меёбад ва зоҳир мегардад.

1. Кори ислоҳнамоӣ бо кӯдакони агрессивнок бояд бар асоси тартиби систематикӣ ва ҷиддӣ амалӣ карда шавад. Дар амал, ин раванди ислоҳнамоӣ бояд чанд унсури муҳимро фаро гирад: 1) Барқарор намудани алоқа бо кӯдак ва ташаккули эътимод ба мутахассис – сохтани робитае, ки кӯдак худро дар фазои бехатар эҳсос кунад, барои татбиқи тадбирҳои минбаъдаи ислоҳнамоӣ заминаи муҳим фароҳам меорад. 2) Эътинонамоии эмотсионалии агрессия ва оромнамоӣ – кӯмак ба кӯдак дар шинохт ва идора кардани эмотсияҳои манфӣ, аз қабили ғазаб ва асабоният, бо истифодаи усулҳои мусбӣ ва машқҳои рафтории эмотсионалӣ. 3) Бартарафнамоии стереотипҳои патологӣ ва ташаккули қобилияти қабул намудани худ – кор бо наврас барои тағйир додани назарҳои носолим ва афкори манфии худро, ҳамчунин рушди ҳисси худшиносии мусбӣ ва қобилияти эътироф намудани маҳдудиятҳо ва имкониятҳои худ. 4) Коркард ва таҳкими малакаҳои рафтори мутобиқшавандагӣ – омӯзиши наврасон ба истифодаи стратегияҳои рафтории конструктивӣ, ки дар вазъиятҳои иҷтимоӣ ба онҳо имкон медиҳанд, ки рафторҳои агрессивиро иваз намуда, муносибатҳои ҳамсолон ва калонсолонро беҳтар созанд.
2. Ин раванд бояд ҳам дар шакли инфиродӣ ва ҳам гурӯҳӣ татбиқ шавад ва ҳамаи марҳилаҳои он бо назардошти хусусиятҳои инфиродии кӯдак тарҳрезӣ гардад, то ки таъсири он ба ҳадди аксар самарабахшӣ бирасад.
3. Пешгирии рафтори агрессивӣ дар кӯдакону наврасон масъалаест, ки танҳо дар сурати ҳамкории зичи ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ аз қабили оила, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, расонаҳо, шуъбаи кор бо ноболиғони ВКД ва, умуман, ҷомеа имконпазир мегардад.

# БОБИ 2. ТАҲҚИҚИ АМАЛИИ ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ НАВРАСОНИ МАЙЛ БА РАФТОРИ АГРЕССИВИДОШТА

## 2.1. Тавсифи методҳои таҳқиқи хусусиятҳои психологии наврасони майл ба рафтори агрессивидошта

Мо дар боби якуми диссертатсия доир ба омилҳои бавуҷудоварандаи ҳолати агрессивии наврасон, назарияи олимони ватанию хориҷиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. Бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои психологии наврасони рафтори агрессивӣ доштаро шарҳ додан мушкилиҳои худро дорад. Дар раванди таҳқиқот ба хулосае омадем, ки бештар ба консепсияи психологӣ диққати махсус диҳем. Консепсияи психологӣ ҷойгоҳоеро ишғол мекунад, ки дар раванди ташаккулёбии рафтори агрессивӣ дар наврасон нақши асосиро омиҳои психологӣ мебозанд. Бояд қайд кард, ки зери таъсири омилҳои психологӣ дар наврасони рафтори агрессивӣ тағйиротҳои муайян ба амал меоянд. Бинобар ин, дар таҳқиқотҳои психологӣ кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки бо роҳу усулҳои гуногун хусусиятҳои психологии наврасони дорои рафтори агрессивӣ доштаро ошкор намоем.

Агрессия дар давраи наврасӣ, як шакли рафтори девиантӣ ба ҳисоб рафта, як мушкили таъхирнопазир аст. Тадқиқоти мо ба омӯзиши зуҳури рафтори агрессивӣ дар муҳити наврасон равона гардида, аз ин рӯ муҳим аст, ки хусусиятҳои равонии марҳалаи мазкур бештар шарҳ дода шаванд. Ин давраи синнӣ бо ноустувории эмотсионалӣ болоравии сатҳи худшиносӣ ва тамоюли афзоишёфтаи мустақилияту инфиродият, душвориҳо дар муошират бо калонсолон (масалан, саркашӣ ва якравӣ), ташаккули худбаҳодиҳӣ ва хислат, инчунин бо хатари пайдоиши акцентуатсияҳои шахсият ва ноустувории равонӣ тавсиф мегардад. Дар адабиёти илмӣ олимон сабабҳои гуногунро таъкид менамоянд, ки метавонанд ба ташаккул ва зоҳиршавии рафтори агрессивӣ дар наврасон мусоидат намоянд. Сабабҳои зеринро ҷудо мекунанд:

- ✓ Омилҳои шахсиятӣ – сатҳи пасти худбаҳодиҳӣ ва камбудиҳои тарбиявӣ, тамоюл ба бепарвоӣ, вобастагиҳои гуногун, майли аз ҳад зиёд ба таваккал, набудани ҳисси масъулият дар ҳифзи шахсӣ ва дигар хусусиятҳои манфӣ.
- ✓ Омилҳои рафторӣ – зуҳури рафтори девиантӣ, аз қабили вандализм, оворагардӣ, паст будани сатҳи таҳсил, қафомонӣ дар мактаб ва дигар шаклҳои носолими рафтор.
- ✓ Омилҳои иҷтимоӣ – густариши зӯроварӣ дар муҳити ҷомеа, таъсири манфии васоити ахбори умум, мавҷудияти рафтори девиантӣ дар байни волидайн, сатҳи пасти иҷтимоиву иқтисодии оила, вобастагӣ аз кумаки иҷтимоӣ, тағйирёбии парасторон (падар ё модар), таҷрибаи зӯроварии хонаводагӣ ва ҷинсӣ, инчунин таъсири ҳамсолоне, ки рафтори агрессивӣ нишон медиҳанд.

Ба назари мо дар кӯдак рафтори агрессивӣ дар вайрон кардани муносибатҳо бо дигарон ташаккул меёбад. Дар синни 7-солагӣ кӯдаке, ки худро дарк карда инкишоф меёбад, нисбат ба фикрҳо, арзишҳо, эмотсияҳои худ ҳасос мешавад, аз ин рӯ, иродаи нек нисбат ба дигарон ба таври назаррас коҳиш меёбад, вақте ки шахсияти онҳо дар оила ба эътибор гирифта намешаванд, ӯро маҷбур мекунанд, ки ҳатман дар зери тобеияти каси дигар бошад. Дар наврасон муносибатхое, ки шахсият ва озодии ӯро пахш мекунанд, якбора муносибати хайрхохона нисбат ба дигарон кохиш ёфта, чойи онро хашмгинӣ ва хусумат, ки аксарияти ҳолатҳо хамчун аксуламали мудофиавӣ ба ҳисоб мераванд, иваз мекунад. Рафтори агрессивии наврасон аксар вақт ҳамчун муҳофизатӣ ҳисобида мешавад. Дар натиҷа, рафтори агрессивӣ дар баъзе наврасон мубориза бар зидди рафтори муқаррарӣ карда мешавад. Наврасон беш аз пеш дағалона, ғазабнок, ҳасадхӯр мешаванд, муваффақияти ҳамсолони худро бо ҳасад аз сар мегузаронанд, дар баҳодиҳӣ ва изҳорот бепарво мешаванд, омодаанд барои “қасосгирӣ”, “дарс омӯзанд”, “озор додани”

ҳамсолони准нописанди худ кӯшишҳои зиёд ба харҷ диҳанд ва ба ин васила ба онҳо таъкид мекунанд. Шаклҳои гуногуни рафтори агрессивӣ дар наврасӣ метавонанд бо мурури замон устувор гардида, ба хислати нисбатан доимии рафтор табдил ёбанд. Тавре ки Л.М. Семенюк [95] таъкид менамояд, зуҳури рафтори агрессивӣ дар наврасон вобаста ба синну сол ва омилҳои иҷтимоию равонӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Пеш аз ҳама, ба ташаккули чунин рафтор омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, аз ҷумла синну сол, ҷинс, хусусиятҳои инфиродии равонӣ, сатҳи инкишофи ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ. Хусусиятҳои синнусолӣ дар навбати худ шаклҳои зуҳури агрессияро муайян мекунанд.

Аз дидгоҳи самти деструктивӣ (вайронкунанда), се навъи асосии ихтилоли рафтори наврасонро метавон ҷудо кард. Яке аз онҳо *намунаи инфиродии рафтори агрессивӣ* мебошад, ки дар он шаклҳои ҷисмонӣ ва лафзии агрессия бештар ба назар мерасанд ва асосан ба ҳамсолон ва хешовандон равона шудаанд. Барои чунин наврасон хусумат, дашном, саркашӣ, нофармонӣ, дурӯғгӯии муқаррарӣ, фирори мактабӣ ва майли вайронкорӣ хос мебошанд. Онҳо рафтори зиддиҷамъиятии худро ошкоро нишон медиҳанд, ба фаъолияти ҷинсӣ барвақт ворид мегарданд ва ба тамокукашӣ, нӯшокиҳои спиртӣ ва истеъмоли маводи мухаддир рӯ меоранд.

*Шакли дигари рафтори агрессивии зиддиҷамъиятӣ* метавонад дар амали бадхоҳона, зӯроварии ҷисмонӣ ва бераҳмӣ нисбат ба ҳамсолон ифода гардад. Дар чунин наврасон робитаҳои иҷтимоӣ коста шуда, қобилияти барқарор кардани муносибатҳои муътадил бо муҳити ҳамсолон маҳдуд мегардад.

Наврасоне, ки рафтори агрессивӣ нишон медиҳанд, тадриҷан аз муҳити ҳамсолони худ дурӣ меҷӯянд. Баъзе аз онҳо бештар бо ҷавононе, ки аз ҷиҳати синнусолӣ калонтар ё хурдтаранд, робита барқарор менамоянд ва ё муносибатҳои сатҳӣ бо ҳамсолоне ба вуҷуд меоранд, ки худ низ ба рафтори зиддиқонунӣ ва зиддиҷамъиятӣ майл доранд. Барои

қисми зиёди чунин наврасон сатҳи пасти худбаҳодиҳӣ, зуҳуроти эгосентризм, эҳсоси ноумедӣ ва эҳтиёҷоти аз ҳад зиёди вобастагӣ хос мебошанд. Дар аксар ҳолатҳо нисбат ба онҳо намудҳои гуногуни ҷазо истифода бурда мешаванд, ки ба ҷои ислоҳ бештар эҳсоси хашм ва андӯҳро тақвият мебахшанд ва мушкилотро ҳалли муассир намебахшанд [95]. *Намуди гурӯҳии рафтори агрессивӣ* бештар дар фаъолияти коллективии наврасон дар муҳити берун аз хона ифода меёбад. Он метавонад бо аз дарс ғоиб шудан, кирдорҳои харобиовар, вандализм ва зӯроварии ҷисмонӣ нисбат ба калонсолон, шахсони бегона ё намояндагони гурӯҳҳои дигар зоҳир гардад. Дар чунин ҳолатҳо дараҷаи бераҳмии рафтор хеле баланд буда, таъсири муҳими гурӯҳи ҳамсолон дар ташаккули он нақши калидӣ мебозад. Наврасон эҳтиёҷи қавӣ ба ҳамбастагӣ доранд, мехоҳанд узви комили гурӯҳ бошанд, ба дӯстону аъзои гурӯҳи худ содиқанд ва ба онҳо хиёнат намекунанд [31].

Хусусиятҳои рафтори зиддиятноки дигар бештар дар шакли нофармонӣ нисбат ба калонсолон, бахусус падару модар ва омӯзгорон, ифода меёбанд. Барои чунин наврасон асабоният, бепарвоӣ, муқовимати ошкоро ё пинҳонӣ ба талаботи дигарон, кина, шубҳа ва қасосгирӣ хос мебошад. Онҳо зуд ба ҷанҷол меафтанд, сабру таҳаммулро аз даст медиҳанд, ба осонӣ хашмгин мегарданд, дашном медиҳанд ва рафтори хашин зоҳир месозанд. Ҳамчунин, аксаран дар иҷрои талабу дархостҳо саркашӣ менамоянд, бо дигарон низоъ ба вуҷуд меоранд ва масъулиятро ба дӯши дигарон меандозанд. Чунин зуҳурот на танҳо дар муҳити хонаводагӣ ва мактаб, балки дар муносибат бо ҳамсолон ва калонсолоне, ки барои наврасон шиносанд, низ ба назар мерасад.

Ин навъи рафтор ба ташаккули муносибатҳои солим бо дигарон ва ба даст овардани муваффақият дар таҳсил халал мерасонад. Чунин наврасон, одатан, эҳсоси мусбат нисбат ба худ надоранд, аз рафтори шахсиашон қаноатманд нестанд, сатҳи пасти фаъолиятҳои таълимиро нишон медиҳанд ва аз корҳои синфу мактаб канораҷӯӣ мекунанд. Онҳо

бештар кӯшиш мекунанд мушкилоти шахсии худро мустақилона, бидуни мурочиат ба кӯмаки дигарон ҳал намоянд [49].

Аз дидгоҳи иҷтимоӣ, ду шакли асосии рафтори агрессивӣ ҷудо карда мешаванд: *агрессияи иҷтимоӣ* ва *агрессияи ғайриҷтимоӣ*. Ба гурӯҳи аввал наврасоне мансубанд, ки ихтилоли равонии равшан надоранд, вале бинобар паст будани сатҳи ахлоқ ва сустии механизми худтанзимкунии рафтор ба шароити гуногуни иҷтимоӣ ба осонӣ мутобиқ мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм бошад, онҳое дохил мешаванд, ки ҳолати манфии эҳсосӣ доранд ва чунин ҳолат бештар ҳамчун вокуниш ба стресс, осеби равонӣ ё нокомиҳои такрорӣ дар ҳалли мушкилот ифода меёбад [43].

Дар наврасон чунин вокунишҳо бо аксуламалҳои аффективии номувофиқ зуҳур мекунанд. Сабаби асосии онҳо нобасомонии қонеъшавии ниёзҳои ҳаётан муҳим ё ихтилофи байни онҳо мебошад. Ин зуҳурот бештар дар рафтори мактабӣ инъикос меёбанд: афзоиши хашм, якравӣ, нигилизм, ҷудошавӣ аз гурӯҳ, ноустувории эҳсосотӣ ва ғайра. Ҳолате, ки онро “аффекти нокифоя” меноманд, ба сифати ҳолати устувори эҳсосӣ дар наврас ташаккул ёфта, дар заминаи нокомиҳо ба вуҷуд меояд. Дар чунин шароит, наврас майл дорад аз эътирофи гуноҳ худдорӣ намояд ва нокомиро нодида бигирад [68]. Омилҳои пайдоиши чунин аффект афзоиши талабот дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ва муошират, нокомӣ дар қонеъ кардани онҳо ва ташаккули худшиносии ибтидоӣ мебошанд. Дар натиҷа, наврас муносибати манфии атрофиёнро ҳамчун беадолатӣ арзёбӣ мекунад, ҳарчанд сабаби воқеӣ аксаран дар маҳдудиятҳои худи ӯ, масалан, сустхонӣ, ҷойгир аст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки шумораи зиёди наврасон аксуламалҳои номуносиб зоҳир мекунанд, ки боиси ташаккули шахсияти ноустувор мегардад ва бартарафсозии он душвор аст. Ҳамзамон, ин раванд бештар бо иҷрои нокифояи фаъолияти таълимӣ алоқаманд аст.

Мушкил на худи нокомӣ, балки тарзи қабул ва арзёбии он аз ҷониби наврас аст: ӯ интиқоди ба самти фаъолияти таълимӣ

равоншударо ҳамчун арзёбии шахсияти худ қабул мекунад ва онро беадолатӣ мешуморад [2]. Барои чунин наврасон аксуламалҳои аффективӣ бо таркиш ва зуҳуроти агрессия хос мебошанд, ки метавонанд ба рафтори зиддиҷамъиятӣ табдил ёбанд. Баландшавии ҳаяҷонбахшии системаи асаб, таҷдиди сохтори эндокринӣ ва тағйироти шахсияти наврасӣ заминаи хуруҷи ҳолатҳои эҳсосиро фароҳам меоранд. Дар чунин шароит, баҳодиҳии воқеии вазъият ва интихоби воситаҳои муносиб барои вокуниш душвор мегардад. Шаклҳои гуногуни агрессия ба давраҳои муайяни синнусолии наврасӣ вобастагӣ доранд [2].

Ҳамин тариқ, дар давраи наврасӣ агрессияи ҷисмонӣ дар писарон ва дар духтарон агрессияи шифоҳӣ бартарӣ дорад. Дар синни 12-13 солагӣ духтарон ва писарон чунин шакли агрессия ба монанди негативизм, рафтори мухолиф, ки пеш аз ҳама, бар зидди рафтори ноадолатона нигаронида шудааст, зоҳир мешаванд. Онро ҳам дар шакли муқовимати пассивӣ ва ҳам дар шакли муборизаи фаъолона ба муқобили қоидаҳо, нормаҳо ва урфу одатҳои мавҷуда ифода кардан мумкин аст. Дар давраи муайяншудаи синну сол дар байни писарон агрессияи ҷисмонӣ ва дар байни духтарон ҷойи дуюмро агрессияи лафзӣ ишғол мекунанд. Дар синни 14-15-солагӣ дар писарон негативизм ва агрессияи лафзӣ дар духтарон ҳукмфармост. Шумораи зиёди муҳаққиқон робитаи байни изтироби мактабӣ ва агрессияро таъкид мекунанд [2; 31; 36 ва диг.]. Ин муносибат, махсусан, дар байни писарон зиёд ба чашм мерасад. Ташвишҳои мактабӣ бевосита бо агрессияи ҷисмонӣ ва ғайримустақим, асабоният алоқаманд аст. Аз як тараф, изтироб нисбати мактаб метавонад боиси рафтори агрессивонаи хонандагон гардад. Тарс аз баҳои паст, эродҳо, муноқишаҳо бо дигар хонандагон, нороҳатии эмотсионалӣ метавонад рафтори агрессивиро ба вуҷуд орад. Аз тарафи дигар, наврасони агрессивнок пайваста аз ҷониби омӯзгорон ва ҳамсолон нисбат ба худ муносибати манфиро барангехта, дар дохили мактаб изтироби зиёдро эҳсос мекунанд. Дар доираи мактаб бераҳмона

аз ҷониби ҳамсолон ба вуҷуд меояд, рафтори агрессивиро тақвият медиҳад ва ба норозигӣ аз мактаб мусоидат мекунад.

Муайян карда шудааст, ки чунин шакли агрессия ба монанди таҳқир дар наврасон бо тарси баёни худ, санҷиши дониш алоқаманд аст. Дар духтарон сатҳи баланди тасвирҳо таҷрибаи фишори иҷтимоиро коҳиш медиҳад, яъне тасвир як навъ ҳимояи психологӣ аз мушкилоти мактабӣ мебошад. Писарон мушкилоти мактабро нисбат ба духтарон дарднoктар дарк мекунанд. Аз тарафи дигар, наврасони агрессивнок пайваста аз ҷониби омӯзгорон ва ҳамсолон нисбат ба худ муносибати манфиро барангехта, дар дохили мактаб изтироби зиёдро эҳсос мекунанд. Дар доираи мактаб бераҳмона аз ҷониби ҳамсолон ба вуҷуд меояд, рафтори агрессивиро тақвият медиҳад ва ба норозигӣ аз мактаб мусоидат мекунад. Муайян карда шудааст, ки чунин шакли агрессия ба монанди таҳқир дар наврасон бо тарси баёни худ, санҷиши дониш алоқаманд аст. Дар духтарон сатҳи баланди тасвирҳо таҷрибаи фишори иҷтимоиро коҳиш медиҳад, яъне тасвир як навъ ҳимояи психологӣ аз мушкилоти мактабӣ мебошад. Писарон мушкилоти мактабро нисбат ба духтарон дарднoктар дарк мекунанд. Наврасон бо ҷамъшавии тасвирҳо таъсири вазъиятҳои стрессии марбут ба ҳаёти мактабро бештар эҳсос мекунанд [2].

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда истода, хулоса намудан мумкин аст, ки агрессия дар наврасон чун хусусияти шахсиятӣ баромад намуда, зимни иҷтимоигардӣ дар ҷомеа шакл мегирад ва аксуламали организмро ба ангезаҳои ботинӣ ва беруна ифода мекунад. Аз ин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки падидаи мазкур дар овони наврасӣ зуҳуроти маъмулист. Ташаккули рафтори агрессивӣ дар давраи мазкур аз омилҳои ба ҳам марбуте ба монанди омилҳои психологиву биологӣ, омилҳои муҳит ва хусусиятҳои фардӣ-психологӣ. Зуҳуроти рафтори агрессивӣ дар шакли фаъоли онҳо, пеш аз ҳама, бо шароити таълим, шароити иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Зуҳуроти рафтори агрессивӣ дар

наврасон аз рӯйи синну сол ва ҷинс хусусиятҳо муайян карда мешавад. Бо ихтилоли шахсияти рафтор, агрессия дар наврасон ба дараҷаи патологӣ мерасад.

Барои аз субъективизм канора гирифтану ахбори муҳимму пурмуҳтаворо соҳиб шудан, коршиносро зарур меояд, ки аз чунин методҳои психологии навбатӣ истифода барад: ченаки баҳодиҳӣ ва омилҳои шахсӣ. Ин омилҳоро нейротизм, экстроверсия ва интраверсия, методикаи “Агрессияи шахс” маҷмуаи методҳои лоиҳавии психологӣ, саволномаи ташхиси патохарактерологӣ (А.Е.Личко), методикаи ташхиси таъҷилии хусусиятҳои характерологии шахси Айзенк дар модификатсияи Т.В. Матолин, тести ташхиси агресивнокии Басс – Дарк ташкил медиҳанд. Мутахассис ҳангоми гузаронидани ташхиси психологӣ бештар ду ченакро истифода мекунад:

- рӯйхатти сифатҳое, ки хусусиятҳои асосии шахсиятро тавсиф медиҳанд;
- ба воситаи пурсишнома ошкор кардани хусусиятҳои шахсият.

Илова ба ин, барои муайян намудани хусусиятҳои психологии наврасоне, ки рафтори агрессивӣ зоҳир мекунанд маълумотҳои зерин ҷамъоварӣ карда мешаванд:

1. *Муносибатҳои байнишахсӣ дар оила ва мактаб.* Бо одамон ба осонӣ ё ба мушкилӣ муошират барқарор мекард; муносибати ӯ бо одамон самимӣ буд ё аз рӯйи расмият; ӯ дӯстони ҳақиқӣ дошт ё не; дар миёни дӯстон буданро мехост ё танҳоиро ихтиёр мекард?

2. У*сули коммуникатсия (ахборӣ).* Ҳангоми муошират кушода буд ё ин ки суханро дар ботин нигоҳ медошт, фикрҳои ӯ дар эмотсияаш ё ҳаракатҳояш эҳсос мешуданд ё не?

3. *Муносибатҳои оилавӣ.* Вазъи оилавӣ: мушкилот, ихтилофҳо аз кадом сабабҳо мешуд; чанд маротиба дар оила мавриди зуроварӣ қарор гирифтааст; чанд муддат хонадор буд; наврас бо кӣ ва дар куҷо зиндагӣ мекард; тағйиротҳои муҳим дар муносибат бо волидайн; муносибати

аъзои оила ба майпарастиву нашъмандӣ чӣ гуна буд; умуман, муносибати аъзои оила бо якдигар дар кадом сатҳ қорор дошт?

4. *Мушкилиҳои шахсӣ дар давраи наврасӣ.* Ҳаракатҳо дар мавриди сухангӯй ва афсурдагӣ баҳогузорию гурӯҳбандӣ карда мешуд; таҳлил мегардид, ки шояд ин амалҳо боиси ба рафтори агрессивӣ даст задани ӯ шуда бошанд?

5. *Ҳолати саломатии ҷисмони наврасон.* Кадом шаклҳои бемориро вз сар гузаронидааст; бемориҳои ҷиддӣ ва табобати онҳо; тағйиротҳои охирин дар саломатии ӯ; ҷароҳатҳо, ҳолатҳои ногаҳонӣ, омилҳои бистарӣ шудан; рӯйхатти бо низоми истифода аз доруҳо.

6. *Вазъи иқтисодӣ дар оила.* Сатҳи таъминоти молиявӣ, нобарорӣ, зарар ва дигар ҳолатҳои пуливу молӣ.

Чӣ тавре ки дар қисми назариявии кор муайян кардем ба пайдошавии майл ба рафтори агрессивӣ на як, балки маҷмуи омилҳо таъсир мерасонанд. Гузашта аз ин, барои ошкор кардани шахсияти наврасони рафтори агрессивӣ дошта зарурати муайян кардани маҷмӯи хусусиятҳо пеш меояд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо ташхиси хусусиятҳои шахсияти наврасони рафтори агрессивӣ дошта, характери маҷмуавӣ дошта, дар рафти он якчанд хусусият ташхис карда мешавад.

Барои ташхиси хусусиятҳои психологии наврасони зоҳиркунандаи рафтори агрессивӣ доша, одатан, аз методикаҳои зерин истифода мебаранд:

- саволномаи ташхиси патохарактерологӣ ( А.Е.Личко);
- тести ташхиси агрессивнокии Басс – Дарк [49; 44-52].

Дар таҳқиқоти худ мо тасмим гирифтем, ки хусусиятҳои шахсияти наврасони зоҳиркунандаи рафтори агрессивӣ доштаро ба таври васеътар мавриди ташхис қарор диҳем. Бинобар ин, барои ташхис кардани хусусиятҳои психологии наврасони зоҳиркунандаи рафтори агрессивӣ дошта методикаҳои зеринро интихоб намудем:

- методикаи ташхиси таъҷилии хусусиятҳои характерологии шахси Айзенк дар модификатсияи Т.В. Матолин;
- тести ташхиси агрессивнокии Басс – Дарк.

Дар раванди таҳқиқот кӯшиш намудем, ки аз методҳои ташхисӣ истифода намуда, хусусиятҳои психологии наврасони зоҳиркунандаи агресивӣ доштаро ошкор намоем, ки имконияти даст задан ба каҷрафториро доранд, зеро таҳқиқ кардани хусусиятҳои психологии наврасони зоҳиркунандаи рафтори агрессивӣ, мушкилиҳои худро дорад ва оқибат натиҷаҳои нохубро дар пай доранд. Дар аксари ҳолатҳо наврасони зоҳиркунадаи рафтори агрессивӣ ҳаёти худро аз даст медиҳанд метавонанд ба рафтори суитсидӣ ва ё гирифтори вайроншавиҳои психикӣ мегарданд. Бо ҳамин мақсад, дар рафти тадқиқот кӯшиш намудем аз методҳои ташхисие истифода барем, ки тавассути онҳо наврасони майл ба рафтори агрессивӣ доштаро ошкор намудан мумкин аст.

Имрӯзҳо мо мушоҳида намуда истодаем, ки рӯз аз рӯз рафторҳои агрессивӣ байни наврасон зиёд гашта истодааст. Аз он ҷумла ҷангу ҷидолҳои гурӯҳи байни наврасон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ҳамаи ин маълумотҳо моро водор намуд, ки ҷараёни таҳқиқотии худро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо хонандагон гузаронем. Дар рафти таҳқиқоти худ, мо кӯшиш намудем, бо истифода аз методикаҳои ташхисӣ, хусусиятҳои психологии хонандаҳоеро ошкор созем, ки майл ба рафтори агрессивӣ доранд.

Дар боби мазкур гурӯҳи таҳқиқотӣ, ҳаҷми гурӯҳ, тарзи интихоби гурӯҳи интихобӣ, воситаҳои гирдоварии иттилоот, эътимоднокӣ ва боваринокии натиҷаҳои бадастомада мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Ин таҳқиқот аз назари ҳадаф аз навъи таҳқиқоти корбурдӣ мебошад. Ҳадаф аз таҳқиқоти корбурдӣ ба даст овардани дониши лозим ҷиҳати таҳия воситаҳои таҳқиқот аст, ки ба васила он ниёзи мушаххас шинохта шуда, ба даст оварда мешавад.

Ҳадафи ин таҳқиқ кашфи дониши нав мебошад ва он стратегияи мушаххас дар бораи маҳсул ё натиҷаеро дар воқеият таҳлил мекунад. Кӯшиши бо сухани дақиқтар баён намудан ва таҳқиқи стратегиест, барои ҷавоб додан ба як мушкили амалӣ, ки дар дунёи воқеӣ вуҷуд дорад.

Ин таҳқиқот аз нуқтаи назари тавсифи зуҳуроти мавриди назар, стратегия ва усули гирдоварии иттилоот баррасӣ гардидааст. Дар таҳқиқоти тавсифӣ моҳияти зуҳуроти омӯхташаванда кушода мегардад, тағйирёбандаҳо муайян мегарданд ва ҳадафи таҳқиқ муқаррар карда мешавад. Ба иборaи дигар таҳқиқоти мазкур зимни озмоиши муқарраркунанда амалӣ гардида, вазъи феълии зуҳуроти омӯхташавандаро баррасӣ мекунад ва натиҷаҳои он барои дурнамои кор бо кӯдакони агрессивнок ва пешгирӣ аз рафтори агрессивӣ муфид хоҳад буд.

Бо ҳамин мақсад дар ин таҳқиқот аз ду пурсишнома истифода шуда аст, ки иборат аз пурсишномаи методикаи агрессияи шахс ва пурсишнома методикаи ташхиси таъҷилии хусусиятҳои характерологии шахси Айзенк (дар модификатсияи Т.В. Матолин) мебошад.

Озмудашавандагони моро хонандагони литсейҳо ва мактабҳое ташкил доданд, ки дар чор ноҳияҳои шаҳри Душанбе аз ҷумла МДТ Литсейи №4 ва МТМУ №35-и ноҳияи Шоҳмансур, гимназияи №4 ва МТМУ №42-и ноҳияи Фирдавсӣ, литсейи №5 ва МТМУ №6-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ, литсейи № 2 ва МТМУ №92-и ноҳияи Сино дар соли 2022 машғули дарс хондан буданд. Ҳаҷми умумии хонандагони муассисаҳои таълимии мазкур бештар аз 10000 нафарро ташкил медоданд.

Дар ин таҳқиқот барои муайян намудани ҳаҷми гурӯҳҳои таҳқиқотӣ аз формулаи маъруфи Кокрейн бо дар назардошти 5% хато истифода шудааст. Бо муроҷиат ба ин ҷадвал ҳаҷми гурӯҳи таҳқиқотӣ (намуна) барои теъдоди 10000 хонанда, 400 хонанда дар назар гирифта шудааст.

Барои интихоби намунаи мавриди назар, усули одии интихоби синфҳо ҳамчун намуна интихоб карда шуд. Ин шумораи одамон дар ҷадвали зер нишон дода шудааст.

Равишҳои ҷамоварии иттилоот:

*Ҳуҷҷатҳо.* Мавриди зикр аст, ки мо дар таҳқиқоти худ аз адабиётҳои зиёд истифода бурдем, аз ҷумла, ба фаслномаҳо, моҳномаҳою, таҳқиқотҳои анҷомшуда, дар ин соҳа истифода гардидааст.

*Усули саҳроӣ.* Дар равиши майдонӣ мо аз тестҳои стандартии Айзенк ва Басс-Дарк, ки дар хусуси агрессия мебошад, истифода бурдем. Озмудашавандагон метавонистанд, ба таври озод ҷавоб диҳанд дар вақти натҷагирӣ мо ҷавобҳои пешниҳод шударо ба ду бахш тақсим намуда, онҳоро рамз гузорӣ кардем.

Сараввал барои озмоиш барои 30 нафар хонандагони мактабҳо саволномаи Басса-Дарк ба таври тасодуфи пешниҳод гардиданд, ки натиҷаи он бо истифода аз санҷиши алфавии Кронбах ва нармафзори SPSS таҳлил шуд ва коэффисиенти коррелятсияи α=0/78 ба даст омад. Ва ҳамчунон пурсишномаи дувумиро дар хусуси типи шахсият аз пурсишномаи стандартии типи шахсияти Айзенк дар 60 савол тартиб дода, ҳамчунон ба хонандагони мактабҳои зикршуда пешниҳод гардид ва натиҷаи он бо истифода аз санҷиши алфаии Кронбах ва нармафзори SPSS таҳлил шуда, коэффисиенти коррелятсияи α=0/79 ба даст омад.

Бояд қайд кард, ки пурсишномаҳои дар боло зикршуда, пас аз хондан ва таҷдиди назар кардани роҳбари илмиам дар 84 савол ба мадди назар гирифта шуда, дар миёни намунаи оморӣ ба теъдоди 400 адад пурсишнома дар чор ноҳияи дар боло зикр шуда гузаронида, ки аз ин теъдоди пурсишномаи анҷомшуда 400 адад аз пурсишномаҳои пешниҳодгардида ҷиҳати таҷзияу таҳлили оморӣ қарор гирифт.

Минбаъд натиҷаҳои бадастомада дар қисмати омории тавсифӣ дар шакли ҷадвалҳо таҳия гардида, фоизи онҳо барои мушаххас кардани

ҷинсият ва мактабҳо дар қисмати аввали пурсишнома истифода шуда аст.

Дар таҳқиқоти мазкур 8 навъи фарзия баён гардид ва барои таҷзияу таҳлили ин пажӯҳиш аз ду санҷиш истифода шудааст, ки дар панҷ фарзияҳо аз озмуни муқоисаи холҳои миёнаи ду намунаи мустақил истифода карда шудааст. Барои 3 фарзияи дигари он аз формулаи коэффисиенти коррелятсия истифода шудааст, ки ҷиҳати таъид ва инкор кардани фарзияҳои таҳқиқ истифода гардидааст.

## 2.2. Коркарди натиҷаҳои ташхиси хусусиятҳои наврасони майл ба рафтори агрессивидошта

